# ГЕСӮ

## Панҷ достони кӯтоҳ

Душанбе
«Бухоро»
2014

ББК 86.39+87.717
А–57

| | |
|---|---|
| Унвони китоб: | **Лолои Худованд** |
| Муаллиф: | **А. Аминии Деҳақӣ** |
| Муҳаррир | **Мирзо Боқӣ** |
| Ношир: | **«Нашриёти Бухоро»** |
| Замону макон: | **Душанбе, 2012** |
| Шумора: | **500 нусха** |
| Чоп: | **Дуввум** |

**ISBN 978-99947-910-7-1**

© А. Аминии Деҳақӣ, 2012

# Аввалин бӯса

Бардоште озод аз воқеъият

*Баргардон: Исфандиёри Одина*

Дар он гармои мурдодмоҳ[1] воқ-воқи саги ҳамсоя, ки ҷилави дари вурудии сохтмон зери роҳпилла[2] бо таноб баста шуда буд, маро шигифтзада кард. Ҳеч саге дар он гармои баъд аз зуҳри тобистон бе далел ҳоли ин ҳама воқ-воқ карданро надошт, вале ин сарусадо ҳикоят аз иттифоқе ғайримаъмул мекард. Аз қазо, дар он лаҳза барои хӯрдани наҳор мебоист ба рестурон мерафтам. Ба далели хориҷӣ буданам одат доштам қабл аз ин ки дари опортумонро боз кунам, ибтидо аз тариқи чашмӣ[3], ки рӯи синаи дар ҷой дода шуда буд, рафтуомадҳоро дар роҳпиллаи муқобил биковам, то касе дар роҳпиллаҳо ҳузур надошта бошад. Баъд аз ин ковидан дари опортумонро боз мекардам ва сареъ берун мерафтам.

Пушти кафшҳоямро боло кашидам, дастгираи дарро гирифтам ва чашми ростамро муқобили чашмии дар қарор додам. Дуруст муқобили дари опортумон дар қисмати погард ва роҳпилла писарбачае даҳсола, шояд ҳам ёздаҳсола, беқарор истода буд. Гоҳе бо қадамҳои кӯтоҳу оҳиста дар он маҳдудаи погард ҷобаҷо мешуд. Рафтораш ҳокӣ аз он буд, ки намехост касе аз ҳузураш мутталеъ[4]

*[1] Мурдодмоҳ - панҷумин моҳи хуршедӣ, ки аз 22 июл то 22 август аст.*
*[2] Роҳпилла - зинапояи дохили вурудӣ ё подъезди сохтмонҳои бисёртабақа*
*[3] Чашмӣ - равзанаи дар ё «глазок»*
*[4] Мутталеъ - огоҳ*

гардад. Ҳатто мекӯшид аз манфази[5] чашмӣ дар опортумони рӯбарӯй даруни хонаро кандуков кунад. Вай сипас ба суроғи опортумони ман омад, то дохилашро воковӣ кунад. Мехост мутмаин шавад, ки касе аз ин хонаҳо берун намеояд ё аслан касе дар онҳо ҳузур надорад.

Бештарин нигоҳаш ба роҳпиллаи болоӣ буд. Гоҳе ҳам хам мешуд ва ба роҳпиллае, ки ба пойин хатм мешуд, нигоҳе мекард. Беқарорияшро метавонистам эҳсос кунам, хусусан вақте аз нигаронӣ абрӯҳои нозуку кампушташро дар ҳам гиреҳ мезад, баъд дастони лоғарашро ба пушти камар аз муч[6] мегирифт, то ин ки аз беқарорӣ кафи пояшро ба девори погард[7] такя дод. Ҳамин тур булурҳои арақи рӯи сурати бемӯяш аз канораҳои пешонияш дар он фазои камнур барқ мезаданд. Ҳатто шохаи мӯҳои хиси[8] ба ҳам часбида аз арақи канори баногӯшашро бо ангуштони нозукаш канор зад. Мехост бо панҷаҳояш ҳамчун шона зулфашро шона ва мураттаб кунад. Метавонистам ҳадс[9] бизанам мунтазири чи касе аст, чизе ки ҳар кудом аз мо дар зиндагии кӯдакӣ ва навҷавониямон таҷруба кардаем.

Баякбора чеҳраи гирифтааш гушода шуд!

---

*[5] Манфази чашмӣ - шикофи равзанаи дар*
*[6] Мучи даст - банди даст, пайванди миёни соқа ва панҷаи даст*
*[7] Погард - роҳрави дохили вурудӣ ё подъезд*
*[8] Хис - тар*
*[9] Ҳадс задан - гумон кардан, пиндоштан*

Сафедии дандонҳои бузурги ҷилави даҳонаш бавузӯҳ[10] намоён шуданд. Оби даҳонашро қурт дод[11] (фурӯ бурд) ва шурӯъ кард бо панҷаҳояш беихтиёр зулфашро боло додан.

Бале, духтараке бо пироҳани буланди саросар сурх, бо гулҳои дурушти бунафш, побараҳна, ором аз пиллаҳои[12] болоӣ пойин омад, аз бозувони лухту[13] булӯринаш фаҳмидам, ки чи қадр тоза ва маъсумона аст. Мисли булӯре буд, ки дастнахӯрда бошад, ҳатто дона-дона мӯҳои нарму рез рӯи соъиди[14] дасташ ҳокӣ[15] аз он менамуд, ки ҳанӯз аз худнамоии занонагӣ ҳеч намедонад, танҳо майли ӯст, ки ӯро ба сӯи писарак мекашонад, бидуни ин ки бидонад чиро ба самти ӯ кашиш дорад. Лабҳои ёқутгунааш гушода шуданд ва сафедии дандонҳояшро дар лабханде барои писарак ба намоиш гузошт. Ибтидо ду дасти нисбатан кӯчакашро гирифт ва наҷвокунон[16] ба ӯ наздиктар шуд. Тоза фаҳмидам писарак каме лоғартар ва каме кӯтоҳтар аз духтарак аст. Дар муқоиса бо ӯ, духтарак эҳтимолан як ё ду соле аз писарак бузургтар нишон медод. Аммо ҳарчи буд, бо ҳам таносуб доштанд. Маълум буд писарак таҷрубаи чандоне дар

[10] *Бавузӯҳ - рӯшан, ҳувайдо, ошкор*
[11] *Қурт додан - фурӯ бурдан*
[12] *Пиллаҳо - зинаҳо*
[13] *Лухт - луч, бараҳна, урён*
[14] *Соъид - банди даст*
[15] *Ҳокӣ аз чизе будан - ҳикоят аз чизе доштан*
[16] *Наҷвокунон - розгӯён, пич-пичкунон*

робитаи эҳсосӣ бо духтарон надорад, ҳеч гуна ҳаракате барои наздик шудан ба духтарак анҷом намедод. Билъакс, ин духтарак аст, ки ором ба писарак чизҳоеро наҷво мекард, ки ман намефаҳмидам, ниёз ба лабхонӣ[17] дошт, наметавонистам ба хотири мавқеъияти маҳдуде, ки дар он қарор доштам, бахубӣ лабхонӣ кунам. Пас боистӣ бо он чи мешунидам ва медидам, ҳадс мезадам, ки ин ду то ҷӯҷаи тоза сар аз тухм берун оварда чи чизҳое ба якдигар мегӯянд. Фақат менигаристам, ҳатто ба худам фурсати пилк задан ҳам намедодам, мабодо ин саҳнаи пур аз шигифтиро барои як сония ҳам ки шуда, аз даст бидиҳам. Чашмам аз сӯзиши пилк назаданҳо дошт аз коса берун мезад, он қадр тамаъи дидан доштам, ки намехостам барои сонияе чашм баста кунам.

Духтарак ҳамчунон ки дастони писаракро гирифта буд, нигоҳе ба роҳпиллаи болоӣ андохт, мабодо модараш аз он боло сарак бикашад[18]. Каме баданашро ҳамроҳ бо писарак ба дарби[19] воҳиди опортумони[20] ман наздиктар кард. Ин бор беҳтар метавонистам онҳоро бибинам, ва ҳатто ҳарфҳое, ки то чанд лаҳза пеш намешунидам, то ҳудуде бифаҳмам. Дастони писаракро аз даруни муштҳои

---

*[17] Лабхонӣ - дарки суханон аз ҳаракати лабони гӯянда*
*[18] Сарак бикашад - сар берун ораду намоён шавад*
*[19] Дарб - дар*
*[20] Воҳиди опортумон - квартира*

гӯштолудаш раҳо кард, машғул ба бозӣ бо зулфаш шуд ва ба писарак гуфт:

– Ин бор садои воқ-воқи сагро буланд накун, роҳи дигар барои хабар додан биёб!

Писарак оби даҳонашро қурт дод ва гуфт:

– Охир, худат гуфтӣ сагро бо санг бизанам, то садои воқ-воқаш буланд шавад.

Духтарак гуфт:

– Хуб, модарам аз хоб бедор шуд, боз хобид, метарсам шак кунад ва дар пайи ман ояд.

Писарак бо садои гирифта ва тарсолуд пурсид:

– Ҳозир меояд?!

Посух дод:

– На. Нигарон набош, дар қӯрии[21] чояш қурси[22] хоб рехтам, дубора хоб кард.

Писарак бештар нигарон шуд ва аз дилҳура[23] ҳамин тур гоҳбегоҳ ба роҳпиллаи болоӣ менигарист ва дубора ба дари опортумони ман наздиктар шуданд. Ин бор бидуни ин ки писарак фурсат пайдо кунад, то нафасе тоза кунад, духтарак мисли уқоб лабҳои писаракро даруни даҳонаш гирифт, гӯё пистони модарашро ба ҳангоми ширхорагӣ мемакад. Дастонашро даври гардани писарак ҳалқа кард ва баданашро ба тани лоғари

---

[21] *Қӯрӣ - чойник, ованде (зарфе) лӯладор, ки дар он чой дам кунанд*

[22] *Қурси хоб - таблетка ё доруи хоб*

[23] *Дилҳура - нигаронӣ, дилвопасӣ*

писарак часбонд. Писарак мисли арӯсаке беҷон дар оғӯшаш дошт гум мешуд. Маълум буд писарак таҷрубае дар бӯсидан надошт ва гӯё нафас кашидан барояш мушкил шуд, он қадр дар оғӯши духтарак мучола[24] гардид, ки нолааш саромад ва эҳсоси хафагияш бештар шуд. Писарак дар оғӯш ва ду бозувони духтарак камкам дошт гум мешуд, ангуштони берамақи писарак аз шиддати фишор ором-ором мушт шуданд, то ин ки фурсате ёфт ва нафасе тоза кард ва ба эътироз гуфт:

– Ту роҳи нафасамро бастӣ!

Дастҳои овезонаш даври камари духтарак ҳалқа шуданд, намедонам чи иттифоқе уфтод?! Ба монанде ки духтарак комаш талх шуда бошад, баякбора лаб аз даҳони писарак берун кашид. Гӯё ҳар он чиро, ки дар даҳони писарак вуҷуд дошт, ба коми худ балъида буд. Мехост бо тамоми тавонаш ба берун туф кунад. Бадани наҳифи беҳоли писаракро аз даруни оғӯшаш берун кард, пушти сари ҳам туф-туф мекард, то ҳар ончи аз коми писарак дар даҳонаш ҷо монда буд, ба берун партоб кунад. Ҳамин тур, туф-туф мекард, даври худаш мечархид. Талхии комаш боъис шуд, то чеҳрае мушмаиз[25] пайдо кунад. Писарак, ки ҳоҷу воҷ[26] ба туф карданҳо ва асабонияти духтарак менигарист, аз рӯи таъаҷҷуб каме

---

[24] *Мучола шудан - фишурда шудан*
[25] *Мушмаиз - нохуш*
[26] *Ҳоҷу воҷ - ҳайрон, шигифтзада*

худашро ақаб кашид. Хиёл кард иттифоқи баде уфтода ё бемории сахте дорад, ки духтарак инчунин маҷнунвор оби даҳонашро паёпай ҷамъ карда ва туф мекунад.

Ин ҷо каме ҳолам хароб шуд, тамоми ҳиссу ҳоле, ки аз ҳамоғӯшии ин ду то ҷӯҷаи нару мода пайдо кардам, ба бод рафт. Бо таваҷҷуҳ ба сӯзиши чашмам мунтазири дидани такрори саҳнае шудам, ки то он лаҳза аз зиндагиям таҷруба накарда будам.

Тавонистам аз фурсат истифода кунам ва барои чанд сония пилкҳоямро рӯи ҳам бигзорам. Баъд бо пушти ангушт пушти пилкамро молиш диҳам, то хастагияш бартараф шавад.

Духтарак дар айни талхкомӣ даст аз туф кардан бардошт, ба худ омад, дубора ҷилави писарак истод. Кафи дастонашро рӯи баногӯши софу бемӯи писарак кашид ва гуфт:

– Ту чиро нос мекашӣ? Комамро талх кардӣ!

Писарак, ки тоза маззаи бӯсаи обдорро фаҳмида буд, гуфт:

– Як соъат пеш нос кашидам.

Духтарак дубора наздиктар шуд, ба тавре ки тезии пистонҳои тоза нумӯ кардааш ба рӯи тишӯрти[27] сафедранги остинкӯтоҳи писарак мумос[28] шуд ва гӯӣ ду қутби барқ ба ҳам васл шуда бошанд, нохоста оҳе кашид. Чашмонаш

---

[27] *Тишӯрт - либоси сабуки тобистонӣ, майка*
[28] *Мумос шудан - соида шудан*

хумор ва шаҳлоӣ шуданд, ду кафи дастонашро дар ду тарафи сурати писарак гирифт ва ваҳшиёна лабонашро дар коми худ пинҳон кард. Писараки нотавон аз нафас кашидан тақалло[29] мекард. Лабонашро аз миёни сурхии лабону дандонҳои духтарак ба иҷбор берун оварду гуфт:

– Ин чихелӣ бӯсидан аст, забонам захм шуд?

Духтарак аз бас ки доғ шуда буд, дигар садое намешунид, писаракро ба дари воҳиди опортумонам кӯбонд ва дубора шурӯъ кард. Дигар наметавонистам чизеро бибинам ва фақат мутаваҷҷеҳ шудам писарак аз ин ҳисси ваҳшигарии духтарак ба танг омада, ба ӯ гуфт:

– Ту девона ҳастӣ!

Духтарак бо садои нарму ларзон ҷавоб дод:

– Дар филмҳо ҳамин хел мекунанд.

Ногаҳон фарёди модари духтарак фазои роҳпилларо пур кард, тавре ки ман аз пушти чашмӣ ваҳшат кардам, қалбам дошт аз тарс меистод, ингор духтарак маро мебӯсид. Ӯ як дасти писаракро муҳкам аз гираи ангуштони кашидааш гирифта, сипас ба роҳпиллаи боло менигарист. Барои охирин бор дубора ӯро нохост сахт ба дари опортумонам кӯбонд, ки садои ин кӯбиш хиёламро хароб кард. Писарак ба духтарак мутазаккир шуд:

– Ҳозир соҳибхона берун омада, бо мо ҷанг

---

*[29] Тақалло кардан - дасту по задан барои раҳой*

мекунад.

Ҷавоб дод:

– На, ӯ хориҷист, саҳар меравад, шом меояд.

Кунҷковона аз даруни чашмӣ ба дунболи онон мегаштам, лекин намедидамашон, шунидам, ки аз писарак пурсид:

– Ин бор чигуна хабарам мекунӣ?

Ҷавоб дод:

– Чи кор кунам?!

Лахте сабру сукут миёни онҳо ҳоким шуд. Фақат малач-мулучи бӯсиданҳоро мешунидам. Баякбора духтарак ақаб кашид, то ин ки дар зовияи диди ман қарор гирифт ва тавонистам чеҳраи гулгуни ӯро аз ин зовия, хусусан лабони бодкардаашро, бибинам. Ҳамин тур, чашмҳои нимабозу хумораш чун гурге гурусна ба қомати писарак нигарист ва гуфт:

– Ин бор болои боми хона бирав ва онтенро сӯи дигар каҷ кун, телевизиюни мо қатъ мешавад, ман огоҳ шуда, аз хона берун меоям.

Пурсид:

– Агар телевизиюн хомуш буд, чӣ?

Духтарак ҷавоб дод:

– Ман баъд аз ин ҳамеша телевизиюнро аз нимрӯз то бегоҳ рӯшан нигаҳ медорам...

Духтар дар пайи фарёди модар гомҳояшро дуто-яке карда, аз пиллаҳо боло рафт. Писарак бо нигоҳи тоза гуруснаи худ рафтани духтаракро таъқиб кард ва духтарак тавъамон

нимнигоҳе ба писарак кард ва аз чашмандоз ғоиб шуд. Бо иттифоқи хушоянде, ки барои писарак рух дод, гӯё тоза таъми бӯсаҳои духтаракро фаҳмида ва қасди рафтан аз роҳпиллаҳоро надошт. Ва ман мебоист аз хона берун биравам. Аз сӯе намехостам писарак бо дидани ман хиҷолат бикашад. Ногузир телевизиюнро рӯшан карда ва садояшро барои чанд сония боло бурдам, то ӯ мутаваҷҷеҳи ҳузури ман дар хона шавад.

Каме сабр кардам, эҳтимол додам боистӣ рафта бошад, дарро гушодам ва аз хона берун шудам. Вақте аз табақаи дувум аз роҳпиллаҳо пойин меомадам, вориди муҳавватаи[30] бузурге шудам, ки чандин сохтмони чаҳортабақа бар он ишроф доштанд.[31] Ба панҷараҳои биное, ки аз он берун омадам, нигоҳе кардам, то шояд духтаракро бо он пироҳани сурхаш пушти панҷара бибинам. Аммо тезии офтоб монеъи дидам мешуд. Мутаваҷҷеҳ шудам, дарахти борике то пушти боми бинои хонаи духтарак имтидод дорад[32]. Пеши худам гуфтам: «Духтарак чи роҳи ғалатеро ба писарак пешниҳод карда, чиро ки аз тариқи каҷ кардани онтен метавонад фақат як бор ӯро бибинад. Тоза! Дуруст кардани онтени телевизиюн кори душворест ва ниёз ба касе

---

*[30] Муҳаввата - ҳавлӣ ё замине, ки даври онро девор кашида бошанд, арса, фарохно.*

*[31] Ишроф доштан - бар чизе тасаллут доштан, аз боло ба чизе нигаристан*

*[32] Имтидод доштан - тӯл доштан, дарозӣ доштан, буланд будан.*

дорад, ки битавонад онро дуруст кунад.»

Роҳ уфтодам ва аз муҳаввата ба хиёбони Айнӣ, наздики майдони “Садбарг”, ворид шудам. Ногаҳон писаракро дар байни дарахтчаҳои муқобили Донишкадаи иқтисод, ки дар ҳоли парса задан[33] буд, дидам, ки мисли одамҳои гиҷу манг ин сӯву он сӯ мерафт. Гӯё таъми бӯса маҷоли рафтанро аз ӯ гирифта буд ва намегузошт дил аз духтарак биканад. Бидуни ин ки чизе бигӯям, ба наздаш рафтам. Аз наздик сураташро дидам. Чи қадр лабҳояш варам карда ва сурх шуда буданд. Нохоста хандидам ва дасте ба сараш кашидам. Дилам тоқат наёвард, чун форсӣ балад будам ва чандин сол таҷрубаи зиндагӣ дар Тоҷикистон доштам, ба ӯ гуфтам:

– Азизам, ин бор барои омаданат як рӯбони[34] қирмиз[35] ба танаи борики дарахти муқобили хонаашон бибанд, ӯ метавонад аз панҷара мутаваҷҷеҳи омаданат шавад.

Ибтидо мисли одамҳои манг[36] ба ман нигоҳ кард, вақте лабханди маро дид, эҳсоси итминон кард. Нешханде задам ва ба роҳ уфтодам. Чанд қадаме аз ӯ дур нашуда будам, ки баргаштам, то ӯро барои дигар бор бибинам. Ӯ ҳамчунон ба ман менигарист ва доғи ханда аз рӯи лабонаш пок намешуд.

---

*[33] Парса задан - гаштан, сайр кардан*
*[34] Рӯбон - навор, лента*
*[35] Қирмиз - сурх*
*[36] Манг - кавдан, гаранг, гиҷ, саргашта*

# Гесу

*Баргардон: Исфандиёри Одина*

Бо садои мусиқии окордеуне, ки хеле сӯзнок навохта мешавад, ором-ором аз хоб бедор мешавам. Шояд аввалин бор аст, ки тавъам бо бедор шудан ҳисси хубе дорам. Ҳатто агар ҳам хеле хоболуд бошам, ин бор дӯст дорам мусиқии окордеунеро, ки дуруст наздики панҷараи[37] утоқи хобам ба гӯш мерасад, бишнавам. Агарчи рӯзи якшанбе аст ва тибқи маъмул то наздикиҳои зуҳр[38] мехобам, аммо сӯзу гудози мусиқӣ он қадр дар рӯҳу равони мани хобзада асар мекунад, ки метарсам чашмонамро рӯи ҳам бигзорам ва аз шунидани чунин мусиқӣ, ки ҳамин тур дорад ба ҷигарам чанг мезанад, ғофил шавам. Худам ҳам боварам намешавад, ки ин садо на танҳо хобро аз чашмонам мегирад, балки маро аз рӯи тахтам баланд мекунад ва ба канори панҷараи рӯ ба хиёбони Рӯдакӣ мебарад. Ин сӯзи мусиқӣ яке-яке ғамҳои гузаштаамро аз пастӯи[39] ҳофизаам берун мекашад ва гардгирӣ мекунад ва дар баробари чашмонам ба намоиш мегузорад. Қабл аз ин ки ба унвони чошт ҳатто як пиёла чой бинӯшам, сигоре аз даруни покет берун меоварам ва миёни ду лабам мегузорам ва бо оташи фандак[40] рӯшан мекунам, чанд пуки[41] амиқ ба он мезанам ва ба девори канории панҷара такя медиҳам. Он қадр масҳури[42] мусиқӣ ҳастам, ки мехоҳам ҳисори турии панҷараро пора кунам, ки мабодо ҳамин

---

[37] *Панҷара - тиреза*
[38] *Зуҳр - нимрӯз*
[39] *Пастӯ - утоқи кӯчаки ақаби утоқи аслӣ, сандуқхона, ганҷа, анборхона*
[40] *Фандак - ончи сигорро бо он даргиронанд (зажигалка)*
[41] *Пук задан - ҳар мавриди дуди сигорро ба сина кашидан*
[42] *Масҳур - сеҳрзада, ҷодушуда, фирефта, шефта.*

миқдор ҳам ҷилави вуруди садои мусиқиро бигирад. Мутаассифона, ношто[43] се нах сигор кашидаам.

Умуман чоштро[44] дар рестурони туркҳо дар ҳамон наздикии хона мехӯрдам. Ин бор бидуни ин ки ҳаммом биравам, бо аҷала либосҳои расмиро ба тан карда ва ҷилави ойина худамро каме базак[45] мекунам, ё ба қавли тоҷикҳо фасон мекунам. Аз табақаи севум пиллаҳоро дуто-яке карда, аз сохтмон берун меоям ва нигоҳамро ба навозандаи комилмарде бо мӯҳои сиёҳу сафед медӯзам, ки ҳар лаҳза эҳсосотамро бештар аз гузашта ба ғалаён вомедорад. Рӯи сандалии кӯчаки махсусаш нишаста ва менавозад ва дар муқобилаш рӯи замин канори баргҳои хушкидаи пойизӣ ҷаъбаи[46] муқаввоии кӯчаке қарор дорад аз ҳар даҳ раҳгузар мумкин аст як нафар сиккае[47] ё искиносе[48] камбаҳо даруни ҷаъба меандозад. Мунтаҳо, як чизе инҷо аҷиб аст, ҳар раҳгузар бо шунидани мусиқӣ беирода барои шунидан каме қадамҳояшро оҳистатар бармедорад, то замони бештаре аз мусиқӣ лаззат бибарад. Ман низ аз канори девор монанди мӯрча роҳ меравам, ки дертар убур[49] кунам. Даст дар ҷайбам мекунам ва хеле ором ҳар ончи аз искносҳои яксомонӣ ва сиккаро дар ҷайбам меёбам, даруни ҷаъба бо

---

[43] *Ношто - касе, ки аз субҳ чизе нахӯрда бошад, бо шиками гурусна*

[44] *Чошт - хуроки субҳ, субҳона*

[45] *Базак кардан - ороиш додан*

[46] *Ҷаъба - сандуқча, қутӣ (коробка)-и коғазӣ*

[47] *Сикка - танга, пули филиззӣ*

[48] *Искинос - пули коғазӣ*

[49] *Убур кардан - гузаштан*

эҳтиром мегузорам. Бо ҳамон либоси расмии куту шалвор[50], бидуни мулоҳизаи ин ки либосам хокӣ шавад, бетаваҷҷуҳ ба ҳар касе, ҳатто гуруснагиям, менишинам ва ба чашмони пушти айнаки сиёҳаш диққат мекунам, ки воқеъан кур аст ё на?! Муҳимтар ин ки ашке аз гӯшаи чашмаш чун садафе ғалтон бар гунааш лағзида ва даруни ришҳои сиёҳрангаш пинҳон мешавад.

Тухми[51] чашмонаш ба сафедӣ монанд аст. Сигоре аз даруни покет берун овардам. Мехоҳам оташи фандакро зери сигорам бигирам ва ҳоло пуки амиқе мекашам. Бо садои хашдоре, ки гӯӣ буғзе куҳна дар гулӯ дорад, мегуяд:

– Мамнун мешам, яке ҳам барои ман рӯшан кунӣ!

Намехоҳам гапу гуфтугӯҳоям боъиси қатъи мусиқӣ шавад. Сигореро рӯшан мекунам ва миёни ду лабаш мегузорам. Бидуни ин ки бихоҳад аз ангуштонаш барои кашидани сигор истифода кунад, хеле ҳирфаӣ бо лабонаш сигорро миёни ду лабаш ҷобаҷо карда, ба сигор пук мезанад ва аз гӯшаи лабаш дуди сигорро бо шитоб берун медиҳад. Барои як лаҳза дидам, ки ангушт аз рӯи тукмаҳои сози окордеун бармедорад ва сигоре, ки хокистараш зиёд шуда, аз миёни ду лабаш бармедорад, бо зарбаи ангушти саббоба[52] хокистараш ба замин мерезад. Охирин пуки амиқро аз таҳи сигораш кашида, сипас таҳмондаи онро бо ҳунармандӣ ба даруни ҷӯи оби равандаи канори хиёбон, ки дар сояи дарахтони куҳан

---

*[50] Куту шалвор - костюму брюк*

*[51] Тухми чашм - ҳадақа, косаи чашм, маҷмӯъи сиёҳию сапедии чашм бо мардумаки он*

*[52] Ангушти саббоба - ангушти дувум, ангушти ишора*

имтидод дорад, парт кард. Ин лаҳза фурсат меёбам бо ӯ сари ҳарфро боз кунам. Мехоҳам аввалин вожаи муҳаббатомези хешро барои эҷоди як робитаи самимӣ нисораш кунам. Сухани маро қатъ карду гуфт:

– Сабр кун!

Параҳои дамоғаш ҳолати бозу баста ва ларзон пайдо мекунад. Шитобзада гуфт:

– Илтимос, ҳеч гап назан!

Аз умқи ҷонаш бо бинӣ нафас кашида, бӯеро истишмом[53] мекунад. Беихтиёр аз ҷо буланд мешавам, ба умқи пиёдарав менигарам ва бо ҳамон истилоҳи аҳолии ҷануби шаҳри Теҳрон мегӯям:

– Ҷалл-ал-холиқ[54] аҷаб рахшие!?

Ҳанӯз ҷумлаам ба поён нарасида, садои ҳузнангези окордеун фазои пиёдаравро аз атри мусиқӣ пур мекунад. Ин бор бадҷурӣ ба дилам чанг мезанад ва як зани зебо бо гомҳои оҳиста бо куту[55] домани сафед, бо он мӯҳои шабақи[56] гунааш, дар нигоҳи ман як тоблуи наққошии афсонаимонанде дорад, ҷуръати пилк заданро аз ман мегирад. Мунтаҳо айнаки зиддиофтобии дудиранги ӯ бо фремҳои[57] бузург намегузорад чашм дар чашми ӯ шавам. Абрувонаш чун инҳинои[58] ханҷаргунаи болои фреми айнак чун соябонест, ки аз ду чашми сиёҳаш ҳифозат

---

[53] *Истишмом - ба машом кашидан, бӯидан, бӯ кашидан*
[54] *Ҷаллалхолиқ - бузург аст Офаридгор! (ба ҳангоми таъаҷҷуб гуфта мешавад)*
[55] *Куту доман - костюм ва юбка*
[56] *Шабақи - шаҳватангези*
[57] *Фрем - қоб, фрейм*
[58] *Инҳино - хамидагӣ*

мекунад. Ором-ором наздиктар мешавад, аз шарм нигоҳамро аз чеҳрааш бармедорам. Садои пошнаи кафшҳояш ба ҳамроҳи мусиқии окордеун бештару бештар мешавад. То ин ки дар зери садои мусиқӣ мубаддал ба ритми мелудии окордеун мегардад. Хусусан ҳамоҳангӣ байни кӯбиши пошнаи кафшҳо барҷаста мешаванд, то мелудӣ мунҷар ба халқи мусиқие дилнавоз мешавад. Ҳар чи қадр ин зан ба мавқеъияте, ки мо дар он қарор дорем, наздиктар мешавад, ашкҳои ин навозандаи кур чун абри пойизӣ паҳнои сураташро хистар мекунад. Ва ҷилавтар аз худаш дар насиме ором бӯи атре, ки ба худ зада, ҳамаи вуҷудамонро тасхир мекунад, то инки аз баробарамон убур мекунад. Навозандаи кур аз худ бехуд шуда, чун ҷисми беҷон танҳо ангуштонаш аст, ки рӯи сафҳакалидҳои окордеун мерақсанд.

Теғи насими пойизӣ ҳамин тур ба соқаи баргҳои зарду қаҳваӣ мезанад ва аз ҷони дарахтон ҷудояшон месозад ва дар як тароққуси[59] чархгуна рӯи замин ором мегиранд ва анбӯҳи шабақи гесувонашро низ дар хазиши бод парешон мекунад. Хирмане, ки ба бод супурда мешавад, то дили ноошнои маро ҳам ба тӯфони ҳавас гирифтор кунад.

Наздиктар меояд, мутаваҷҷеҳи баромадагии шикамаш мешавам, ки аз миёни ду чоки куташ ҳикоят аз вуҷуди тифле дорад, ки ба бор мекашад. Мехоҳад бидуни таваҷҷуҳ ба навозанда аз муқобили мо убур кунад. Нохоста нигоҳам лахте дар чашмони сиёҳаш гиреҳ мехурад. Аз нигоҳи ман мегузарад ва ба чеҳраи собити навозанда

[59] *Тароққус - рақсандагӣ, рақсидан, болову пойин шудан*

нигоҳи аҷибе меандозад. Наздик аст пошнаи кафши сафедаш билағзад ва ба оне беирода ба замин фурӯд ояд. Худашро кунтрул мекунад, ба рӯи по меистад, каме эҳсоси дард дар ноҳияи мучи по мекунад. Ланг –лангон ҷазби мусиқӣ шуда, бармегардад. Дуруст болои сари мо меистад ва аз ман талаби сигор мекунад. Ба ӯ медиҳам. Ба хотири сигор ташаккур мекунад ва мегӯяд:

– Ин сигор барои кӯдакам мисли сам[60] аст, вале чи кунам, ки дардҳоям яку дуто нест.

Чанд қадаме ин сӯву он сӯ меравад. Ба оби раванда дар ҷӯи канори хиёбони Рӯдакӣ менигарад. Рӯ ба навозанда мекунад ва мегӯяд:

– Дориюш! Ҳавоссат ба ман ҳаст!?...

Вокунише аз Дориюш намешунавад. Танҳо ашкест, ки ором аз гӯшаи чашмони Дориюш меғалтад. Ба наздикаш меояд. Мебинад аслан ҳоли хуше надорад. Бо ангуштоне, ки дар ҳар кудом аз онҳо ангуштар ё зеваролоте бадалӣ[61] вуҷуд дорад, ашкҳои рӯи гунаи Дориюшро пок мекунад. Вале ифоқа[62] намекунад, маҷбур мешавад дастмолкоғазиро аз даруни кифи сафедрангаш берун оварад. Чашмони Дориюшро аз ашк пок мекунад. Ночор аст айнаки сиёҳро аз рӯи сураташ бардорад ва рӯи сараш бигзорад, то гӯшаи чашмҳои ғайгирифтаашро[63] пок кунад. Чун доман ба по дорад, наметавонад ҷилави Дориюш биншинад. Баночор хам мешавад. Анбӯҳе аз

---

*[60] Сам - заҳр*

*[61] Бадалӣ - сохтагӣ, ғайриасил, ҷавоҳире, ки ҷинсаш асил нест*

*[62] Ифоқа - беҳбуд ёфтан, дармон ёфтан, асар, натиҷаи хуб*

*[63] Ғайгирифта - фасодгирифта, табоҳиёфта, инҷо: хилми чашмон*

хирмани мӯҳои лахту баландаш ба рӯи сару сурати Дориюш мерезад. Атри мӯҳояш Дориюшро ба худ меоварад.

Дубора айнакашро рӯи сурати Дориюш мегузорад, даст ба камар, қоматашро рост мекунад, дубора бар сари ҷӯи об меистад. Охирин комро аз сигор мегирад ва баъд таҳсигорашро канори дарахти пир меандозад. Зоҳиран дилаш наёмад, то дар ҷараёни зулоли об бияндозад. Таҳсигориро бо кафи кафшаш хомӯш мекунад ва ба Дориюш мегӯяд:

– Ту мисли ин об зулолӣ! Вале ҷараён надорӣ. Хоҳиш мекунам дубора шурӯъ кун (сукут). Худат гуму гӯр шудӣ! Ҳатто як паёмак ҳам ба ман надодӣ! Аз куҷо медонистам зиндаӣ ё мурда?! Фикр накун мехоҳам туро муқассир бидонам. Шояд муқассир ман бошам. Албатта, ман ҳам бояд сабр мекардам... Боварам намешавад, ки ҳомиладор шудаам.

Дориюш даст аз навозандагӣ бармедорад. Гесу мегӯяд:

– Худат медонӣ, яке аз чашмот бо ҷарроҳӣ дубора хуб мешавад.

Дориюш ҳарфи Гесуро қатъ мекунад:

– Дунёи бидуни туро намехоҳам, борҳо худамро ҷои ту гузоштам, то бифаҳмамат.

Гесу мехоҳад роҳ биюфтад, лизо дар охирин ҳарфаш мегӯяд:

– Агар ҳомила намешудам, бармегаштам.

Дориюш беаҳаммият дубора ангуштонашро рӯи сафҳаи тукмаҳои окордеун мерақсонад, мунтаҳо мелудии дигареро менавозад ва Гесу аз нигоҳи мо ором-ором дур мешавад. Дориюш аз ман мепурсад:

– Воқеъан ҳомила буд?

Ҷавоб медиҳам:

– Оре, ҳисобӣ шикамаш бод карда буд.

Нафаси амиқе аз рӯи ҳасрат мекашаду мегӯяд:

– Агар имрӯз намедидамаш, девона мешудам.

Зери бағалашро мегирам, аз ҷо буландаш мекунам, бо ҳам ҳамгом мешавем. Ҳамин тур, ки дорем қадам мезанем, гӯё ҳанӯз ба лиҳози зеҳнӣ даргири хиёлоти Гесуст. Ҳар чи қадр мехостам бо ӯ ихтилот[64] кунам, нохоста ҳарфҳояш ба Гесу хатм мешавад. Воқеъан ошиқаш аст, то ин ки чизе ба ёдаш меояд ва мегӯяд:

– Бояд баргардем.

Бо таъаҷҷуб пурсидам:

– Баргардем?

Гуфт:

– Оре, бояд биравем таҳсигорашро пайдо кунам.

То ҳудуде мефаҳмам моҷаро аз чӣ қарор аст, яъне ин ки байни ду дилдода фосила ё ҳамон ҷудоӣ ба вуҷуд омада, ҷудоие, ки аз чанду чуни он беиттилоъ ҳастам, аммо ҳоло бештар аз ҳар чиз алоқа ба донистани он дорам. Ва Дориюш ҳамчунон гиҷу гунг хеле сӯзнок окордеун менавозад. Бароям таъаҷҷубангез аст. Худаш беҳолу берамақ, лекин ангуштонаш хеле омода, рӯи маҷмӯъае аз калидҳои окордеун воқеъан мерақсанд. Ингор ангуштони Дориюш мустақил аз шахсияти шикастхӯрда ва афсурдаи ӯ амал мекунанд.

Зери бағалашро мегирам, чиро ки ҳар он эҳтимолаш ҳаст, ки беихтиёр шабеҳи одамҳои

[64] *Ихтилот кардан - омехта шудан, муъошират кардан*

маст ба замин фурӯ уфтад. Ба илова, ашкҳои зулолаш низ чун ҷуйборе бисёр нозук аз пушти абрҳои чашмонаш ҷорӣ аст. Ногаҳон ёди чизе меуфтад ва мегӯяд:

– Баргардем!

– Барои чӣ?

– Хоҳиш мекунам, биравем!...

Маҷбур шудем роҳи рафтаро боз гардем. Дуруст ҳамон ҷое ки нишаста будем. Аз ман хоҳиш кард, то рӯи заминро бо нигоҳам биковам, то таҳсигори Гесуро пайдо кунам. Пайдо кардани як таҳсигор, он ҳам дар фазои пиёдарав, чандон кори шоққе[65] барои ман ба ҳисоб намеояд. Се дақиқа накашид, ки як таҳсигор пайдо кардаму ба ӯ додам. Маътал намекунад, миёни ду лабаш мегузорад. Шурӯъ ба кашидани таҳсигори хомуш мекунад. Чеҳрааш мушмаиз[66] мешавад, аслан хушаш намеояд. Аз миёни ду лабаш ба берун туфаш мекунад ва мегӯяд:

– Оҳ, оҳ, ҳолам ба ҳам хӯрд... аҷаб одами музахрафе буда... дубора бигард! Ҳатман пайдош мекунӣ. Эҳтимолан рӯи қисмати филтераш ҷои ружи лабаш ҷо монда. Нафасашро мешиносам, ба ин зудӣ аз байн намеравад... хуб бигард!

Бо ҳазор мусибат билохира дар манфази[67] битунӣ байни дарахти куҳансол ва лабаи ҷуйбор пайдо мекунам. Ба дасташ медиҳам. Ингор[68] дунёро ба ӯ дода бошанд, хеле хурсанд шуд. Он қадр ки намехоҳад аз миёни ду лабаш бардорад. Мудом аз таҳсигор ком мегирад. Мисли одамҳои

---

[65] *Шоққ - сахту душвор ва бомашаққат*
[66] *Мушмаиз - тарсон, рамида, бемайл, нохуш*
[67] *Манфаз - сурох, холигоҳ*
[68] *Ингор - гӯё, гӯӣ, гӯ ин ки*

хиёлотӣ воқеъан ҳисси сигор кашидан ба худ мегирад. Тавре рафтор мекунад, ки ман бовар кардам, дорад сигор мекашад. Як лаҳза ба зеҳнам расид, ки бояд девона бошад. Шояд далели нарасидан ба Гесу ба хотири ин девонабозиҳояш бошад.

Ҳамин тур ки бо ҳам қадам чилав мегузорем, таҳсигор миёни ду лабаш ҳаст ва окордеун менавозад, бархе аз обирин[69] дар пиёдарав искинос ё сиккае дар чайби ӯ фурӯ мекунанд. То ин ки ба ресторони туркҳо мерасем. Ҳоло вақти наҳор шуда ва ҳисси гуруснагиям ҳам дорад зиёд мешавад. Ба Дориюш гуфтам:

– Гуруснаам. Мехоҳам биравам ресторони туркҳо, ташриф меоваред?

Мутаваччеҳ шудам намехоҳад музоҳими ман шавад ё ҳазинаи ғизо хурданашро ба ман таҳмил кунад, ҳарчанд маблағи чандоне аз субҳ то ҳоло аз навозандагӣ дарёфт накарда, ки бо чуръат битавонад барои наҳор меҳмонам кунад. Ҳоло ин ман ҳастам, ки исрор мекунам ва ба ресторони туркҳо меравем. Ғизову солод ва нӯшоба суфориш медиҳам. Дориюш саъй мекунад ба салиқаи ман рафтор кунад.

Ҳамин ки машғули ғизо хурдан шудем, гуфт:

– Хеле чолиб аст, ман меҳмони касе ҳастам, ки исмашро ҳам намедонам!

– Ризо ҳастам!

– Эҳтимолан донишчӯ ҳастӣ.

– Тоза сабти ном кардам.

– Чи риштае таҳсил мекунӣ?

– Фалсафа

[69] *Обирин - равандагон; касоне, ки аз роҳ мераванд*

– Бисёр хуб, ҳоло ки маро меҳмон кардӣ, эй кош мерафтем як ресторони эронӣ.

– Ресторони иронӣ фақат исми ғизоҳошун ироние, вале муҳтавош иронӣ нист.

– Хейли бимулоҳиза гап мизанӣ, агарчи ғизоҳои туркӣ зоҳири қашангӣ доре, вале меъдаи мо тоҷикҳору пур немикуне, биштар қиёфаи зибое дорад.

– Вале ғизоҳошун бо муҳтавошун ҳамхонӣ доре... Ҳоло бигӯ Эрон рафтӣ?

– Ҳее акаҷон! Маге мише тоҷик пулӣ дар бисот дошта бошад ва тавофи ҳазрати Фирдавсӣ ва Ҳофизу Хайёму Аттору... наравад? ... Оре, рафтам, мунтаҳо он мавқеъ чашм доштам.

– Чашм доштӣ?

– Оре, рафтем Шероз, дастӣ ба зулфи ин ринди харобтӣ кашидим. (ишора ба чашмонаш) Бибин, чи кард бо мо?!

– Яъне чашмоту Ҳофиз гирифт?

– Ин ринди ломазҳаб ҳамчин зулфашу мисли таноби дор андохт даври гарданам, ки чашмом аз коса зад бирун.

– Ҳоло Ҳофиз чашмоту гирифте ё модарзодист?

– Ҳе ҳе ҳе, акаи Ризо!... Ин чашмҳо моҷароҳо доре.

Ногаҳон садои мусиқӣ, ки дар ресторон аз тариқи мунитури[70] насбшуда дар синаи девор пахш мешавад, чеҳраи Дориюш тағйир мекунад. Садои як хонандаи зани тоҷик, тамоми фазои савтиро пур мекунад. Зебоии овози зани тоҷик боъис шуд, то нигоҳамро ба мунитури ресторон

---

*[70] Мунитур - сафҳа ё экрони телевизиюнн*

бидӯзам. Бовар карданаш бароям на танҳо сахт аст, балки аҷибтар аз ҳар чизе, ки ман таҷруба кардаам. Бале! Худи Гесу аст, ки дар як клипи зебо мехонад ва мерақсад. Ҳамин тур мабҳут[71] мондаам ва як нигоҳ ба Дориюш ва нигоҳи дигарам ба мунитур аст. Мехоҳам аз Дориюш бипурсам, лекин забонам банд омада. Мехоҳам ба Дориюш бигӯям ба мунитури рестурон нигоҳ кунад! Афсус, ки нобиност. Ҳоло кулли пурсиш мисли кирм дорад зеҳнамро мехарошад. Ба ӯ мегуям:

– Мешунавӣ?

Аз ҳайрат рӯи по меистам ва Дориюш беихтиёр ашк аз зери айнаки сиёҳаш ҷорӣ мешавад. Сареъ окордеунашро аз рӯи сандалии канори миз бармедорад, бидуни он ки ҳарфе бизанад, тоқат намекунад ва аз рестурон берун меравад. Тақрибан ғизояш нотамом боқӣ монд, сареъ ҳисоби рестуронро мепардозам, ба берун аз рестурон меравам. Рӯи нимкати зери дарахти куҳансоле нишаста, бо садои ором мелудии нарми хоссеро менавозад. Канораш менишинам. Ибтидо сигоре рӯшан мекунам ва ба чеҳраи ғамзадаи Дориюш нигоҳе мекунам. Пурсишҳои зиёде дар зеҳнам фаварон мекунад, ки барои ёфтани посухи он бетоб ҳастам. Дуди сигорам ба машомаш мерасад. Даст аз навозандагӣ мекашад ва окордеунро канор мегузорад, дуруст миёни ману худаш қарор медиҳад. Ба дунболи ин ҳастам, ки чи гуна бипурсам?! Ки худаш ба забон меояд:

– Ин мусиқӣ, ки дохили рестурон шунидӣ, сохту танзимашро худам анҷом додам. Ин

---

[71] *Мабҳут, буҳтзада, шигифтзада*

мусиқиру замоне ки камбино буд, барояш сохтам! Бо ҳамин кор ҳам маъруф шуд. Йе сигор рӯшан кун, ба ман бидеҳ!

Сигореро рӯшан карда, миёни ду ангушташ ҷой медиҳам. Мепурсам:

– Бибинам! Чи иттифоқе ин васат уфтода? Ту миги замоне  ки камбино буд, барош ин мусиқиру сохти... Моҷаро чие?!"

***

– Хонаводаи мо аз ашрофу заминдорҳои ноҳияи Айнӣ ба ҳисоб меомаданд. Хонаводаҳои аксари русто рӯи заминҳои падарам кишоварзӣ мекарданд. Яке аз ҳамон рӯзҳо, ки тоза донишкадаи мусиқиро хатм карда будам, доштам канори рӯдхона қадам мезадам, ногаҳон садои хеле хушлаҳнеро аз дур шунидам. Ба дунболи соҳиби садо рафтам, кунҷков шудам, ин садо аз ҳулқуми[72] чи касе берун меояд? Билохира, ёфтамаш. Он мавқеъ нуздаҳсола буд. Ҳамин тур ки рӯи санг нишаста буд ва поҳои лухташро дар ҷараёни оби рӯдхона қарор дода буд, мисли булбул мехонд. Тасаввур намекард як нафар аз пушти тахтасанги бузурге дорад садояшро мешунавад. Садои хубе дошт, вале шинохте аз мусиқӣ надошт. Ҳамин тур барои худаш мехонд. Шояд бовараш сахт бошад, аммо аз ҳулқумаш навоҳои омиёнаи асиле берун меомад. Яке аз ҳамон овозҳо табдил ба ҳамин мелудӣ шуд, ки ту аз мунитури рестурон шунидӣ! Баъдҳо фаҳмидам модараш дар хонаи худамон хидматкор аст,

[72] *Ҳулқум - гулӯ*

нохоста муҳаббаташ дар дилам уфтод. Яке аз ҳамин рӯзҳо, ки тибқи маъмул модараш ӯро то рӯдхона ҳамроҳӣ мекард, таъқибашон кардам. Мутмаин шудам модараш рафтааст, бо эҳтиёт рафтам назди ӯ як соъате боҳош ҳарф задам. Сарашро боло намеовард, фикр кардам аз рӯи ҳуҷбу ҳаё ба чашмони ман нигоҳ намекунад, то ин ки як лаҳза сарашро боло овард, дидам тухми чашмонаш хеле беҳаракат аст. Оре, камбино буд. Ҳамин мавзӯъ боъис шуд, то азмамро ҷазм кунам ва ба ӯ сулфеж[73] ёд бидиҳам, то битавонам аз рӯи текник аз ӯ як хонандаи хеле хуб бисозам. Ин робита тадриҷан амиқтар шуд, то ҷое ки ошиқ шудам. Ҳамин боъис шуд хилватҳои зиёде ба дур аз чашми дигарон, аз ҷумла хонаводаҳоямон, дошта бошем.

Гесу рӯзбарӯз дар арсаи мусиқӣ чизҳои зиёде аз ман ёд гирифт, садояш ҳам нисбат ба гузашта пухтатар шуд. Робитаи отифӣ миёни ману ӯ ҳам ҳамин тур бештару бештар шуд. Вақте ба шуҳрати каме расид, хелеҳо дунболаш шуданд, мунтаҳо ба маҳзи ин ки мутаваҷҷеҳ мешуданд нобиност, мунсариф мешуданд. Бо ин ҳол дӯст доштанд испонсери[74] таронаҳояш бошанд. Хушбахтона, як ҳисси беэътимодӣ нисбат ба ҳамаи мардҳо дошт ва танҳо марди мақбулаш ман будам. Ҳатто падару бародари худашро ҳам қабул надошт. Ҳама фаҳмиданд, ки ман ошиқи Гесу ҳастам. Чи кунам, ки ихтилофи табақотӣ ва хидматкор будани хонаводаи Гесу, он ҳам хидматкори хонаводаи ашрофӣ мисли мо, боъис шуд, то

[73] *Сулфеж - илми пардаҳои мусиқӣ*
[74] *Испонсер - српарасти молӣ*

падару модарам ба хотири шаъни иҷтимоъӣ манро бо исрор аз издивоҷ бо Гесу мунсариф кунанд. Ман гӯше ба ин ҳарфҳо надодам. Аз тарафе, ҳарчи замон мегузашт, Гесу бештар шинохтатар мешуд. Он қадр ки рақибҳои кориям мехостанд зеҳни Гесуро нисбат ба ман хароб кунанд. То замоне ки дар канораш будам, тавтеаҳо бенатиҷа мемонд. Ногаҳон намедонам чи тур ҳама чиз алайҳи ман шуд.

Дамдамои ғуруб доштам аз Варзоб бармегаштам. Росташ, яке ду-се пайк арақ нӯшида будам, мехостам хушҳол бошам, билохира аввалин олбум бо садои Гесуро сохтам. Мехостам аввалин касе, ки корро мешунавад, худи Гесу бошад, вале оқибат як лаҳза утумубили Бензи сиёҳранг аз як кӯчаи фаръӣ, ки нисбат ба онҷо ҳеч гуна диде надоштам, вориди хиёбони аслӣ шуд. Дохили утумубили Бенз зану кӯдак буданд. Мехостам бо онҳо тасодуф накунам, ба мошин назанам. Ба хотири доғи каллаам натавонистам мошинамро кунтрул кунам. Чашмат рӯзи бад набинад! Эҳсос кардам дар байни замину осмон ба ҳолати «ислув мувшен»[75] дорам парвоз мекунам. Аз масири ҷодда, ки дар баландии як теппа қарор дошт, ба самти рӯдхона суқут кардам ва дигар ҳеч нафаҳмидам.

Чашмҳоямро боз кардам, эҳсоси бевазнӣ кардам. Мисли инки ҷозибае надорад, дуруст болои сари худам будам. Лӯлаҳои мутаъаддиде дар даҳону бинием вуҷуд дошт. Урён, рӯи тахт мисли як ҷаноза уфтода будам. Ҳисси ҷадидеро

---

*[75] Ислув мувшен - ҳолате дар филм аст, ки дар он суръати замон кунд карда мешавад.*

таҷруба мекардам. Метавонистам парасторҳо ва пизишкҳоеро, ки ҳар аз чанд гоҳе меомаданд, то вазъияти саломатамро баррасӣ кунанд, бибинам. Ҳар чи қадр садояшон мекардам, намедиданд, намешуниданд, дуруст болои сарашон будам. Пизишке мегуфт:

– Ин диге аз кумо барнемигарде, бояд аъзои баданашру бо иҷозаи хонаводааш ба дигарон, ки ниёз доранд, бидиҳем.

Яке дигар аз пизишкон мегуфт:

– Ҳоло зуде, немитавоним алъон қатъи умид куним, эҳтимоли баргашт вуҷуд доре.

Як лӯла дохили шикамам карда буданд, аз ин тариқ идрорам даруни кисае рехта мешуд. Кам-кам фаҳмидам ман як рӯҳ ҳастам. Таклифам маълум набуд. Танҳо чизе, ки намегузошт аз ин дунё биравам, ишқ ба Гесу буд. Ҳатто барои як лаҳза наметавонистам фаромӯшаш кунам. Бештар нигарони ӯ будам. Аз тарафе, наметавонистам аз бемористони Рудакӣ берун биравам. Мехостам зудтар биравам Тоҷикистон, то хабаре аз Гесу бигирам. Намедонам чи тур шуд, яке аз пизишкҳо гуфт:

– Агар аз шаш моҳ бигзаре, бояд мурда ба ҳисобаш кунем.

Вале алоқа ба Гесу намегузошт аз болои сари худам ба утоқҳои дигар сарак бикашам. Дӯст доштам ба ҳолати парвоз ҳадди ақал гашту гузоре дар Теҳрон бизанам. Бароям суол буд, чи ҷурӣ маро барои дармон ба Теҳрон овардаанд?

Мунтазир будам иттифоқе ё ҳодисае рух бидиҳад, то ба ин баҳона ба даруни ҷисмам боз гардам. Ин суол пеш омад, ки чи касе маро ба ин бемористони гаронқимат, он ҳам дар Теҳрон,

овардааст. Дар ҳамон утоқе, ки дар кумо[76] будам, ду то фаришта ҳамин тур давру бари ҷисмам дар ҳаво чарх мезаданд. Яке мехост ин таҳмондаи ҷонамро бигирад ва дигарӣ ҳам мехост ман зинда бошам. Баъзе вақтҳо бо малаке, ки мехост ман зинда бимонам, дарди дил мекардам. Ӯ мегуфт:

– Ман малаки ишқ ҳастам.

Аз ӯ пурсидам, чиро ин ҷой? Гуфт:

– То замоне ки ишқи Гесу дар дилат ҳаст, намегузорам ин малакулмавт ҷони туро бигирад.

Пурсидам:

– Ин малакулмавт ҳамон Изроил аст?

Гуфт:

Худаше, магар намебинӣ чиқадр зиште? Баъд ҳам бибин, парҳояш мисли кафтари чоҳӣ сиёҳе.

Тақрибан мисли бодкунаке шуда будам, ки дохилаш аз ин гозҳои ҳелиюм пур карда бошанд. Гӯшаи сақфи утоқ гир уфтода будам. Баъзе вақтҳо ҳам шоҳиди ҷангу даъвои ин ду малак будам, ки бадҷурӣ ҳамдигарро лату кӯб мекарданд. Гесуҳои ҳамдигарро мекашиданд, парҳои ҳамдигарро меканданд. Вақте ҳам ки хаста мешуданд, ҳар кудомашон мерафтанд як гӯшаи сақфи утоқ истироҳат мекарданд, то дубора ҷанг кунанд. Аз бас ки бо ҳам меҷангиданд, хаста шудам, то ин ки доду фарёд кардам, ки Изроил тарсиду рафт. Вале вақте мехост аз панҷара биравад, нигоҳе хашмолуд ба ман карду гуфт:

– Йе вақтӣ миём суроғат, ки ҳавоссат набошад. Албатте, дасти холӣ ҳам немирам, аз ин лаҳзе ба баъд лаззати рангҳору немибинӣ!"

---

*[76] Кумо - ҳолати беҳушӣ*

***

Бовари ҳарфҳои Дориюш бароям ғайримумкин аст. Намедонам ӯ чи қадр дуруст мегуяд ё ин ҳарфҳои ӯ зоидаи хаёлоти ӯст?! Дучори тардид мешавам, ки чи гуна бо ин хаёлбофиҳояш канор биёям. Бо ҳамаи ин масоил боистӣ ҳарчи зудтар ба донишгоҳ биравам, то бархе аз мадорики сабтиномро, ки ноқис аст, такмил кунам. Тоза маблағи шаҳрияи донишгоҳро ҳам боистӣ бипардозам. Муншии гурӯҳи фалсафа дорад ба мубойлам занг мезанад, ҷавобашро намедиҳам. Ҳатман боз ҳам мехоҳад тазаккур бидиҳад, ки ҳар чи зудтар ду ҳазор дулорро ба ҳисоби донишгоҳ дар Бонки миллии Тоҷикистон ворез кунам. Аз ин ба баъд наметавонам шунавандаи бозавқи ҳарфҳои Дориюш бошам. Бо аҷала аз ӯ худоҳофизӣ мекунам.

Дӯст надошт аз канораш биравам. Исрор дошт мобақии зиндагии ошиқонаашро бароям таъриф кунад. Сигоре рӯшан мекунам ва бо гомҳои буланд ҳудуди даҳқадамӣ аз ҷое ки Дориюш нишаста, дур мешавам. Ҳамин ки ба канораи хиёбони Рудакӣ барои савор шудани токсӣ меистам, ногаҳон як пулис бо аҷала дар баробарам зоҳир мешавад ва аз ман поспурт мехоҳад. Баъд ҳам тазаккур медиҳад:

– Инҷо сигор кашидан дар ҷоҳои умумӣ манъ аст.

Сигорамро хомуш мекунам ва поспуртамро барои арзёбӣ ба пулис медиҳам. Вақте мефаҳмад аҳли Эрон ҳастам, лабханде мезанад. Дандонҳои тилоии ӯ нигоҳамро ҷалб мекунад. Ҳамин ки поспуртамро ба худам таҳвил медиҳад, аз ман мепурсад:

– Бо ин навозандаи гадо чӣ гап доштӣ?

Ба ӯ гуфтам:

– Ӯ гадо нест, мардум барои навозандагӣ ва эҳсоси хуше, ки ба онҳо медиҳад, пулаш медиҳанд. Тоза касеро барои пул додан иҷбор намекунад, чун аслан намебинад.

Аз ин ки эронӣ ҳастам, бо лаҳҷаи теҳронӣ ҳарф мезанам. Дӯст дорад бо ман бештар гапу гуфтугӯ дошта бошад, мунтаҳо ман фурсаташро надорам, бояд зудтар биравам.

Дар токсӣ дорам ба тоблуҳои[77] таблиғотӣ, ки гӯшаву канори хиёбон насб шудаанд, менигарам, ки чашмам ба тоблуе бархурд мекунад, ки тасовири зебое аз Гесу ба намоиш гузошта, дар зайли он барномаҳои кунсерти ӯро эълом мекунад. Хушбахтона, пушти чароғи қирмиз қарор гирифтам. Ҳамин фурсат боъис шуд, то одресу замони иҷрои кунсертро дар зеҳнам сабт кунам. Як чиз дар ин тоблуи таблиғотӣ бо иттилоъе, ки ман доштам, фарқ мекунад. Яъне номи Гесу дар ин тоблу Зарина аст, ки боъиси таъаҷҷуби ман мешавад. Вале акс комилан тасвири ҳамон Гесуест, ки имрӯз шинохтам. Шояд Зарина номи ҳунарии Гесу бошад.

***

Кунсерт бахубӣ тамом шуд. Бо ин ки шиками Зарина ё ҳамон Гесу ҷилав омада, ба ҳамин далел ҳаводорони зиёде ба ӯ наздик намешаванд. Бо риъояти фосила танҳо барои ҳомилагияш ба ӯ табрик мегуянд.

[77] *Тоблуи таблиғотӣ - овеза ё реклама*

Намедонам бо ин вазъият чиро исрор дошта кунсерт баргузор кунад. Бо як либоси зиришкиранг, ки бо пулакдӯзиҳои барроқи[78] пойини доманаш ба замин кашида мешуд. Аввалин эроние ҳастам, ки дар байни ҳаводорон дар пайи Заррина меравам. Ҳанӯз навозандаҳо мусиқии поёниро менавозанд. Ба навъе мехоҳанд аз издиҳоми мардум дар роҳравҳо ҷилавгирӣ кунанд. Ҳаводорон даврашро мегиранду мехоҳанд аз ӯ имзо бигиранд. Аз он фосила мефаҳмам ҳоли Зарина чандон хуб нест. Аз гӯшаву канор, аз тарафи занҳое, ки дар маҷлис ҳузур доранд, мешунавам, ки дар бораи ҳомилагии ӯ ҳарф мезананд. Бархе ӯро ҳафтмоҳа медонанд, бархе шашмоҳа ва бархе ҳам ҳаштмоҳа. Шояд барҷастагии шикамаш зиёдӣ аз зери либосаш намоён шудааст, ки бархе аз гапу гуфтҳои занона дар атрофи солуни кунсерт дар бораи ҳомилагии ӯст.

Чандин таронае, ки хонд, умуман ҳузнангез ба ҳисоб меомад. Ҳатто баъзе дар гӯшаву канор эътироз мекунанд, чун мехостанд шаби шодиро сипарӣ кунанд. Баъзе ҳам бо чашмони гирён аз дари хурӯҷии солуни Борбад берун мерафтанд. Ғолиби хонандаҳо пас аз поёни кунсерт вақтеро барои додани имзо ба ҳаводорони худ мегузоранд. Маълум аст, ки Зарина ҳоли хубе надорад. Касоне ки муваззаф ҳастанд, то ҳалқае даври Зарина барои муҳофизат аз ӯ ба вуҷуд оваранд, кофӣ набуданд. Шояд як нафар ё ду нафар мекӯшиданд касе ба Зарина фишор ворид наёварад, ҳарчанд

---

*[78] Барроқ - дурахшон*

мумкин аст ин ду нафар муҳофиз аз наздикону хешу табори худи Зарина бошанд.

Баякбора садои окордеуни Дориюш дар он шулуғӣ[79] фазои солунро[80] пур кард. Мебинам Зарина ҳолаш бадтар аз қабл мешавад. Ҳамин тур ки аз роҳрави бузурги солуни Борбад ба ҳамроҳи ҳаводоронаш қасди берун рафтан дорад, дар нигоҳаш ҷилави дари вурудии солун Дориюш бо он айнаки сиёҳ истода. Ӯ ҳам мусиқии маҳзунеро менавозад, ки Зарина бо он қитъаи мусиқӣ гӯё ошност. Ба баҳонаи ин ки нафасаш дорад мегирад, теъдоди ҳаводороне, ки ба гирдаш ҳастанд ва мисли кана Заринаро раҳо намекунанд, тадриҷан коҳиш меёбад. Бидуни ин ки ошноӣ[81] бидиҳад, аз дарвозаи солун ба берун меравад. Рӯи лабаи буланди боғчаи берун аз солун менишинад, то нафас тоза кунад. Барояш як ливон об меоваранд. Дарвоқеъ, Зарина мехоҳад садои мусиқии Дориюшро бишнавад.

Бо дастмоли абрешимии хеш ба баҳонаи пок кардани араќи сурат ашкҳои нохостаашро пок кард. Онҳое ҳам ки аз солун берун меомаданд, таҳти таъсири мусиқии Дориюш қарор гирифтанд. Лизо искиносҳои рангоранге даруни ҷайбаш фурӯ мекунанд, дар сурате ки мутаваҷҷеҳи таваҷҷуҳи мардум ва пулҳое, ки даруни ҷайби ӯ ниҳода мешавад, нест.

---

[79] *Шулуғӣ - ҷои пурсарусадо*

[80] *Солун - толор*

[81] *Ошноӣ додан - худро муъарифӣ кардан, худро шиносондан, салом ва таъоруф кардан*

Зарина фақат менигарад ва бо бодбизани[82] сохти Чин, ки дар даст дорад, як ҷуръа аз бутрии оби маъданиро менӯшад ва бо дасти дигар худашро бод мезанад. Бутриро канор мегузорад ва бо дастмол қабл аз резиши ашкҳои чашмонаш онро хушк мекунад. То инки Дориюш мелудии[83] худашро тағйир медиҳад. Гӯё сангро ҳам ба гиря вомедорад. Зери бағали Заринаро мегиранд, то ӯро ба тарафи Бензи сиёҳи рангӣ, ки наздики солуни Борбад мунтазир аст, мебаранд, то инки худи Дориюш бо садои зебое овоз мехонад. Муҳимтарин вожаҳо дар шеъре, ки мехонад ва барҷаста аст, ҳамин аст:

Чиро фаромушам кардӣ...

Чиро фаромушам кардӣ...

Вале рӯзгор фаромушат намекунад...

Ман аз овозе, ки мехонад, фақат ҳамин такҷумлаҳо ва ё таквожаҳоро мешунавам.

Тақрибан атрофи солун хилват шуд ва чандон аз ҳаводорон хабаре нест. Танҳо як марди чобукандом ва як комилзани фарбеҳ ҳастанд, ки зери бағали Заринаро мегиранд, ба тарафаи Бензи сиёҳранги қадимӣ мебаранд. Аз ин фурсат истифода мекунам. Тавре худамро нишон медиҳам, ки ба умури пизишкӣ ворид ҳастам. Иҷоза меёбам Заринаро бо қарор додани соъиди дастонам зери зонувон ва пушти камари ӯ, аз замин бувандаш кунам ва ба тарафи мошини Бенз бибарам, то ӯро дар сандалии ақаб ҷой диҳам. Он комилзани фарбеҳ ва марди чобук, ки ҳарду

[82] Бодбизан - василае барои бод кардан ва гармии давру бари худро костан
[83] Мелудӣ - оҳанг

либосҳои тоза ва зебо пӯшидаанд, дар ҷилави Бенз менишинанд. Марди чобук пушти фармон ва комилзани нигарон канори ронанда менишинад. Ва сари Зарина низ рӯи шонаам қарор дорад, ингор ба хоби амиқе фурӯ рафтааст. Бӯи удукулуни[84] занонае, ки ба баданаш зада, фазои дохили Бензро мамлӯ[85] аз худ карда. Дар байни роҳ гоҳе ба сураташ менигаристам ва баъзан ба худам мегуфтам: "Худоё ин зебой хуфта дар оғуши ман аст?!"

Вақте шиками гундаашро[86] мебинам, ба худам меоям, мегӯям: "Мардак, ин зан шавҳар дорад." Ҳамин суол боъис шуд, то аз комилзани канори ронанда бипурсам:

– Пас шавҳараш куҷост?"

Ҳеч нагуфт, фақат саре такон дод. Фик кардам ронандаи Бенз ё ҳамон марди чобук шавҳари Зарина аст. Аммо боовараш бароям сахт аст. Ба ҷои комилзан ронандаи Бенз забон гушуд:

– Ин хоҳари мо аз шавҳар шонс наёвард.

Ва баъд комилзани фарбеҳ дар идома:

– Инҷо зан бадбахте!

Дидам ронанда ё бародари Зарина масиреро меравад, ки бемористони Сино дар он масир қарор дорад. Зеро бемористони Сино фосилаи чандоне бо солуни Борбад надорад. Ба ронанда мегӯям:

– Бирав тарафи бемористони Сино.

Ибтидо мураддад аст. Бо асабоният мегӯям:

---

*[84] Удукулун - моеъи хушбӯкунандае аз обу алкул ва атрҳои мухталиф*
*[85] Мамлӯ кардан - пур кардан, саршор кардан, лабрез кардан*
*[86] Гунда - бузург, калон*

– Магар бо шумо нестам?! Бирав ба бемористони Сино.

Ронанда, ё ҳамон бародари Зарина, рӯ ба комилзани фарбеҳ мекунад ва мепурсад:

– Чи кор кунам хоҳар?

Боз бо асабоният мегӯям:

– Гуфтам, ки бирав бемористони Сино.

Хоҳари Зарина бо ишораи чашму абрӯ ба ронанда мефаҳмонад, ки ҳарфи маро гӯш кунад ва ӯ бо тамоми қуво давр мезанад ва ба тарафи бемористони Сино меравад. Ин бемористон аз лиҳози таҷҳизоти пизишкӣ беҳтар аз дигар бемористонҳои шаҳр аст.

Хоҳари Зарина хеле ором даруни кифашро мекобад ва искиносҳои мучолашударо[87] соф мекунад[88] ва рӯи ҳам мегузорад. Баъд нигоҳе ба бародараш мекунад. Бо даст ба бозуи ӯ мезанад ва мутаваҷҷеҳаш месозад, ки пули каме доранд. Бародари Зарина аз ҷайби бағали куташ кифашро берун оварда ва ба хоҳараш медиҳад. Хоҳари Зарина дохили кифро менигарад, мебинад чандон пуле дарунаш нест. Бо ин ҳол он теъдод искиносҳои даруни кифи бародарро ҳам ба ҷамъи искиносҳое, ки дар даст дошт, изофа мекунад. Мефаҳмам ба ҳамдигар нигоҳҳои маънодоре мекунанд. Ман аз зани фарбеҳ мепурсам:

– Бахшиш, номи шумо чист?

– Мавлуда, хоҳари Зарина ҳастам. Ва ин ҳам (ишора ба ронанда) бародараш ҳаст.

– Пас шавҳараш?

– Маскав ҳастеш!

---

*[87] Мучолашуда - фишурда ва қатшуда*
*[88] Соф кардан - дар инҷо: ҳамвор кардан*

Мавлуда нафаси амиқе мекашад. Гӯё ки дилаш пур аз ғуссаи ногуфтаҳост, ки ба ин роҳатӣ забон аз шуълаҳои ғами худ боз кунад. Ингор чизе мехоҳад бигӯяд, лекин худдорӣ мекунад. Ташвиқаш мекунам, то роҳаттар ҳарф бизанад. Аз ин рӯ мегӯям:

– Дурусте, зиёд ҳамдигарро хуб намешиносем, аммо аз ин ба баъд боистӣ каме ба ҳам эътимод кунем.

Мавлуда гӯё мунтазири баҳонае бошад, мегӯяд:

– Падарлаънат аз вақте, ки фаҳмид Зарина ҳомила аст, бисёр баҳонаҷуӣ кард ва Заринаро ба ҷурми ин ки кӯдаки шикамаш духтар аст, талоқ дод.

Мепурсам:

– Магар Зарина Русия буд?

Посух медиҳад:

– Бале, шояд чанд моҳ аст, ки аз Маскав омада.

Боз мепурсам:

– Хуб, шавҳараш ба ҳамин содагӣ талоқ дод?

Ҷавоб медиҳад:

– Шумо хабар аз инҷо надорӣ. Тӯ Эрон занҳо рӯи сари мардҳо савор ҳастанд, вале чи кунем, ки инҷо зан яъне хидматкор, яъне канизи мард, ин тӯ хуни мардҳои мост, ҳатто тӯ хуни ҳамин бародарам, ки доре ронандагӣ микуне.

Аз бародари Зарина мепурсам:

– Хоҳарат дуруст миге?

Ба ҳолати истисол[89] мегӯяд:

– Хуб, фарҳанги мо интурие.

Мепурсам:

---

[89] *Истисол - парешонӣ, навмедӣ, лоъилоҷӣ*

– Хуб, шавҳари Зарина чи микуне?

Мавлуда ҷавоб медиҳад:

– Тибқи қонун, касе шаҳрванди Русия шавад, зани рус ҳам мегира.

Расидем ба бемористон. Худам Заринаро бо тамоми қуво аз рӯи сандалии ақаб буланд мекунам, ба дохили бемористон мебарам. Сареъ парасторҳо Заринаро рӯи бронкорд[90] мегузоранд ва ташхис медиҳанд ҷиҳати амали сезориян[91] ба утоқи амал бурда шавад. Медонистам, ки Мавлуда ва бародараш пул ба андозаи кофӣ надоранд. Худам пешқадам шудам ва он чи ниёз аст, ба дулор дар ибтидои амр ба сандуқи дарёфти пул пардохт мекунам. Хушбахтона, ба андозаи кофӣ дулор ҳамроҳ дорам. Шояд он лаҳза ки Зарина сарашро беҳуш рӯи шонаам гузошт, ҳисси хеле хубе нисбат ба ӯ пайдо кардам. Росташ, ба Зарина алоқаманд шудам. Аз тарафе медонам Дориюш сахт ошиқи Зарина аст.

Пушти дари утоқи амал мунтазирам. Ин лаҳза Мавлуда ҳам дар канорам аст. Аз рӯи кунҷковӣ мепурсам:

– Ин касӣ ке окордеун мизад-ру шумо мишиносид?"

Бо асабоният ҷавоб медиҳад:

– Ҳамун боъис шуд, то ҳоли Зарина хароб бише.

Пурсидам:

– Заррина дӯсташ доре?

---

*[90] Бронкорд - василае барои бурдани бемор ба бемористон (носилка)*

*[91] Амали сезориян - бо ҷарроҳӣ берун овардани кӯдак аз батни модар, ки аз номи Сезор, подшоҳи Рум, бармеояд. Дар забони форсӣ ба ин амал гоҳ "рустамона" мегӯянд.*

– Яъне чӣ? Манзурат монанди зану шавҳаре, ки ҳамдигарро дӯст дошта бошанд? Ё ба унвони дуто шинос?

– Ҳамин ки бихоҳанд бо ҳам издивоҷ кунанд.

– Ҳей писар, чи мегӣ, ун маҷнуне. Тоза Сафар бист сол аз Зарина калонтар аст. Ин мардак Заринаро ранги занаш, ки мурда, мебинад. Фикр мекунад Гесу аз сафар баргашта. Зарина ҳам намехоҳад дилаш шикаста шавад, ба ӯ таваҷҷуҳ мекунад.

– Худаш миге номам Дориюше.

– На, на, ун тӯ Ирон мактаби мусиқиро омӯхтааст, баъд номи ҳунарии худашро Дориюш гузошта.

– Пас Гесу кие?!

– Гесу ҳамсинфи ҳамвилоятии Сафар буд. Сафар бисёр ошиқаш мешавад, билохира бо ҳам издивоҷ мекунанд, вақте аз маҷлиси арусӣ бармегаштанд, Сафар каме арақ бештар аз андоза нӯшида буд, мошинашон аз баландӣ меуфтад тӯ рӯдхона. Гесу ҳамон вақт мемирад, аммо Сафар наҷот пайдо мекунад, вале ба кумо меравад. Вақте ба ҳуш меояд, мутаваҷҷеҳ мешавад, ки кӯр шуда. Аз он пас ранги девонаҳо шуда... Бечора, Гесу ҳомила ҳам буда! Кӯдак дар шиками модар ҳам мемирад.

– Хуб чи рабте ба Зарина, хоҳари Шумо, дорад?

– Садои Зарина бисёр монандӣ дорад ба садои Гесу, фақат ҳамин. Албатта, бамаротиб аз садои Гесу хуштар аст.

– Пас зиёд собиқа надорад.

– На, аз вақте ки Зарина чанд тарона дар телевизиюн хонд, барои мардум бисёр мақбул

шуд. Сафар ҳам билохира гӯш карда, баъд сахт аз ин касу аз он кас пурсон карда, то хонаи Заринаро ёфта ва ҳар рӯз сари роҳи Зарина менишинад. Мусиқиҳоеро, ки Зарина дӯст дорад, менавозад. Албатта, Зарина пайрави мактаби Гесу аст ва таронаҳои Гесуро бозхонӣ мекунад. Мумкин аст ба ҳамин хотир алоқаи зиёде ба Зарина пайдо карда. Фикр мекунад Зарина занаш аст.

Моҷаро чандон барои ман шаффофу рӯшан намешавад, вале шабеҳи филмҳои ҳиндӣ шудааст. Аз тарафе дилам месӯзад, аз сӯйе ҳам хандаам мегирад. Мунтаҳо бо ҳамаи ин моҷаро гӯё Сафар оҳангсози хубе буда, аммо бо марги Гесу, ки худаш омили он буда, эҳсоси виҷдондард мекунад ва намехоҳад қабул кунад, ки боъиси марги Гесу худаш аст. Бозхонии таронаҳои Гесу тавассути Зарина ҳам мӯҷиби ташдиди таваҳҳумоти Сафар ё ҳамон Дориюш мешавад. Барои ин ки зеҳнам аз ин гунгӣ, ки дарунаш уфтодаам, берун ояд, аз Мавлуда мепурсам:

– Зарина чанд сол бо шавҳараш дар Маскав буд?

Посух медиҳад:

– Ду сол.

Мепурсам:

– Қабл аз рафтан ба Маскав Зарина хонанда буд?

– Ҷавоб дод:

– Ҳо, бале шӯяш ба ҳамин хотир ошиқаш шуд... Зарина дар Маскав таронаҳояшро забт мекард ва ба Тоҷикистон мефиристод.

Мепурсам:

– Зарина бо ин ҳоле, ки дошт, он ҳам замоне ки ба таваллуди кӯдак замоне намонда, чиро кунсерт гузошт?

Мавлуда аз рӯи нимкати бемористон буланд мешавад. Гуё каме беҳавсала ҳам шудааст, рӯбарӯям меистад ва мегӯяд:

– Инҷо ҳофизо агар дар ҷашнҳои арусӣ ва маҷлисҳо нахонанд, маъош надоранд. Зарина барои ҷарроҳии зоимон ба маблағ ниёз дошт, дуктурҳо гуфтаанд бояд сезориян шавад, табиъӣ наметавонад кӯдакро таваллуд кунад, аз куҷо бояд пул таҳия мекард? Худат, ки дидӣ аввали кор чи қадр маблағ ниёз шуд. Хуб, бояд кунсерт мегузошт. Тоза бештари ин маблағи кунсерт барои касест, ки испонсер ҳастеш. Ҳозир ҳам ба Зарина пуле намедиҳанд.

Садои мусиқии окордеуни Дориюш ба таври хафиф[92] ба гӯшам мерасад. Ҳарчи аз умри сонияҳо мегузарад, садои мусиқӣ возеҳтар ба гӯш мерасад. Садое, ки диламро меларзонад. Беихтиёр аз ҷо бархостам ва ором-ором ҳамгом бо шунидани мусиқӣ роҳрави бемористон дар табақаи чаҳорумро то ба панҷараи рӯбарӯи хиёбон тай кардам, то беҳтар садои мусиқиро бишнавам ва ҳам худи Дориюшро бибинам. Дар чашмандозам боғи Парчамро мебинам. Фазои пойизиро метавонам аз ин иртифоъи буланд бибинам, ки чигуна ранги пойизии табиъат сояашро ба рӯи ҳамаи дарахтҳо густарондааст.

Мутаъаҷҷибам, ӯ чигуна мутаваҷҷеҳ шуда, ки Зарина дар бемористони Сино бистарӣ шуда! Ё аслан мутаваҷҷеҳ нашуда, иттифоқӣ аз боғи

---

[92] *Хафиф - ором*

Парчам қадамзанон, тавъам бо навохтани мусиқӣ сар даровარда ва ҳамин тур ба тарафи бемористони Сино меояд. Каме панҷараро бидуни иҷозаи коркунони бемористон мегушоям, то тараннуми мусиқӣ дар фазои роҳрав ҷараён пайдо кунад. Ҳоло нигоҳам байни Дориюш ва Мавлуда аст, ки нигарон ҷилави утоқи амал ҳамин тур қадам мезанад, то шояд хабаре аз утоқи амал берун ояд. Бародари Зарина ҳам, ки маълум нест, чигуна гуму гӯр шуда! Намедонам аз қасд бемористонро тарк карда ё воқеъан коре дошта! Шояд ҳам рафта, то пул таҳия кунад, чиро ки харҷи бемористон бештар аз ин маблағест, ки ман дар ибтидои кор пардохт кардам.

Бо шунидани мусиқии окордеуни Дориюш ба олами хаёлоти худам фурӯ меравам. Ба алоқаи худам ба Зарина меандешам, ки оё муҷоз ҳастам ба ин мавзӯъ фикр кунам ё на? Аз сӯе ҳам фикр мекунам вуруди ман ба дунёи Зарина шояд аз инсоф ба дур бошад, зеро ошиқи дилбохтае чун Дориюш бо хаёли Заррина зиндагӣ мекунад.

Яке аз аъзои утоқи амал берун меояд. Ҳисси аҷибе дорам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки мехоҳад иттифоқи баде рух диҳад. Ҳадс мезанам Зарина дар зери теғи ҷарроҳӣ ба мушкил бархӯрда. Ғами сангине рӯи дилам менишинад. Шояд ҳам кӯдакашро мурда ба дунё овардаанд? Ё инки ҷони худаш дар хатар уфтода? Ҳоло барои як лаҳза ҳам ки шуда, аз худам мепурсам, ки ман инҷо чи кор мекунам?! Чиро ман худамро даргири ин моҷаро кардам?!

Пизишк ё марде, ки сар то по либоси якранги утоқи амалро пӯшида буд, хаставу кӯфта назди Мавлуда меравад ва ман ором-ором ба сӯи

Мавлуда роҳ меуфтам. Намефаҳмам ин мард чи ба Мавлуда мегӯяд. Ҳаминро бас, ки Мавлуда ҷеғ мекашад ва беҳуш рӯи замин меуфтад. Дар миёнаи суқут он мард зери бағали Мавлударо мегирад ва рӯи нимкати канори девори роҳрав менишонадаш ва касеро барои кумак садо мезанад. Шитобон духтари парасторе аз мудирияти бахш, ки дар роҳрав қарор дорад, худашро ба болои сари Мавлуда мерасонад. Ва ман мабҳут ба монанди одамҳои руботик бо чашмони гушода ва ҳайрон ба сӯи Мавлуда қадам мегузорам, то ин ки марди мавриди назар, ки аз утоқи амал хабар оварда, мутаваҷҷеҳ гардад, ки ман ҳам ҳамроҳи Зарина ҳастам. Он мард тавъам бо афсус нафаси амиқе мекашад ва бо шитоб боз дами хешро ба берун медиҳад ва аз канорам мегузарад. Ин барои ман маъно ва мафҳуми ғамангезе дорад.

Худамро ба болини Мавлуда мерасонам ва сипас ба самти утоқи амал меравам, то аз пушти шиша, дуруст аз миёни дарзи парда, ки каме фазои дид ба ман медиҳад, даруни утоқи амалро дар андозаи маҳдуде биковам. Мисли инки ҳамаи дастандаркорони утоқи амал корашон ба поён расида ва доранд малҳафаи[93] сафед рӯи Зарина мекашанд. Мутмаин мешавам худи Зарина аст, ки порчаи сафед рӯи сураташ кашида шуда, ҳеч садое аз гиристани кӯдак ба гӯш намерасад. Билохира, зане аз тими ҷарроҳӣ ҳам аз утоқи амал, хаставу куфта омад ва ман ба ӯ менигарам. Танҳо сарашро ба ин сӯву он сӯ такон медод. Дубора дар андозаи зовияи диди маҳдуде, ки дорам, аз миёни ду парда

---

[93] *Малҳафа - рӯандоз, порчаи сафеде, ки рӯи ҷасад гузоранд*

барои як лаҳза навзоди хомӯшро мебинам, ки дар порчаи сафеде мисли шукулот канори модар зери малҳафаи сафед бастабандӣ шудааст.

Аслан нафаҳмидам чи қадр замон гузашта. Ҳамин тур, ҳайратзада, хушкам зада, танҳо садои мусиқиро мешунавам, ки ҳар лаҳза баландтар мешавад, ки ногаҳон садои тасодуфи мошине аз беруни бемористон ва қатъ шудани садои мусиқӣ маро аз ҳайрат берун меоварад ва инак ҳамҳамаи одамҳоро мешунавам. Гумон мебарам, чи иттифоқе уфтода, мисли одамҳои маст тилав-тилавкунон[94] ба сӯи панҷара меравам.

Муқобили панҷара меистам ва аз он иртифоъ[95] ба сатҳи хиёбони беруни бемористон менигарам. Одамҳо аз ҳар тараф ба сӯи як нуқта аз хиёбон ҷамъ мешаванд. Вой, Худои ман! Дориюши мучолашуда, нақши замин уфтода, окордеунаш нисбатан муталошӣ шуда... Гӯё мехоста аз он сӯи хиёбон ба тарафи бемористон убур кунад, ки мутаассифона, сахт бо утумубили саворӣ тасодуф кардааст. Мебинам, ки доираи номуназзами хун бар кафи осфолт даври ҷасадаш бузургу бузургтар мешавад...

---

[94] *Тилав-тилавкунон - ҳаракати ба чапу рост, монанди роҳ рафтани мастон*
[95] *Иртифоъ - баландӣ*

# Дар оғӯши сапедор

## “Бардоште озод аз воқеъият”

*Баргардон: Исфандиёри Одина*

Дуруст аз як моҳ пеш, ки сохтмони рестурон ба табақаи дувум расид, аз ин баландӣ метавонистам бибинам пиразане ороишкарда субҳҳои зуди якшанбе, он ҳам замоне ки ҳеч кас дар ин порк сару каллааш пайдо намешавад, рӯи нимкате менишинад. Каме ба давру бараш менигарад, сипас суфраи куҳнаи сафедрангашро аз кифаш[96] берун оварда, рӯи нимкат мегустаронад. Ҳар ончи аз хӯрокӣ бо худ оварда, хусусан кейке[97], ки пухта, бо салиқаи хоссе батартиб рӯи суфра мегузорад ва муназзам ду то финҷон[98] қаҳва ва як филоски[99] кӯчак ҳам дар канори кейк қарор медиҳад. Вақте мутмаин мешавад ҳама чиз дар суфра сари ҷояш аст, навбат ба шамъе кӯчак мерасад, ки рӯи кейк қарор дода, онро рӯшан мекунад.

Ба дарахти сапедори куҳансоле ба интиҳои нимкати мумосшуда[100] такя мезанад. Мисли духтаракҳои ҷавони боъишва сигоре миёни ду лабони сурхобмолида гузошта, бо фандак[101] онро рӯшан мекунад. Бо ҳисси интизоре, ки дорад, по рӯи по андохта, комҳои сангине аз сигор мегирад ва ба нуқтае мутмаркиз мешавад. Он қадр, ки гӯӣ пилк задан ёдаш рафтаст.

Умуман субҳҳои якшанбе аксарияти мардуми шаҳри Душанбе ба хотири таътилоти охири ҳафта

---

*[96] Киф - сумка*
*[97] Кейк - торт*
*[98] Финҷон - истакон ё зарфи кӯчаки сафолӣ ё чинӣ, ки бо он қаҳва ё чой хӯранд*
*[99] Филоск - зарфи шишаӣ ё филиззӣ*
*[100] Мумосшуда - пайвандхӯрда, часбида*
*[101] Фандак - василае барои даргирондани сигор (зажигалка)*

дар хоби нозанд ва ҳамаҷо хилват аст. Танҳо овози гунҷишкҳост, ки сукути танҳоии пиразанро дар порки пушти Уперо ва боле мешикананд. Порке, ки дарахтҳои кӯтоҳу буланди шамшодаш боъис мешавад духтару писарҳо дар кулли рӯз лобалои онҳо парса[102] бизананд ва ҳамдигарро дур аз чашмони дигарон дар оғӯш бигиранд ва бо ҳамдигар бӯсаҳои ошиқона мубодила кунанд. Ба ҳамин хотир ба «Порки ушшоқ» дар маркази шаҳр маъруф шуда. Дуруст канори солуни бузурги куҳансоли теотри уперо ва болеи шаҳри Душанбе, ки такягоҳи ин порки қадимӣ шудааст.

Ногузирам саривақт бинои рестуронеро, ки барои сохтанаш қарордод кардаам, ҳарчи зудтар таҳвил[103] диҳам. Бино бар ин, боистӣ бар хилофи дигар ҷоҳо ҳатто субҳи зуди рӯзи якшанбе ҳам, ки ҳанӯз коргарҳо наёмадаанд, зудтар аз онҳо, бахусус бо рӯшан шудани осмон, корамро шурӯъ кунам. Сохтмони табақаи дувуми рестурон боъис шуд то ҳудуде битавонам аз баландӣ бар муҳити порк, хусусан онҷое, ки пиразан дар миёни дарахтчаҳои шамшод ба оғӯши пири сапедор такя зада, диди кофӣ дошта бошам. Пиразан аслан намедонад дар ин чаҳорумин якшанбе ман аз ин баландӣ назорагари аъмолу рафтори ӯ аз пушти сутуни сохтмони табақаи дувуми ин рестурони нимакора ҳастам.

Ончи ки рӯи суфра мебинам, ба зоҳир барои ду нафар аст, мунтаҳо аз нафари дувум хабаре нест. Гӯё пиразан дорад бо як нафари хаёлӣ ҳарф мезанад, ки ман қодир ба диданаш нестам. Шояд

---

[102] *Парса задан - сайр кардан, чарх задан*
[103] *Таҳвил додан - супурдан, вогузор кардан*

пиразан дучори равонпарешӣ шуда, ки баъзан дар синини пирӣ ба он дучор мешаванд?! Шояд ҳам бо як рӯҳ гуфтугӯ мекунад, ки ман қодир ба диданаш нестам. Мутаассифона, фосилаи миёни мавзеъе, ки ман қарор дорам, ва он ҷое, ки пиразан рӯи нимкат нишаста, фосилаест, ки наметавонам гапу гуфти шӯрангези ӯро бишнавам. Зеро рақси шохсори дарахтон дар он насими пойизӣ ҳамроҳи овози гунҷишкҳо монеъи шунидани ҳарфҳои ӯ мешавад.

Пиразан барои шахси хаёлии худ, ки ӯро намебинам, сипас барои худаш дар ду финҷон қаҳва мерезад ва бо ташрифоти хоссе ҳамроҳ бо шукулот, ҷуръа-ҷуръа қаҳваро менӯшад ва мобайни нӯшидан ҳарф мезанад.

Намедонам чиро ин бор бештар аз якшанбеҳои пешин кунҷковтар шудаам, ба қадре ки наметавонам ҷилави зеҳни ҷустуҷӯгари худро бигирам. Сареъ аз пилакони[104] нимкора пойин меравам, хамида-хамида, поварчин-поварчин[105] ба сӯи ҷое меравам, ки пиразан ҳузур дорад. Хушбахтона, вақте аз миёни дарахтчаҳо ба сӯяш меравам, ба ҳеч ваҷҳ аз пушти девораҳои сабзе, ки тавассути дарахтчаҳои тӯдартӯи[106] шамшод дуруст шуда, монеъи диди пиразан нисбат ба ман мешавад. Албатта, ба гумонам, чашму гӯши пиразан ҳам дар он авҷи овози гунҷишкҳо наметавонад он қадр шунаво бошад, то мутаваҷҷеҳи ҳузури ман дар атрофи худаш шавад. Худамро ба пушти бутазори буланде мерасонам,

---

*[104] Пилакон - зинапоя*
*[105] Поварчин-поварчин - оҳиста-оҳиста қадам задан, ки касе садои поро нафаҳмад*
*[106] Тӯдартӯ - дарунбадарун*

ки дарахтчаҳои шамшод гирдогирди муҳавватаеро, ки пиразан дар онҷо қарор дорад, иҳота кардааст.

Финҷони қаҳваашро рӯи суфра канори худаш мегузорад. Ҳоло ман тамоми ҳарфҳоеро, ки мегӯяд, мешунавам. Мутаассифона, ба хотири суҳбат кардани ғализ ба забони русӣ ҳарфҳояшро намефаҳмам. Аз тарафе тез-тез бо шахси хаёлии худ русӣ гап мезанад. Ҳарчанд бархе аз ҷумалот ва вожаҳоро нимакора истифода мекунад. Ман ҳам як коргари сохтмон ҳастам, ки ба хотири ниёзи молӣ натавонистам мактабро давом диҳам. Аз ин рӯ, фаҳмидани забони русӣ, он ҳам ба ин суръате, ки ин пиразан ҳарф мезанад, бароям осон нест. Танҳо рафтору ҳаракоти пиразан аст, ки барои фаҳмидани ӯ ба ман кумак мекунад, то ба сурати тасвирӣ мақсуд аз гапҳои ӯро то ҳудуде дарк кунам.

Аз лаҳни садои пиразан тавъам бо ишваҳое, ки аз ӯ мефаҳмам, гумон мебарам суханонаш боистӣ ошиқона бошад. То ин ки мебинам лабонашро ғунча карда ва дукмаҳои болои пираҳани сурхашро аз боло ба пойин ором боз мекунад. Дар ҳолати хуморгуна чашмонашро мебандад ва дастҳои чурукидаашро ба рӯи синаҳояш мегузорад. Ба дарахти куҳани сапедоре, ки рӯи танааш хотироти ошиқонаи гузаштагон ҳак шуда, такя мезанад, ба монанде ки шавҳараш ӯро аз пушт дар оғӯш гирифта, инон[107] аз каф медиҳад. Чашмонаш ба ҳолати нимабоз мешаванд ва ҳарфҳо ва тикавожаҳое, ки нохоста ба забон меоварад, мутаносиби муъошиқаи зану шавҳарест,

[107] *Инон аз каф додан - инони ихтиёри худро аз даст додан*

ки дар хилвати утоқи хоб ба ҳамдигар мегӯянд. То ин ки пушти дасти дигарашро ба дандон мегазад ва пайваста мемакад. Он қадр рафтори пиразан дар худнамоии занонааш ҳирфаист[108], ки мани ҷавони бисту панҷсола ҳар ойина ҳавас дорам бо ӯ, ки болиғ[109] аз ҳафтод сол син дорад, ҳамхобагӣ кунам. Дасташро аз даруни синабандаш ва он синаҳои чурукидаи[110] овезонаш берун меоварад, домани сиёҳрангашро беихтиёр боло мезанад. Мудом даст миёни ронҳои худ мекашад ва ҷумалотеро такрор мекунад.

Гӯӣ бо касе, ки дар хаёл дорад, муъошақа[111] мекунад. Бе ирода садои муъошақааш боло мегирад, як лазҳа авзоъ иваз мешавад. Ҳоло бо касе, ки дар хаёл бо ӯ ҳамхобагӣ ба оне[112] варақ бармегардад ва бо ӯ дучори таниш ва ҷарру баҳс мешавад. Худашро ҷамъу ҷӯр мекунад, бо асабоният тукмаҳои пироҳанашро ба ҳолати ноз кардан мебандад. Бо шахси мавриди назараш қаҳр карда ва мекӯшад ба ӯ бемаҳаллӣ[113] кунад. Бо асабоният аз ҷо бармехезад ва кифашро рӯи шона мегузорад ва пуштисариҳам ниқ[114] мезанад.

Аз дарахти сапедор каме фосила мегирад. Дар ҳоле ки пушт ба дарахт карда, ойинаи кӯчаке аз даруни кифаш берун меоварад, худашро

*[108] Ҳирфаӣ - касбӣ*
*[109] Болиғ аз - бештар аз*
*[110] Чурукида - пажмурда*
*[111] Муъошақа - ишқбозӣ*
*[112] Ба оне варақ бармегардад - яъне дар як чашм ба ҳам задан вазъият иваз мешавад*
*[113] Бемаҳаллӣ - амдан бетаваҷҷуҳӣ кардан*
*[114] Ниқ задан - баҳонаҷӯӣ кардан*

барандоз[115] мекунад, сипас дасте зери мӯҳои кӯтоҳ ва кампушти тоза рангкардааш мекашад. Бо ишваҳои занонае, ки аз худ нишон медиҳад, дубора лабонашро бо руж[116] сурх мекунад. Ба зоҳир мехоҳад аз рӯи қаҳр онҷоро тарк кунад. Гӯё касе, ки дар хаёлаш аст, монеъи рафтанаш мешавад. Мунтаҳо боз ноз мекунад, то ин ки дасташро рӯи гарданаш мегузорад ва ром мешавад. Дубора тугмаи пироҳанашро боз мекунад. Гӯё аз асабонияте, ки дошт, фурӯкаш мекунад. Чеҳраи абӯсу гирифтааш гушода шуда ва абрӯҳояш аз гиреҳ боз мешаванд. Ингор шахси хаёлӣ аз пушт ӯро бағал гирифта бошад, бармегардаду худашро дар оғӯши он шахси хаёлӣ қарор медиҳад. Лахте инчунин мегузарад, то ин ки ба хаёли худ бо касе мерақсад. Дорад боварам мешавад, ки накунад бо рӯҳи шавҳараш дар ҳоли рақсидан аст?!

Пиразан замзамавор шурӯъ ба овоз хондан мекунад. Он қадр дар рақси хаёлии хеш ғарқ шуда, ки мутаваҷҷеҳи ҳеч ҷунбандае дар атрофаш нест. Ҳамин тур, рақскунон бо дастоне, ки ба рӯи шонаҳояш гузошта, гирди худ мечархад ва мехонад. То ба танаи дарахти сапедор мерасад, бо шӯру шаъаф танаи дарахти сапедорро мебӯяду мебӯсад ва баякбора танаи дарахтро дар оғӯш мегирад. Лабони сурхашро рӯи пӯстаи он мемолад ва муҳкам мефишорад. То ин ки лаб аз пӯстаи дарахт бармедорад, дар айни ҳамоғӯшӣ бо ӯ ҳарф мезанад. Намедонам чи иттифоқе дубора миёни ӯ ва дарахти сапедор рух дод, ки пушташро ба

---

*[115] Барандоз кардан - худро дар ойина нигоҳ кардан*
*[116] Руж - гулгуна, ки бо он лабро сурх кунанд*

дарахт кард. Ба монанди заноне, ки барои шавҳаронашон ноз мекунанд ва мехоҳанд дар ҳамхобагӣ имтиёз бигиранд. Шурӯъ кард ба тундӣ бо дарахт сухан гуфтан. Тибқи маъмул, намедонам аз он касе, ки бо ӯ дар ҳоли муъошақа аст, чи гуфтушунуде дорад, ки ором пушти худашро ба дарахт мечасбонад ва шурӯъ мекунад босанашро[117] ба дарахт сойидан. Он қадр ин корро такрор мекунад, ки домани сиёҳаш боло меравад ва саросари соққо ва ронҳои чурукидааш намоён мешавад.

Он қадр дар ҳиссу ҳоли пиразан фурӯ рафтаам, ки як лаҳза воқеъан боварам мешавад. Беихтиёр чашмонамро мебандам. Чанд сония ҳамин тур ба олами хаёли худам парвоз мекунам, то чашмонамро боз мегушоям. Ин бор тамоми либосҳояшро берун оварда. Ҳатто синаҳои овезонашро ҳам аз синабанд берун андохта. Бо ҳаракоти занона муқобили дарахт худнамоӣ мекунад ва онро дар оғӯш мекашад. Лаб аз танаи дарахт барнамедорад. Бо ҳалқа кардани ду соъиду бозувонаш ба гирди танаи дарахт мехоҳад худашро дар оғӯши дарахт маҳв кунад. Бетаваҷҷуҳ ба дуруштии пӯстаи дарахт ҳамин тур муъошақа мекунад. Гӯё бо шавҳараш дар авҷи ҳамхобагӣ аст. Вожагон ва нолаҳои махсус ба худашро сар медиҳад. Он қадр пиразан масту лояъқил[118] шуда, ки мутаваҷҷеҳи нолаҳо ва вожагоне, ки мегӯяд, нест. Баъзе аз нолаҳо он қадр пурсарусадо ҳастанд, ки ман нохудогоҳ ба атрофам менигарам,

---

*[117] Босан - капал, сон, дунбол, дунба*
*[118] Лояъқил - ақли худро аз даст дода, беақлу беҳуш*

мабодо касе ӯро дар ин вазъият бидуни либос бибинад.

Чизе намегузарад, ки бадани пиразан аз ҳамоғӯшӣ бо танаи дурушти дарахт бозмеистад. Мисли ин ки ба марҳилаи ургосм[119] расида бошад, ҳоло дар оғӯши шахси хаёлии худ мехобад. Ингор ҷузъе аз дарахт шуда, дар сукути маънодоре фурӯ меравад. Шуълаи шамъи рӯи кейк дар масири вазиши насим ҳар дам мумкин аст хомӯш гардад. Як дам ҳама чиз аз ҳаракат бозмеистад, ҳатто овози гунҷишкҳо ҳам хомуш мешавад. Зоҳиран пиразан қасд надорад аз оғӯши дарахти сапедор худро ҷудо кунад. Интизор мекашам, то аз дунёи хаёлот берун ояд. Гӯё пардаи сукут бар андоми пиразан андохта бошанд. Ба монанди қурбоқаи дарахтӣ бар танаи дарахт сокит часбидаасту дигар ҳеч.

Мисли одамҳои барқзада на ҷуръати бархостан дорам, то ҳоли пиразанро бипурсам, на тавони баргаштан ба ҳамон табақаи дувуми рестурони нимасохта. Вале дилам огоҳ аст, иттифоқе уфтода, чун кучактарин ҳаракате аз худаш нишон намедиҳад. Ҳамин аст, ки боъиси дилҳураи[120] ман шудааст. Худашро ба дарахт часбонда.

Билохира, худамро ҷамъу ҷӯр мекунам, мехоҳам аз ҷо бархезам ва ба суроғаш биравам, то аз вазъияти саломаташ аз наздик бохабар шавам. Мунтаҳо тардид дорам, ки мабодо хилвати ӯро хароб кунам. Дудилӣ гиребонамро гирифта. Ногузир аз пушти дарахтчае, ки пушти он пинҳон

---

*[119] Ургосм - авҷи лаззат дар ҳамхобагӣ (orgasm)*
*[120] Дилҳура - нигаронӣ ва изтироб*

шуда будам, бармехезам, то бибинам авзоъ аз чи қарор аст. Бо пиразани рус эҳсоси ҳамзотпиндорӣ дорам, зеро тасаввур мекунам модари худам аст.

Ором-ором азалоти[121] лабони пиразан нарм мешавад, ба далели беҳиссии пиразан. Сараш ба танаи дарахт такя мезанад. Аз он фосила метавонам ҷои сурхии лабонашро бар танаи дарахт чун доғи баҷомонда аз бӯсаҳояш бибинам. Бемуқаддима аз пушти сарам мешунавам:

– Се сол аст, ки ҳар субҳи якшанбе шоҳиди ин саҳна ҳастам...

Аз таъаҷҷуб бармегардам, ки бибинам садои чи касе аст. Ногаҳон чеҳраи Набот, пулиси минтақаи Уперо ва болеро мебинам, ки то паҳнои сураташ тар аз ашк шуда. Дасташро рӯи шонаам мегузорад ва аз ман мехоҳад, ки сабр кунам ва аксулъамале нишон надиҳам. Идома медиҳад:

– Субҳҳои якшанбе меоям инҷо, то ин пиразан бо хаёли роҳат ба зиндагӣ идома бидиҳад.... Ҳоло хоҳиш мекунам баргард сари корат.

Ором-ором дастони ҳалқашудаи пиразан ба даври дарахт беҷон мешавад ва баякбора аз пушт ба рӯи замин меуфтад. Ва Набот беихтиёр давон-давон ба суроғаш меравад, сарашро рӯи зонувонаш мегузорад ва мекӯшад алоими[122] ҳаётияшро баррасӣ кунад. Вақте болои сари пиразан мерасам, Набот бо чашмони сурхшуда аз гиристан ба ман менигарад ва бо ишораи сар ба ман мефаҳмонад, ки пиразан тамом кардааст...

Вақте нигоҳи кунҷковам ба қисмати пойини бадани пиразан уфтод, дидам, аз бас ба баданаи

[121] *Азалот - мушакҳои бадан*
[122] *Алоими ҳаётӣ - нишонаҳои ҳаёт*

дурушти дарахт сойида буд, захм шудааст. Ҳатто ҷои харошҳои хунини рӯи синаҳояш ба ҷо мондааст. Набот бо буғзе, ки дар гулӯ дорад, мегӯяд:

– Кумак кун, то либосашро бипӯшонем!

Замоне ки либосҳои пиразанро ба танаш мекунам, Набот бо телефуни ҳамроҳаш занг мезанад, ки омбулонс ё мошини ёрии таъҷилӣ биёяд.

Буландаш мекунем ва ба дарахте, ки пур аз нивиштаҳои ҳакшудаи ёдгорӣ аст, такяаш медиҳем. Набот мегӯяд:

– Қабл аз издивоҷ ҳамеша инҷо зери ин дарахт қарори мулоқот мегузоштанд, то ин ки издивоҷ карданд... Ҳар сол ба унвони солгарди издивоҷашон бо ҳам меомаданд зери ин дарахт, бо ҳам кейку қаҳва мехӯрданд... Мутаассифона, дар замони ҷанги шаҳрвандӣ як идда силоҳбадаст базӯр шавҳарашро бурданд... Зан илтимос мекард, зорӣ мекард, худашро сахт ба шавҳараш часбонда буд, тавре ки аслан наметавонистанд аз шавҳараш ҷудо кунанд. Ба ӯ қавл медиҳанд, ки баъд аз пурсуҷӯ, як-ду соъат баъд, озодаш мекунанд... Вале шавҳараш ҳеч гоҳ барнамегардад... Ҳар субҳи якшанбе меояд инҷо, суфраашро паҳн мекунад, то шавҳараш баргардад...

Мутассифона, солҳост, ки ҳеч хабаре аз шавҳараш нест. Ӯ яке аз нивисандагони хеле хуби рус буд, ки инҷо зиндагӣ мекард. Китобҳояшро хондам. Ба ҳамин хотир худамро мадюнаш медонам. Танҳо коре, ки метавонистам барояш бикунам, ҳамин аст, ки роҳаттар маросими интизори шавҳарашро анҷом бидиҳад... Тақрибан чанд солест, ки муроқибаш ҳастам, то касе

музоҳимаш нашавад. Худаш намедонад. Рӯзҳои якшанбе меоям инҷо. Албатта, ҳар аз чанд гоҳе барои хабаргирӣ мерафтам хонааш. Ӯ фақат достони ошиқиву дилдодагӣ бо шавҳарашро бароям таъриф мекард... Барои ин ки дилаш нашиканад, ночор будам борҳо ва борҳо то охирин каломи қиссаашро бишунавам. Ҳар бор, ки таъриф мекард, гӯё аввалин бор буд, ки достони ишқу ошиқияшро бароям мегӯяд... Нагузоштам бифаҳмад ҷилавтар аз ӯ одат кардам саривақт инҷо ҳозир бишавам... Мегуфт, ишқ чизе нест, ки дар ҷоми ҳар касе бирезанд... Ҳоло намедонам субҳи якшанбеи баъдиро чи тур бидуни ин пиразан сар кунам...

# Ашки шӯр

Баргардони Умриддини Юсуф

Ҳама ҷо овоза шуд, ки ба Русия рафта, то зоҳиран тавонад он мушкилоти иқтисодӣ, ки ҳамаи аъзои хонаводаро ранҷу фишор медод, то андозае коҳиш бидиҳад, ба он ҳама мардуми маҳалла бовар карданд. Аммо илова бар ин гапу ҳарфҳо, овозаҳои дигаре ҳам забон ба забон дар маҳалла паҳн мегашт; гӯё Рустам дар Маскав бо духтари зебои русе шинос шуда, зани тоҷикашро талоқ додааст. Чизе, ки зеҳни мардумро такон медиҳад, чунин рафтори ноҷавонмардонаи мардонест, ки барои кору касби даромад ба Русия мерафтанд, баъд аз дарёфти миқдори пуле ёде аз хонаводаи худ намекарданд. Ин гуна ҳодисаҳо борҳо рух дода ва ҳар кадоме қиссаву саргузаштҳои аҷиб дорад.

Аз ин рӯ, вақте марде ба Русия меравад, бештарин нигарониро занони ин мардон доранд, чаро ки ин эҳтимолро дар зеҳни худ мепарваронанд, ки шояд шавҳарашон дигар бознагардад. Чӣ басо мардоне, ки бо вуҷуди бордории ҳамсарашон, пас аз як соли зиндагии муштарак ба Русия рафта, дигар боз нагаштаанд.

Ҳама фикр мекунанд, ки Рустам, ҳатто духтарчаи дусола ва падару модари пирашро ҳам фаромӯш кардааст.

Инчунин аз забони ровиёни ахбор ва ноқилони асрор шунида шуд, ки Рустам бе анҷом додани марҳилаҳои қонунии талоқ дар шаҳри Душанбе бо як тамоси телефонӣ тибқи расму ойини динӣ занашро талоқ додааст.

Ин дарди талхи ҷонсӯз Нилуфарро водор кард, худро аз ҳамсояҳо ва шиносҳои худ канора гирифта, бо онҳо камтар муносибат дошта бошад, аз ин рӯ намехост дар ҳар мулоқот ба дилсӯзиҳои дурӯғини онҳо рӯбарӯ шавад. Ин тараҳҳумҳо

барои Нилуфар чун заҳри морест, ки бояд бинӯшад ва ба эътироз ҳам лаб накушояд. Бештар чизе, ки маро озор дод, ин аст: чӣ тавр баъзе аз мардон барои худ иҷоза медиҳанд, дар ивази маблағи ночизе ба Нилуфар пешниҳодҳои бешармона диҳанд! Ҳамин гапҳои заҳролуд боис шуд, то он ҷое, ки метавонист аз нигоҳи дигарон дур бошад. Албатта, яке аз далелҳои боиси ташвиш ва нигаронии Нилуфар шуда буд, ҳамон зебоии беандозаи ӯ буд. Ҳатто онҳое, ки қабл аз издивоҷи Нилуфар бо Рустам хостгораш буданд, боз дар тараддуди шикори дили нозуки ӯ ҳастанд, ки ҳамсари онҳо бишавад. Вале ӯ фиреби ин пешниҳодҳои зоҳиран дилсӯзона ва насиҳатҳои мазҳабиро намехӯрад, медонист онҳо бо пешниҳодҳои фиребанда, ҳатто ҳамроҳ бо иброзҳои ошиқона, танҳо барои тасарруфи бадани чун ҳайкал тарошидаи ӯст, ки ҳар нигоҳеро ба худ ҷалб мекунад.

Бадтар аз ҳама, муллои маҳалла ба хотири ёрӣ додан ба хонавода, хусусан падару модари пири Рустам ҳангоми говгум, ки шабаҳи кас наметофт, барои Нилуфар борҳо хӯрокҳои гуногуни болаззатро меовард. Аммо фурсате нагузашт, ки ғарази ӯ бармало шуд ва Нилуфарро ба ҳайси зани чаҳорумаш аз падару модари Рустам, ки ҳушу ҳавосси хубе надоштанд, хостгорӣ кард. Онҳо ба хотири ҳал кардани мушкилоти иқтисодӣ ба издивоҷи муллое, ки сиюпанҷ сол аз Нилуфар синнаш бузургтар аст, розӣ шуданд. Вале мулло бо андешидани ҳама гуна тадбирҳо хост, ки Нилуфарро розӣ кунад, натавонист. Ба ҳамин далел кӯмакҳояшро ба хонаводаи Нилуфар қатъ кард. Вале гоҳу бегоҳ дар дил кина мепарварид ва тавассути муридонаш хост Нилуфарро тӯҳмат

занад. Зеро ӯ ба далели ошноӣ бо сеҳру ҷоду тавониста буд, таваҷҷуҳи ононеро, ки ба гирдаш иродат меварзиданд, ба тарафи худаш ҷазб кунад ва муридони ҷодушуда беихтиёр дар хидмати ӯ қарор мегирифтанд ва ҳар амру дастуре, ки аз ҷониби ӯ дода мешуд, филфавр иҷро мегардид. Муҳимтар аз ҳама мулло тавониста буд, теъдоде аз занони маҳалларо, ки бордор намешуданд бо зикру вирде, ки ба онон медод, ҳомиладор кунад! Ин некӣ занонро водор мекард, ба кушудани асрори мулло иқдом наварзанд.

Мулло бовар дошт пеш аз ҳомиладор шудан, занро зарур аст, ки тибқи расму таомули динӣ бо хондани дуоҳои махсус шайтонро аз раҳми зан берун кунад, то замони дамида шудан рӯҳ дар колбади кӯдак дар батни модар бо шайтон ҳамнишин нашавад. Аз ҷумлаи заноне, ки қабл аз ҳомилагӣ шайтон ба василаи муллои маҳалла аз батнашон берун ронда шуд, ҳамин Нилуфар буд. Чизе, ки ба исрор модари Рустам аз Нилуфар хоста буд, наварӯсе, ки дар оғози зиндагӣ синну соле надошт ва бетаҷриба ҳам буд, агарчи эътирозе ба ин кори мулло накард, мунтаҳо ин масъала барояш розӣ нуфуҳтае буд, ки намехост дар бораи он бо касе ҳарф бизанад. Ба эҳтимоли зиёд ҳамон даврон мулло ба зебоӣ ва ҳайкали тарошидаи Нилуфар таваҷҷуҳ карда буд. Инчунин, исрор дошт ӯро ҳамчун зани чаҳорум ба ақди никоҳи худ дароварад. Бадтар аз ҳама, модари пири Рустам барои гирифтани савоб, арӯсашро исрор меварзид, ки зани мулло бишавад. Падари пири Рустам низ ба хотири бемории фаромӯшхотирии шадид аз фаҳмидани ҳодисаҳое, ки рӯбарӯяш иттифоқ меуфтод, нотавон буд.

Пас Нилуфар ногузир аст, ки бори иқтисодии хонаводаро ба дӯш кашад. Ба ҳамин хотир дур аз чашмони ёру ошно, хусусан муллои маҳалла дар маркази шаҳр ба хизмати касоне мепардохт, ки аз мардуми Тоҷикистон набуданд. Худи ин кор боис мешуд, то аз газанди гумону тӯҳматҳо дур бимонад. Ҳарчанд Нилуфар аз нӯги тези пайкони тӯҳматҳо, бахусус аз тарафи муллои маҳалла дар амон набуд, вале ҳеҷ касе натавониста буд, ҳатто як далели қонеъкунанда барои танфурӯшии Нилуфар биёварад.

Дар як ҳафта ду рӯз вазифадор шуда буд, то хонаи як ҷавони эрониро тоза кунад. Рафта-рафта байни ин ҷавон ва Нилуфар ҳисси отифӣ ва меҳру муҳаббате падид омад, танҳо ҷавон намедонист Нилуфар дар ақди шаръии Рустам аст.

Кам-кам ин робита мустаҳкам мешуд ва барои аввалин бор дошт ба ҷое мерасид, ки ба ҳамхобагӣ бианҷомад, аммо Нилуфар ба худ омад ва тез хонаро тарк кард, дар он торикии шаб мудом ба пешниҳоди издивоҷи ҷавони эронӣ фикр мекард, чизе ки то он лаҳза бо он рӯбарӯ нашуда буд. Эҳсос мекард, илова бар фақри молӣ бояд ба зиндагии ояндааш ҳам фикр кунад. Аз тарафи дигар, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист бо Рустам ҳамхобагӣ кунад, чаро ки идомаи зиндагӣ ва робитаи отифӣ бо шавҳараш ғайриимкон буд. Танҳо чизе, ки боис мешуд ба шавҳараш вафодор бимонад, ҳамоно ишқе буд, ки бинои зиндагиашро рӯи он сохта буданд. Яъне хотироти гузаштаашон дарҳам мепечиду занҷира мешуд, ки дасту пои Нилуфарро комилан мебаст.

Бо он ҳолати тарсу ҳарос ва нигарониву ташвиш ба хона расид. Дар он шароити сахт муроқиб буд худашро дар рафтуомадҳо зери сояи

торики шаб пинҳон кунад, мабодо дигарон нисбат ба ӯ дучори шакку гумон шаванд, фақат ҳамин монда буд, ки Нилуфар нуқли маҳфили ғайбати мардони маҳалла шавад, ки зани Рустам ба хона дер боз мегардад. Дар ғайри ин сурат далели хубест, то муллои маҳалла ҳама ҷоро бо ин гапи хушк пур кунад, то обрӯи боқимондаи Нилуфарро аз байн бибарад.

Ҳавои тирамоҳ дарҳам печида, абрҳо дар осмони тира ба ҳам гираҳ мехӯранд. Раъду барқе медурахшид, замину осмонро ба ҳам медӯхт, ба шиддат борони сел меборид, ҳар чизе, дар рӯи замин қобили шустан буд, бо худ мебурд.

Шиддати борон боис шуд, чароғи ҳамаи хонаҳо хомӯш шаванд, ҳар касе, ки дар кӯча сайругашт дошт, ноилоҷ ба хонаҳояшон рафтанд. Ин фурсати мусоиде буд, ки Нилуфарро дар кӯча касе набинад. Ӯ аз канори дарахтҳои кӯча бо шитоб қадам мезад, то ба дари хонааш расид. Ба ёдаш омад, ки аз рӯи хиҷолат барои кори анҷомдодааш ҳеч дастмузде нагирифтааст.

Алорағми он ки қариб ду сол мешавад, ки бо шавҳараш натавонистааст ҳамхобагӣ кунад. Илова бар ин, пешниҳоди издивоҷ аз тарафи як ҷавони муҷаррад, ки ошиқаш шуда, сахт ӯро барои як интихоби сарнавиштсоз дучори шакку шубҳа карда, шояд агар ба ҷавони эронӣ мегуфт, ки шавҳар ва кӯдак дорад, заминае барои ин дилдодагиҳо пеш намеомад.

***

Дар он торикии вахими бемаҳтоб, касе канори ҳавзи рӯи ҳавлӣ нишаста буд, Нилуфар ба ӯ эҳсоси бегонагӣ накард ва аз ин ки рездонаҳои борон ба сару рӯяш бӯса мезад, лаззат мебурд.

Кӯр сӯи нури фонус аз панҷараи ду утоқи рӯ ба ҳаёт ба беруни хона ҷараён дорад, аммо он қадар набуд, ки фазои ҳаётро равшан кунад. Ҷилӯтар рафт. Агар ӯро намешинохт ҳатман аз тарс доду фарёд мезад. Вале ӯро шинохт, дар партави нури хафиф ба чеҳраи ӯ мутаваҷҷеҳ шуд, бинияш бар асари ҷузом (махав) хӯрда шуда ва сураташ ба мурдаҳое шабеҳ шуда, ки гӯӣ зери хок пӯсида. Вале ӯ ҳанӯз бо он чашмони пурэнержиаш андоми Нилуфарро барандоз кард. Нилуфар ба дастонаш нигоҳ кард. Ҷузом тамоми ангуштонашро ҳам хӯрдааст. Вақте Рустам дид дастону сураташ дар шуои соярӯшани нурест, ки аз панҷара ба зӯр ба берун метобад, қобили дидан шуда худашро канортар кашид, то дубора чеҳраашро дар торикӣ нопайдо кунад, бадтар аз ҳар чиз вақте чеҳраи парешони Нилуфарро дид, дилшикаста ашкҳояш равон шуд. Мунтаҳо шиддати резаҳои борон онҳоро аз чеҳрааш мешустанд. Бо дасташ ба сиккаи зардранге, ки дар лаби ҳавз буд, ишора карду гуфт: «Ба фикрам тиллост.. намехоҳам дигар кор кунӣ...». Нигоҳашро аз рӯи Нилуфар бардошт ва кисаи рӯйсарашро поин кашид ва ба сахтӣ дасткашҳояшро ба дасташ кард. Аз ин ки наметавонист ниёзҳои Нилуфарро бароварда кунад, азоб мекашид. Аз канораш убур кард. Аз онҷое, ки Нилуфар истода, чанд қадам дуртар шуду истод, баргашту гуфт: «Лоақал тукмаҳои пираҳанатро мебастӣ!» Ингор тамоми олам рӯи сари Нилуфар хароб шуданд, вуҷудаш аз дарун фурӯ рехт. Чизе, ки аз он хеле метарсид, билохира иттифоқ уфтод, ҳарчанд дарун ба дарун месӯхт, боз каме ҷуръат карда ба Рустам гуфт: «Камтар меистодӣ, нимашабон мерафтӣ, то ҳеч кас туро набинад!» Афсурдаҳолона гуфт: «Дигар чизе

барои аз даст додан надорам ... фикр мекунанд, девона ҳастам».

Хушбахтона, ба хотири торикӣ ва шиддати борон касе дар кӯча дида намешуд, бинобар ин каме хаёли Нилуфар роҳат шуд. Лаби ҳавз инъикоси нури сиккаи тилло ношӣ аз ҷараёни нуре, ки аз панҷара пошида мешуд, ҳар чашмеро навозиш мекард. Ҳар чи қадар Нилуфар зеҳнашро ба андешидан водошт, то бифаҳмад Рустам ин сиккаро чӣ гуна ёфтааст, посухе дода нашуд.

***

Баъд аз се ё чаҳор соат раҳ сипардан Рустам аз рӯи теппаҳои ҳошияи шаҳри Душанбе роҳии зерзаминӣ шуд, ки ҳеч кас, ҳатто модари худаш ҳам аз ҳузураш хабар надошт. Чандин бор кунҷков шуд, вале бо дари бастаи зерзамин рӯбарӯ шуда буд, аз сӯе фикр мекард, зерзамин ҷин дорад аз рӯи тарс ҳам, ки шуда коре ба утоқи матруки зерзамин надошт.

Мутмаин шуд, ки шаб аз нима гузашта, хаёлаш роҳат шуд, ки панҷараи кӯчаки зерзамини рӯ ба ҳаётро ба хубӣ пинҳон карда, он вақт шамъи маҳфили худашро равшан кард. Гоҳе вақтҳо он қадар дар ин зиндоне, ки рӯзгор барояш сохта, асабонӣ мешуд, ки мехост рӯзи равшан ба берун биравад ва фарёд бикашад, то ҳама инҷо буданаш огоҳ шаванд. Ниҳоят вусъат ва пешравии бемории ҷузом маҷбураш кард, то худашро аз нигоҳи мардум пинҳон кунад. Боз метарсид! Чаро ки намедонист баъди ҳузураш дар пеши мардум чӣ иттифоқе хоҳад уфтод ва мардум дар бораи як одами ҷузомӣ чӣ гуна қазоват хоҳанд кард?! Бадтар аз ҳар чиз, ҷузом ӯро дар худаш ҳам танҳо карда буд, танҳоие, ки Нилуфар ҳам тоқати наздик шудан ба шавҳарашро надошт. Албатта,

Нилуфар гуноҳе надошт, чун ҷавон буд. Шояд каме шавҳарашро дарк мекард. Аммо Рустам то кай метавонист ин масири ноҳамворро тай кунад?!

Гоҳе вақтҳо, ки шаб аз нима гузашта буд, барояш ғизо меовард, метавонист аз нури шамъе, ки дар чашмони Нилуфар мунъакис мешуд, ҳарфҳо ва суолҳои ногуфтаашро бихонад, суолоте, ки медонист наметавонист барояш ҷавобе биёбад. Аз тарафе он қадр дилаш барои кӯдакаш танг шуда, ки ба думболи роҳе буд, то худашро аз ин зиндоне, ки дар сохтанаш ҳеч нақше надошта, озод кунад. Ҳатто чандин бор ҷидан тасмим гирифт, худашро аз ин зиндагӣ халос кунад. Хусусан вақте хандаҳо ва гиряҳои кӯдакашро мешунид аз худкушӣ худдорӣ мекард. Боз дар таҳи дилаш умед дошт, ки шояд мӯъҷизае рух диҳад. Вале то ба ҳол касе аз ин беморӣ ҷони солим бадар набурдааст.

Нилуфар агар аз тарафи падару модари Рустам мавриди шак ё бозхост қарор намегирифт, ҳатман нимаҳои шаб, ки ҳама хобанд, бо риояти фосила дар муқобилаш менишаст ва Рустамро дилдорӣ медод, ҳадди ақал бо баёни вожаҳои ошиқона аз тариқи гапу гуфтугӯи эҳсосе ҳам худаш ва ҳам ӯро ирзоъ мекард. Чӣ басо гоҳе аз авҷи танҳоӣ Рустам мехост Нилуфарро дар оғӯш бигирад, вале ин Нилуфар буд, ки аз Рустам дурӣ меҷуст. Баъзе вақтҳо Нилуфар ҳам нохоста аз зиёдати ташнагӣ ба отифа мехост бо Рустам дарбиёмезад. Вале дар ин ҳолатҳо Рустам шадидан ба ин кор мамониат мекард.

Ин бор Нилуфар хеле зудтар аз вақти ваъдагӣ ба назди Рустам рафт, хусусан дарёфти сиккаи тилло ӯро бештар аз ҳама чиз мутааҷҷиб карда буд, аз сӯе Рустам ҳам намедонист чӣ гуна

моҷароро тавзеҳ диҳад, ки Нилуфар ба ӯ бовар кунад. Ба чунин масъалаи розолуд бовар кардани кас сахт ва амри муҳол аст, ҳатто ба худи Рустам ҳам ба ин кор бовар кардан сахт буд, вале ба монанди як мӯъҷиза дар воқеият иттифоқ уфтода буд.

Бинобар қарордоде, ки бо ҳам доштанд рамзгуна дари зерзаминро кӯбид, тавре ки Рустам фаҳмид Нилуфар аст. Дарро кушуд. Ҳаммом гирифта, бо либоси роҳате, ки ба тан дошт, рафт гӯшаи зерзамин нишаст. Бо зеҳнияти машкук, бидуни муъатале аз Рустам пурсид: «Ун сиккаро аз куҷо овардӣ?» Медонист ҳатман ин саволро хоҳад пурсид. Ибтидо мунтазир буд Нилуфар бо зарфи ғизо меояд, аз ӯ пурсид: «Ғизо наёвардӣ?» Нилуфар шармгинона сарашро хам кард, зеро пуле аз ҷавони эронӣ нагирифта буд, то битавонад бо он ғизо омода кунад. Гуфт: «Натавонистам ғизое бипазам, ... Ҳич чӣ дар хона надорем ... Сиккае, ки ту додӣ, ҳозир, ба дард намехурад, то ин ки субҳ шавад, бо пулаш метонем, як ду моҳ аз зиндагимонро идора кунем ... Ҳоло баъдаш чӣ пеш меояд, Худо медонад, баъдаш дубора маъмулан бечорагиҳомон аз нав сар мешад...».

Нилуфар ба хотири сиккаи тило ҳайрон шуда, аз тарафе ҳам ноумед аст, боястӣ аз вазъияте, ки дар он фурӯ афтода раҳоӣ ёбад. Чеҳраи ғамолудаш чун теғ мудом нештар ба қалби шавҳараш мезад. Гӯё бадҷӯрии ғами танҳоӣ фишурдааш карда буд.

Дасташро зери гилемпорае, ки рӯи он нишаста буд, даровард ва ҳудуди ёздаҳ сиккаи дигар пеши домани Нилуфар рехту гуфт: «Агар ҳар моҳ якеашро харҷ кунӣ, метонӣ солеро бо серӣ бигузаронӣ ... Ниёзе нест ба заҳмат биуфтӣ!»

Дар партави нури шамъ ба чашмони хастаи Нилуфар нигарист ва манзурашро ба лиҳози эҳсосе ба Нилуфар гуфт. Нилуфар ҳам фаҳмид, ки манзураш чист, аммо дар посух гуфт: «Шикамро муддате бо ин сиккаҳо метавонам сер кунам ... вале эҳсосамро чӣ кор кунам? Дӯст дорам, яке маро бағал кунад, бӯсам кунад...» Рустам тоқат наёвард ва бо асабоният гуфт: «Хафа шав! Ҳамин дард маро мекушад, ту аслан мефаҳмӣ ман чӣ дарде дорам?! ... Ту фикр кардӣ, дарди ман ҳамин қиёфае ҳаст, ки ҳамсарам тоқати дидани як сонияашро надора, ... На ! ... Ин тур нест! ... Дарди ман ҳамун дили ту ҳасташ! Эҳсоси ту ҳасташ Нилуфар! ... Аз ин ки наметонам туро ба оғӯш кашам (мегиряд) худам аз Худо рӯзе сад мартаба маргамро талаб мекунам ... пас ... дарди ман камтар аз ту нест ... Ҷуръати худкушӣ надорам (сукут), бо касе ҳастӣ?!» Нилуфар бо шакку тардид :«Ҳанӯз на!»

- Бо ӯ ҳамхоба шудӣ?
- Ҳанӯз на!
- Пас чӣ ғалате кардӣ, ки ёдат рафта буд, тукмаҳои пераҳанатро бибандӣ?
- Чаро ин қадр зуд қазоват мекунӣ! ... Наздик буд рух бидиҳад, аммо чеҳраи ту ҷилӯи чашмом омад, натонистам...

Рустам зери лаб худашро мухотаб қарор дод: «Ҳақиқатан золимона аст, ки бихоҳам духтари ҷавонеро бо ҳазорон умеду орзу ба оташи худам бисӯзонам. Ҳамин микдор, ки тоқат оварда ва хатое накарда, мӯъҷиза аст. Агар ҷои Нилуфар будам, то кунун зан ба зан иваз мекардам. Бечора Нилуфар, ки бояд манро таҳаммул кунад, фақат ба хотири ин ки мехоҳад вафодор боқӣ бимонад, вале то ба кай метавонад ин раванд идома дошта

бошад». Ҳар вақт ба ин фикр фурӯ мерафт, ба натиҷае намерасид, балки дилхӯриҳо ва нафраташон нисбат ба ҳам бештар шуд. Ҳар ду таҳаммул мекарданд. Мисли устухон дар гулӯ то бибинанд баъд чӣ пеш меояд.

Нилуфар қасд надошт баҳсу гуфтугӯҳоеро, ки Рустам шурӯъ карда буд, тамом кунад, мехост ҳар чӣ аз гуфтугӯҳои гузашта нотамоммонда он шаб тамомаш кунад, аммо Рустам дӯст дошт, Нилуфар дар бораи моҷарои сиккаҳо бипурсад, то онро барояш бо завқу шавқ таъриф кунад. Дубора Нилуфар идома дод: «Мехом як чизеро бигӯям, вале ҷуръаташа надорам, мехоҳам худат кӯмак кунӣ!»

* * *

Нигоҳе ба чашмонаш кардаму пурсидам: «Хеле шитоб дорӣ?» Ҷавоб дод: «Билохира як ҷое бояд тамом бишавад». Фаҳмидам манзураш чист, дилам шикаст, аммо наметавонистам ӯро гунаҳкор бидонам, чӣ кунам?! Аз самими қалб дӯсташ доштам. Ҳеч вақт фикри баде нисбат ба ӯ надоштам, ҳатто қабл аз издивоҷамон, ки модарам бурдаш пеши мулло ҳарчанд медонистам мулло чӣ ҷонварест, чӣ кунам, ки дер фаҳмидам, мунтаҳо пас аз он иҷоза надодам, Нилуфар ҳатто ба садметрии хонаи мулло наздик шавад. Ҳоло ин мулло буд, ки даст аз сари Нилуфар бар намедошт, модарам ва Нилуфар ҳарфе аз мулло нагуфтанд, вале ман худам фаҳмидам, ки мулло бо либоси тозааш чанд боре омад хонаи мо ва инро ҳам медонистам, ки мулло барои чӣ ба хонаи мо омада буд, чун то манфиате барои ӯ набошад, қадам ба хонаи касе намегузошт. Хостам бо баҳонаҳое шурӯъ карда бошам: «Мулло омада андаруни зиндагият?» Сахт нороҳат шуд, то он

лаҳза ин қадр асабонӣ надида будамаш, то онҷое, ки тавонист фӯҳш ва баду бероҳ нисори мулло карду гуфт: «Ин беҳаё як калима ҳам Қуръон балад нест, ун вақт худаша мулло рост карда, аслан ин улоғ бе ҳама касро кӣ мулло карда? Аслан кӣ гуфта, ин бояд мулло бошад, ҳон?» Ҷавоб медиҳам: «Қабл аз таваллуди ман, вақте модарам мерафт пеши ин улоғ, мулло буд росташ қаблашро хабар надорам... Як бор ҳамин тавр шунидам, мумкин ҷӯгӣ бошад, шояд аз Покистон омада, фақат медонам забонҳоеро медонад, ки ман то ба ҳол нашунидаам!» Каме Нилуфар ором гирифт, намедонам чаро? Вале барои худам ҳам савол буд, ки ин мулло аз куҷо омадааст?

Нилуфар мавзӯи гуфтугӯро иваз кард, пурсид: «Моҷарои ин сиккаҳо чист? Ганҷ пайдо кардӣ?» Дидам лабханди камранге рӯи чеҳрааш ҳувайдо шуд, дилам ором гирифт, барояш бо ду ангуштам як бӯса партоб кардам ва бо нигоҳам тамоми вуҷудашро бӯсидам. Худаш фаҳмид, ки чӣ қадр дӯсташ дорам.

***

Субҳи он рӯз, ки барои кор рафта будӣ ё ҳар кори дигаре, кӯдакамон пайваста мегирист, намедонистам кадом узваш дард мекард. Ба даргоҳи Худо нола мекардам, ки ту зуд баргардӣ. Зеро модарам аз замоне, ки танҳо фарзандаш, яъне манро ба дунё овард, ҳеч кӯдакдорӣ накарда буд ва кӯдакбониро ҳам намедонист ё мумкин аз ёдаш рафта бошад, ба қавли худаш дуоҳои мулло боис шуд, Худо манро ба падару модарам бибахшад, боз ба қавли худаш, агар мулло набуд, ман ҳам набудам. Илова бар гиряи кӯдак, доду фарёди модари пирам ҳам баланд шуд, чун

наметавонист коре барои кӯдакамон бикунад, ман ҳам, ки наметавонистам аз ин қафас берун биёям.

Ёдат ҳаст? Худат гуфтӣ: «Намехоҳам ба фикри бача бошӣ». Худат гуфтӣ: «Беҳтар аст фарзандамонро фаромӯш кунам, дар ёдат ҳаст?» Ингор гӯшҳоям сих мезананд. Роҳе надоштам, ки аз Худо бихоҳам ё ту зуд баргардӣ ё фарзандамон ором бигирад. Ин қадр даруни ин қафас ба даргоҳи Худо нолаву зора кардам, ки аз ҳол рафтам. Дилам шикаст, аз гиристан оби чашмонам хушк шуданд, дубора ба ҳуш омадам, бо чашмони нимабоз рӯи ду по истодам, бо дили шӯр ин сӯю он сӯи утоқак қадам мезадам, то ту баргардӣ, вале наёмадӣ, намедонам куҷо рафта будӣ! Баръакс аз ҳама рӯзҳо дертар омадӣ!

Беҳол уфтодам рӯи замин, намедонам! Як соат шуд ё ду соат, чашмҳоямро боз кардам, якбора нигоҳам ба як муши ғафси фарбеҳ уфтод, шикамаш хеле дамида буд. Хеле аҷибу ғариб менамуд! Ҳамин тур дошт нонпораҳоеро, ки рӯи замин рехта буд, мехӯрд. То ин ки муш омад дар баробари чашмонам қарор гирифт, бидуни ин ки аз ман битарсад, ҳатто аз нафасҳои захмии ман ҳам нигарон набуд. Дуруст пеши чашмонам нонрезаҳоро зуд мехӯрд, ҳатто садои ҷавиданашро мешунидам. Дар тамоми умрам аз муш бадам меомад, намедонам чӣ тур шуд, ки аз ин муши ғафсу фарбеҳ хеле хушам омад, косаеро, ки наздикам буд, дар як он рӯи ӯ гузоштам, зери коса мудом ҷир-ҷир садо мекард, эҳсоси аҷибе пайдо кардам, бештар диққат кардам, эҳсос кардам дар садои нолаҳои маҳзунонааш як вожаи хоссе мудом такрор мешуд, ҳадс задам забони хосси худи мушҳост, гӯё ин муш асир шуда дар зери коса, мудом аз касе ё муши дигаре кӯмак мехост. Оре,

воқеан касеро садо мекард. Гӯшамро ба рӯи коса часпондам ва ҳар чӣ кӯшиш кардам, дуруст нафаҳмидам, чӣ нола мекунад, он қадр тони садояш нозук буд, ки дарки он бароям сахт буд, боз каме бештар диққат кардам. Оре! аз касе талаби кӯмак мекард. Ингор як инсонро зери коса зиндонӣ кардаам. Бовараш бароям сахт буд, ҳатто садои гиристанашро ҳам шунидам, ки ин бор аз ман ҳамроҳ бо гиря ва зорӣ илтимос кард: «Магар ту инсон нестӣ?»

Билахира муши лоғартар саросема аз даруни сӯрохи гӯшаи утоқ берун омад.

«Он гӯшаи утоқро мебинӣ! Он сӯрохи кӯчакро мебинӣ! Аз ҳамун сӯрох берун омад». Ҳамин тур зору ҳайрон даври коса мечархид, чизе ҷир-ҷир мекард ба забони худаш ба муше, ки зери коса буд, ҳарф мезад, ҳар чӣ қадар даври коса чархид ва бо пӯзааш ба коса фишор ворид кард, то шояд роҳе барои наҷоташ пайдо кунад, аммо нашуд, ки нашуд. Он вақт маъюс аз ҳар чиз мисли одамҳои сар шикаста омад муқобили дидагонам рӯи ду по истод ва ба чашмонам нигоҳи бардавоме кард. Ҳатто метавонистам бибинам, ки пилк мезад. Ашк аз гӯшаи чашмонаш ҷорӣ шуд. Оби бинияш рӯи лабони сурхашро тар кард, «шояд бовар накунӣ», вале бо илтимос гиря мекард, маро қасам дод, ки муши зери косаро озод кунам.

Чаро рӯй турш мекунӣ Нилуфар! Бовар кун, рост мегӯям, гӯш кун! Пӯзаашро ба лаби коса, ки ба замин часпида буд, наздик кард, кӯшид то муши зери косаро дилдорӣ диҳад, намедонам чӣ ба ӯ гуфт, ки сокит шуд ва баъд мекӯшид, то чизеро ба ман бифаҳмонад, ин бор гӯшамро барои шунидани садои ӯ ба наздики пӯзааш поинтар бурдам.

Бо садои буғзкарда гуфт: «Илтимосат мекунам! Занам вақти зоимонаш ҳаст, мумкин аст ҳар лаҳза кӯдаконам ба дунё биёянд, умедворам дарк кунӣ, ки як муши мард бо тамоми ғурураш аз ту хоҳиш кард, занам ба ғайр аз ман касе надорад, хоҳиш мекунам озодаш кун, ун намехост дар ҳарими шумо ворид шавад, вале чӣ кунам, чанд рӯзе ғизо барои хӯрдан пайдо накардем, ночор омад ба ҳарими шумо.

«... Қавл медиҳам, ҷуброн кунам, ту фақат озодаш кун! » Ҳамин ки ба ман гуфт, ҷуброн мекунам, зеҳни тамаъвори ман аз хоб бедор шуд ва маро ба фикр фурӯ бурд, то аз ӯ чизе боарзиш бихоҳам, ба ҳамин сабаб, аз ӯ пурсидам: «Ҳей оқо, муши занатро озодаш кунам, барои ман чӣ мекунӣ, ки розӣ шавам!» Гуфташ: «Ҳар чӣ ки аз дастам барояд, анҷом медиҳам». Муши боадабе буд, ман ҳам аз Худо хоста гуфтам: «Ман ҳам дардмандам, мебинӣ рӯзгор маро ба чӣ беморӣ гирифтор карда, ҷаноби муш! Ман фақирам, занам маҷбур шуда бира хизматкорӣ, эй кош аз гушнагӣ мемурдем, ту худат мардӣ ва ғайрат дорӣ, медонӣ мард агар замингир бишавад, шармандаи зан ва кӯдаконаш аст... Мефаҳмӣ чӣ мекашам, ҷаноби муш!...» Бидуни ин ки чизе бигӯяд, ду дастоншро рӯи замин гузошт, ибтидо рафт канори коса ва чизе ба занаш гуфт ва дасте боэҳсос рӯи коса кашид ва шитобон баргашт ба сӯи сӯрохе, ки аз он берун омада буд.

«Чаро ин турӣ нигоҳ мекунӣ Нилуфар?! Медонам бовар карданаш сахт аст, ҳоло гӯш кун!»

Баъд аз як дақиқа ё шояд ду дақиқа дидам як сиккаи сурх ба дандон гирифта, ба сӯи ман давон-давон омад, ҳатто метавонистам садои нафасҳояшро бишнавам! Ҷолиб буд, ҳар чӣ замон

мегузашт, ангор як чӯре гӯшам ба ҳарфзаданҳояшон омӯхтатар мешуд ва метавонистам бештар ҷумалот ва вожаҳоеро, ки мегуфтанд, бифаҳмам.

Сиккаро рӯи замин андохт ва ду мартаба рӯи ду по истоду гуфт: «Ман ба ваъдаам амал кардам, ҳоло ин ту ҳастӣ, ки бояд ба қавлат амал кунӣ!» Манам хоста ё нохоста тамаъ кардам, пеши худам гуфтам эҳтимолан ин мушҳо рӯи ганҷ лона доранд, аз ӯ хостам, ки бояд сиккаи бештаре бароям биоварад, ки гуфт: «Ин чӣ ҷур инсонгарӣ аст?! Занам ҳомила аст, мумкин аст ҳар лаҳза зоимон кунад; хеле бад мешавад мард канори ҳамсари зоёяш набошад, ту худат одамӣ мефаҳмӣ, ки чӣ мегӯм?!» Гуфтам: «Бояд қавл бидӣ, бозам аз ин сиккаҳо бароям биёрӣ... Бошад!» Бечора роҳе надошт ба ҷуз қабул кардан, агарчи худам ҳам дилам сӯхт ва намехостам модамуш бештар аз ин зиндонии ман бошад. Билахира косаро бо ҳазор миннат аз рӯи сари ҳамсараш бардоштам. Ногаҳон чашмонам мувоҷеҳ бо чизе шуданд, ки аслан бовараш сахт буд. Бале, зери ҳамон коса кӯдаконашро ба дунё оварда буд! Дуруст панҷ-то кӯдак зоида буд, он қадр кӯчак буданд, ки ба андозаи банди ангушт ҳам намешуданд. Ҷолибтар, ҳар панҷтошон пистони модарро ба даҳон доштанд ва шир мемакиданд. Муши шавҳар хеле хушҳол рафт суроғи ҳамсараш ва онро ба туре дар оғӯш кашид, ки монеи шир нӯшидани кӯдаконаш нашуд ва ман ғусса хӯрдам, чӣ мешуд ман ҳам бо ту монанди ин мушҳо зиндагии худамонро доштем.

Сиккаро бардоштам зери фишори дандонам озмоиш кардам, ки воқеан тиллост ё на, бале, тилло буд! Ҷолибтар рӯи сикка номи амир

Исмоили Сомонӣ ҳак шуда буд! Ба назар ин мушҳо ба таври тасодуфӣ рӯи ганҷи лона карда буданд. Муши шавҳар бо ташаккуре, ки аз ман кард, мехост зан ва кӯдаконашро ба лонааш бибарад, аз хушҳолӣ мушшавҳар ба ман таъзим кард ва ҷилӯ омад рӯи нохунам бӯсае зад ва мехост, ки ба иттифоқи хонавода ба лона бозгарданд, аммо ман нагузоштам ва ба ӯ гуфтам: «Зану бачаҳоят инҷо мемонанд, то ҳамаи сиккаҳоро биёварӣ!» Боварaш намешуд ман чунин интизорӣ аз ӯ дошта бошам. Барои ин ки нигарони зан ва кӯдаконаш набошад, миқдоре об дар таштаки шишаи нӯшоба ва нони хушк ҷилӯи мушмодар гузоштам, то мушшавҳар хаёлаш роҳат бошад, то мобақии сиккаҳоро биёварад, бечора вақте дид зану кӯдакони ширхораашро гаравгон гирифтаам, бо асабоният чанд то фӯҳш ба забон худаш нисорам кард ва рафт дохили сӯрохаш, бечора бо ҳазор мушкил тавонист ҳар сиккае, ки буд, бо заҳмати бисёр, ки дар рафту баргашт таҳаммул мекард, бароям биоварад, дуруст дувоздаҳ сикка дар муқобили дидагонам барқ мезаданд, қонеъ нашудам ва ба ӯ гуфтам: «ҳамаи сиккаҳоро мехоҳам ... Охир сиккаҳои тилло чӣ ба дарди ту мехӯрад, ... ҳадди ақал ман метонам мушкилоти маоши зиндагиямро бартараф кунам». Бо илтимос гуфт: «Ба номи Аллоҳ қасам! Ҳар чӣ буд бароят овардам». Ман боварам нашуд, нагузоштам зану кӯдаконашро бибарад. Он қадр асабонӣ шуду гуфт: «Бирав, фикр кун! Чаро ба ин бало гирифтор шудӣ, ки маҷбурӣ туи ин зерзамин пинҳон бишавӣ!» Хеле ба ман сахт омад, аз ӯ бисёр нороҳат шудам ва бо асабоният фарёд кашидаму гуфтам: «Бояд бақияи сиккаҳоро биёрӣ!», ки модармуш аз тарс кӯдаконашро зери

пашмҳои шикамаш пинҳон кард. Ногузир барои чандумин бор ба хотири зӯр гуфтани ман ба сӯрохаш рафт ва як кисаи чарми қадимии порашударо бо дандон ба заҳмат бароям овард, каме нафас-нафас мезад, то ин ки ором гирифту гуфт: «Бибин! Худоро шоҳид мегирам, ягон сиккаи дигаре нест». Рост мегуфт, сиккаи дигаре вуҷуд надорад, аз ӯ пурсидам: «Даруни сӯрох чист?» Ҷавоб дод: «Бовар кун, мо хонаямонро даруни қабри як аскари мурда дуруст кардем, ин кисаи пул мутааллиқ ба ҳамон сарбози мурдааст». Бо тааҷҷуб аз ӯ пурсидам: «Яъне пушти ин девор, зери хок ҷанозаи як сарбози давраи Сомониён аст?» Ҷавоб дод: «Оре, як сарбози сомонӣ аст». Иҷоза додам зану кӯдаконашро ба сӯрохаш бибарад.

Нилуфар гуфт: «Ҳоло қабул кардам, метавонем шиками худро бо фурӯши ин сиккаҳо сер кунем, ин сиккаҳо зиндагимонро аз ин рӯ ба ун рӯ карданд, вале як зан дӯст дорад дар оғӯши марде, ки дӯсташ дорад паноҳ дошта бошад (сукут)! Ин хаёлбофиҳо ниёзи ману ҳал намекунад, тасаввур мекунам, намехоҳӣ маро бифаҳмӣ!» Рустам аз зиёдати асабоният фарёд кашид: «Сокит шав! ... пас расми вафодорӣ куҷо рафта?! Ун ҳарфҳои ошиқонае, ки ба ман гуфтӣ чӣ шуд?! ... Ёдат ҳаст гуфта будӣ, то охири умр бо ҳам ҳастем, ёдат ҳаст қавл гирифтӣ, ки ман раҳоият накунам?!» Нилуфар: «Чӣ мегӯӣ?! Ту заррае инсоф нисбат ба оқомуша надоштӣ, зану кӯдаконаша гаравгон гирифта будӣ, то бақияи сиккаҳора бигирӣ!

Чаро? ... Ту тамаъ кардӣ! ... Мо фақат маргро барои ҳамсоя мехоҳем, ҳеч вақт дар мавриди марги худамон фикр намекунем, Рустам! ... Ман

ошиқ шудам, ошиқи касе, ки фикр мекунам ниёзи маро бартараф мекунад». Рустам бо гиряву нола гуфт: «Ин ки ишқ нест, ин як тиҷорат аст, фақат бидеҳ бистон аст». Нилуфар: «Биё воқеӣ фикр кунам, то чӣ андоза метонам тоқат кунам? Ман намехоҳам ба ту хиёнат кунам, то кунун, ки хиёнат накардам, аз худам метарсидам, ки натонам тоқат кунам, намехоҳам дар оташи виҷдони худам бисӯзам, ки чаро натонистам ҷилӯи худамро бигирам».

Рустам : «Набояд мегузоштам биравӣ кор кунӣ!»

Нилуфар: «Пас аз куҷо шиками ту ва падару модаратро сер мекардам?! ... Кӯдаки ту аслан ин ҳарфҳору намефаҳмад, ки мо бо ҳам паймон бастем ... Росташ ун аз ҳама баром муҳимтар аст, ҳатто ту ба андозаи ду каси бузургсол харҷ дорӣ!»

Рустам: «Бигӯ, мехоҳам ҷудо бишам, баҳонаи кӯдакро наёр! Бо ин сиккаҳо мушкиламон ҳал мешавад?! Намешад!»

Нилуфар: «Ту мисли гурбае ҳастӣ, ки аз ҳар тараф ба боло партат кунанд, боз бо чаҳор дасту по рӯи замин меистӣ!»

Рустам: «Сиккаҳоро бардор моли туст».

Нилуфар бо каме тааммул ҷавоб дод: «Пеши худат бошад беҳтар аст, бояд дона-дона он ҳам бо фосила фурӯхташон, якҷо бихоҳӣ бифурӯшӣ шак мекунанд, агар иштибоҳ кунем ҳамин сиккаҳо балои ҷонам мешаванд, ҳамин оромиши нисбиеро, ки ҳам дорем, аз даст хоҳем дод».

Рустам бо чеҳраи мултамасона: «Зоҳиран тасмиматро гирифтӣ, омадӣ, ки ҳарфи охирро бигӯӣ ... Сабр кун, бигузор биёям ҷилӯтар нигоҳат кунам ... Хоҳиш мекунам рӯятро барнагардон!»

Нилуфар: «Хоҳиш мекунам пеш наё ... Мо аз лиҳози ҷисмӣ аз ҳам ҷудо мешем ... Ун касе, ки қарора шавҳарам бишавад, иҷоза дод, биёям пеши ту сар бизанам, қабул кард, то туро ҳам дар қалбам дошта бошам».

Рустам бо чеҳраи ғамгинона: «Мегар чунин мешавад? Дар дили одам як нафар ҷо мешавад». Нилуфар: «Чӣ тур мардҳо метонанд, чанд то зан бигиран ... Мо ҳам мисли мардо метонем чанд нафарро дӯст дошта бошем, мунтаҳо ҷисмамун мутааллиқ ба касест, ки бо ӯ издивоҷ мекунам ... Хоҳиш мекунам пеш наё, ту ҷузоми тар дорӣ!»

Рустам: «Бошад! Бибин чанд қадам рафтам ақиб, хаёлат роҳат бошад?! Бухори даҳанам ҳам ба ту намерасад ... Кӯдакамон чӣ? Падару модарам чӣ?!» Нилуфар: «Нигарон набош, ҳама чиз мисли қабл ҳаст, .... Фақат эълом мекунам аз Русия маро талоқи ғиёбӣ додӣ, ин тур беҳтар аст... ҳама бовар мекунанд, баъд бо ӯ ба шавҳар мебароям».

Дили Рустам шикаст ва ба Нилуфар гуфт: «Бозам аз ман хабар мегирӣ? Аз падару модарам ҳимоят мекунӣ, аслан ин марди ғариба қабул мекунад?!»

Нилуфар: «Ғариба нест фақат мумкин, камтар ҳамдигарру бубинем... Шояд ҳафтае як мартаба ... Кӯдакамонро қабул карда, ин хеле беҳтар аст, дигар ранҷи ятимиро ба дӯш намекашад, худат медонӣ ятимӣ дарди бадест, иҷоза бидеҳ кӯдакамон падар дошта бошад!»

Рустам: «Марг дар дасти Худост, Худо кунад ҳамин тур бошад, бибахш мехоҳам сари ҷом бинишинам, зонуҳом тоқати истодан надоранд...».

Нилуфар: «Агар хаёлотӣ нашудӣ, ту ҳам танҳо нестӣ, ... Метонӣ бо мушҳо зиндагии тозае шурӯъ

кунӣ, бачамушҳо намегузоранд танҳо бошӣ... Баланд шав! Биё дарро аз пушт бибанд! ... Нигарони сиккаҳо набош, бо фосила харҷашон мекунам».

Рустам: «Сабр кун! Бигзор як чизеру қабл аз худоҳофизӣ ба ту бигӯям... Вақте мулло меомад хона, нохоста мефаҳмидам барои чӣ омада?! ... Хеле гиря мекардам он қадар, ки ашкҳоям ба ҷои ин ки рӯи паҳнои гунаҳо равон бишаванд, мустақим мерафтанд даруни бинием, намедонӣ таъми ашкҳоям чӣ қадр шӯр шуданд, наметонистам гиря накунам, на тоқати шӯрии ашкҳомро доштам ..., мебинӣ, ки! ... ҷузом биниямро то охир хӯрда ... Эй кош ҷуръати худкушӣ доштам, ҳамеша фикр мекунам билахира донишмандони башар як роҳи муолиҷаи ҷузомро пайдо мекунанд, ки эҳтимол он вақт ман мурдаам, ҳоло бирав!»

Нилуфар: «Вақте кӯдакамонро дар оғӯш мегирам ва мебӯсамаш, ба ёди ту ҳастам, ки туро мебӯсам ... Ёдгорат ҳамеша пеши чашмом ҳаст... Наметонам фаромӯшат кунам ... Худо нигаҳдор ... Ҳоло чаро механдӣ?!»

Рустам: «Доғат ба дили мулло монд!»

шаҳривари 1394/2015

# Умеда

Баъзе аз иттифоқот дар зиндагӣ он қадр асаргузоранд, ки мисли шасти моҳигирӣ гӯӣ қасд надорад, даҳони моҳии сурхи кӯчакеро, ки бегуноҳ ба дом уфтода, раҳо кунад, ҳар коре мекунӣ то лаби моҳӣ пора нашуд, аммо намешавад, ки намешавад! Билахира неши шасти рӯзгор бояд захми худашро ҳамин тур пушти сари ҳам рӯи қалби ман ҷо бигузорад, он қадр, ки дар ин синну сол ҷое барои навиштани ёдгории рӯи танаи пири ин дарахти куҳансол намеёбӣ, ангор дар тақсими саҳми рӯзгор Худо ҳам исми маро аз феҳристи одамҳое, ки ҳаққи зиндагӣ доранд, ҳазф карда, намедонам! Чӣ бигӯям! Ҳар ончиро, ки думбол мекунӣ, ба он намерасӣ! Мисли ин ки тамоми зиндагӣ ҳамин давидан асту бас!

Боварам намеомад як иттифоқи сода ин қадр зонувонамро суст кунад, ки тоби истодани зери бори ин пайкари ҳаштодкилоиро надорад. Барои чандумин бор муаттал ва беирода дар вартаи эҳсосотам ғӯтавар шудам ва бадтар аз ҳама, духтаре ҳаст, ки мунтазирам нишаста, то ба иттифоқи акаи Шодибой ба унвони як марди миёнсол барои хостгорӣ ба хонаи падарияш биравем. Кулли монеаҳои бавуқӯъомадаро чун дилдодаи асире мисли ин ки дар тунели марг қарор гирифта бошам, пушти сар гузаронидам, то ба ин лаҳза бирасам, билахира падараш қабул кард.

Ҳудудан чандин моҳ мешуд ҳамдигарро надида будем, сахт пайкари фарбеҳи Шодибойро дар оғӯш кашидам, ба тавре ки исобати шикамҳои фарбеҳи ҳар дуямон дар ин дидор монеъ нигардид, ки дар оғӯши якдигар гум нашавем. Ҳамин ки аз ҳамдигар оғӯш боз кардем, ба иҷбор сумкаамро аз замин баланд кард ва маро

ба кунҷи ҳаёти хона дар паҳлӯи дарахтчаҳои гелосу олу, ки фазои ҳаётро сарсабз карда, пушти мизи шом, ки аз қабл омода шуда буд, рӯи сандалӣ ҷоям дод ва худаш ҳам дар муқобилам рӯи сандалӣ пушти миз нишаст ва ба гуфтугӯи дӯстона ё ба қавли тоҷикҳо ба чақ-чақ машғул шудем. Ӯ аз Эрон мепурсиду ман аз Тоҷикистон, ман аз вазъи бади иқтисодӣ мегуфтам ва ӯ аз баландошёнаҳое, ки ба монанди занбӯруғ тавассути паймонкорҳои чинӣ дар шаҳри Душанбе сар ба фалак мебурданд ва ҳамин тур аз гелосҳою олучаҳое мехӯрдем, ки дар зери сояи шаб нишаста будем. Аз миёни шохсор ту дар туи тоза хисшудаи дарахтчаҳо боис мешуд, насими хунуки баҳори хурдодмоҳ шаҳри Хуҷандро чун навозиши модарона эҳсос кунем.

***

Агарчи каме фарбеҳ шудаам ва шикамам каме ба пеш дамида, вале то охирин донаҳои биринҷи оши палаве, ки зани Шодибой пухтаро хӯрдам ва ҳайкали фарбеҳамро рӯи сандалии пластикӣ раҳо кардам ва ӯ низ дар бораи ҳарфҳое, ки мебоист назди падараш бигӯем, бо ман ҳамоҳанг мекард.

Тап-тапи заифи кӯбиш дар оҳане ба гӯшам расид, маълум буд дастони кӯчаке бо шӯру шавқ ба сина дари оҳани ҳотаи хонаро мекӯфт ва фарёд мезад: «Оқои Амирӣ! Оқои Амирӣ! ...». Як лаҳза вожаи Амирӣ аз даҳонаш бурида намешуд, ки аз Шодибой пурсидам: «Ин садои Шукрона аст?!»

- Оре, худи худаш... Гоҳу бегоҳ меравад хонаи духтарчаи муқобили хонаамон, беирода нигоҳам ба сумкаам дӯхта шуд, то ба маҳзи расиданаш кифи кӯчаке, ки аз Теҳрон харидаамро ба ӯ бидиҳам, донистам вақте ба хонашон биёям, ҳатман барояш туҳфа биёрам.

Апаи Нисо ё ҳамон ҳамсари Шодибой қабл аз ин ки шавҳараш дар фосилае, ки нисбат ба дари ҳаёт дошт, бихоҳад ба худаш биёяд, аз хона берун омад ва бо аҷала дари хонаро кушуд, аз миёни танаи нозуки дарахтони боғча дидам Шукрона чӣ гуна саросема духтарчаи ҳамтои худашро дар паи хеш бо исрор мекашонад, то маро ба ӯ муаррифӣ кунад, вале духтарча аз рӯи хиҷолат мамониат мекард, Шукрона ба ӯ гуфт: «Бароямон аз Эрон туҳфа оварда!» Духтарча даст аз муқовамат кашид ва шавқ пайдо кард, то дар паи Шукрона ба сӯи ман шитоб кунанд. Дидам, ки боз хиҷолат мекашад ва рӯяшро пушти парчини мӯҳои парешонаш пинҳон карда ва аз шарм нохун мегазад. То ҳудуде тавонистам аз сурати шармогини ӯ тафовуташро нисбат ба Шукрона бифаҳмам. Шукрона ҳамчунон дасти ӯро гирифта ба думболи худ мекашид ва ӯ бо бемайлӣ аз рӯи хиҷолат гомҳои кӯтоҳ ва сусте ба ҷилӯ бармедошт. Шукрона барои ташвиқ карданаш паёпай ба ӯ мегуфт: «Шарм накун, оқо Амирӣ бароямон туҳфаҳои нағз оварда, тез биё!»

Дар ҳоле, ки ман фақат як туҳфаи кӯдакона дар сумка доштам ва онро ҳам барои Шукрона харида будам! Бояд зуд роҳи чораҳои барои надодани туҳфа ба Шукронаро пайдо мекардам.

Дугона ё ҳамон дӯсти Шукрона хеле ором буд, шояд аз рӯи хиҷолат намехост ба наздики мо биёяд. Шукрона бемуҳобо дасташро раҳо кард ва ба тарафи ман давид, аз ҷо бархостам ва оғӯш кушода кардам ва чун парандае болҳояшро боз кард ва бо чашмони барроқаш хандакунон ва давон-давон ба сӯям давид ва дар оғӯшам ҷо гирифт. Ошиқи дандонҳои сафеду резаш будам, ҳамчун садаф дар миёни ёқути шаффоф лабҳои

кӯчакаш нигоҳамро медуздид. Аммо дар он сӯ нигоҳи духтарчаеро дидам, ки ором пушти шохсорҳои нозуки гули садбарг дар охири гӯшаи боғча дар васати ҳаёт худашро пинҳон мекард ва duздона ба оғӯш кашидани Шукронаро бо ҳасрати тамом менигарист, ин ҷо буд, ки дилам ҳиррӣ рехт! Азбаски ин чашмони ӯ шармогин аз нигоҳи ман буд. Шукронаро дар оғӯшам чархондам, мӯҳои бофташуда, то камараш чун танобе дар ҳаво мечархид ва зангӯлаи кӯчаке, ки дар интиҳои мӯҳояш муттасил буд, ҳамчун занги ихторӣ чашмонамро дар ҳар чархидан ба сӯи дугонаи Шукрона парт мекардам, ки аз нишоти чархидан Шукрона дӯсташро садо кард: «Умеда биё, ту ҳам бичарх...» чарбиҳои изофа дар бофти баданам боис шуд, то ҳолати хастагӣ пайдо кунам, ӯро ба замин гузоштам ва нигоҳ ба Умеда кардаму гуфтам: «Умедаҷон, биё чархат бидиҳам». Танҳо дуздона маро менигарист ва аз хиҷолат дар пушти шохсори гули садбарг худашро пинҳон мекард. Ба зону нишастам ва Шукронаро дар оғӯши гарм гирифтам ва оғӯши ростамро барои ӯ холӣ кардам, чанд бӯса ба гунаи Шукрона задаму гуфтам: «Бирав, дӯстатро биёвар!» Шукрона хеле тез ба суроғаш рафт ва дасташро ба зӯр гирифту бо заҳмат дар паи хеш кашонд, ба наздам овард. Каме пештар рафтам ва ӯро ҳам дар оғӯш кашидам, аз замин баландашон кардам ва чархондаму чархондам, то ин ки Шодибой гуфт: «Басашон аст, мумкин ҳолашон бад шавад». Дуруст мегуфт аз кӯдакдорӣ ҳеч намедонистам, илло алоқаи шадиде, ки ба духтарчаҳо доштам. Рӯи сандалӣ нишастам ва ҳар дуро рӯи зонувонам нишондам, ба лаҳҷаи тоҷикӣ гуфтам: «Мехоҳам бароятон шеъри кӯдакона бихонам, шумо ба гӯш

гиред, баъд ба хотир супоред, майлаш?!» Шукрона зуд ҷавоби мусбат дод, вале Умеда тоза кам-кам яххҳои хиҷолаташ об мешуданд. Ором чеҳраашро аз гиребон каме боло овард ва дуздона пилкҳояшро боло бурд ва чашмҳои сиёҳу бузургаш ба андозаи як пилк задан ҳамаи ҳарфҳои ногуфтаашро ба ман гуфт, аҷиб ба дилам чанг андохт, беирода, пас аз чанд бӯса аз рӯи гунаҳояш шурӯъ кардам ба шеър хондан, шеъре, ки аз кӯдакӣ ба таври ноқис дар ҳифз доштам, кӯтоҳӣ накардам ва бо овоз мусиқоӣ шурӯъ ба хондан кардам:

Я тӯп дорам қалқалие,
Сурху сафеду обие,
Мезанам замин, ҳаво мера,
Намедунӣ то куҷо мера.

Ман ин тӯпу надоштам,
Машқому хуб навиштам,
Бобом баҳам идӣ дод,
Я тӯпи қалқалӣ дод.

Гӯё азалоти бадани Умеда аз гирифтагӣ озод шуданд, метавонистам гармои баданашро эҳсос кунам, аз тарафе мекӯшидам отифаамро миёни ҳар дуяшон ба дурустӣ тақсим кунам, ки Шукрона ҳасудӣ накунад. Ҳар жесте, ки Шукрона мегирифт, Умеда ҳам тақлид мекард. Ҳар чӣ аз сонияҳо мегузашт, гӯӣ рӯде аз муҳаббати Умеда ба қалбам ҷараён меёфт, ки чандон бароям бегона набуд! Дубора «Я тӯп дорам қалқалӣ»-ро хондам, ниҳоят вақте ба вожаи бобо мерасидам ҳалқаи дастони Умеда ба даври гарданам тангтар мешуд! Тавре ки тамоюл дошт чеҳраашро ба гардани лухти ман наздиктар кунад, дучори тардид ва хиҷолат буд. Вақте шеърро барои севумин бор хондам, бемуҳобо Шукрона пурсид: «Бобом баҳам идӣ

дод, яъне чӣ?!» Ин бор Умеда чеҳраашро ба гарданам часпонд ва Шодибой бо чеҳраи хомӯше, ки зоҳиран ба хондани рӯзнома машғул буд, ингор мехост пушти айнаки мутолиа худашро пинҳон кунад! Фаҳмидам, дар ин миён ҳодисаҳое иттифоқ уфтодааст, мавзӯъаш аз чӣ қарор аст, ба ман маълум набуд, то ин ки инъикоси нури лампҳои сафедранге, ки дар чанд ҷои ҳота ба шохсори дарахтон насб шуда буд, дар чашмони тоза ба обуфтодаи Шодибой мунъакис шуданд. Тапишҳои қалби Умедаро мефаҳмидам, забони эҳсоси ӯ бо дилам ба оне гиреҳ хӯрд, воқеият ин ки кӯдакон аз мо бузургтарҳо хеле тезтар мефаҳманд, ки вазъият ғайриодӣ шудааст! Ногаҳон лабони кӯчаки Шукрона ба лолаи гӯшам наздиктар шуд ва нафасҳояш бо шитоб ба дохили гӯшам фурӯ мерафт ба оҳистагӣ гуфт: «Дадаи Умеда, мурдагӣ!» Шукрона аз оғӯшам худашро озод кард, рафт суроғи Шодибой ва остини пайроҳи падарашро кашид ва бо хандаҳои резаш гуфт: «Дадаҷон! Бобом баҳам идӣ дод, я тӯпи қалқалӣ дод?! ...» Шодибой тибқи одати ҳарвақта ба таври ногаҳонӣ асабӣ шуд ва чандин бор сарашро дар зовияи хеле кам ба суръат такон медод. Ба эҳтимоли қавӣ дар он шароит масъалаҳое пеш омад, то ин ки Шукронаро бо асабоният пас зад. Мутаваҷҷеҳ шудам, ҳарчи ҳаст бояд марбут ба Умеда бошад! Ибтидо аз рафтори Шодибой бо Шукрона нороҳат шудам, аз тарафи дигар чашмони тари Умеда ҳам дар тамос бо урёнии гарданам буғзам гирифт ва аз ҷо баланд шудам ва Шукронаро, ки мехост гиря кунад, дар оғӯш гирифтам ва ҳар дуро ба умқи ҳаёт бурдам. Якбора ҳама чиз сокит шуд ва ман мисли гаҳвора барои ин ду кӯдак худамро такон медодам.

Бидуни ин ки сарашро боло биёварад, ба Шукрона гуфтам: «Умедаро бибар хонашон». Ба рӯи ду зону нишастам, то Умедаро бибарад, вале чӣ кунам, ки Умеда намехост аз оғӯши ман берун биравад, ман ҳам дилам намеомад ӯро аз оғӯшам ҷудо кунам, хусусан вақте фаҳмидам, ки падар ҳам надорад! Дубора Шукронаро ба оғӯшам гирифтам ва нарм-нармак тавъам бо сукут ҳамчун гаҳворае мутаҳаррик ба самти дари ҳаёт рафтам, мехостам каме аз Шодибой фосила бигирам, то фурсат барои пинҳон кардан ашкҳояш дошта бошад.

Ҳар чӣ қадар сонияҳо пушти сари ҳам мегузаштанд, талхкомтар мешудам, ҳузни хуфтаи кӯдакиям ҳамчун захмҳои кӯҳнае аз гулӯям берун зад. Ангор касе бо ду даст гулӯямро мефишурд! Бадтар аз ҳар чиз нафасам боло намеомад, ниёз доштам нафас бикашам, сангинии ду кӯдаки рӯи дастонам намегузошт ба осонӣ нафас бикашам, то аз ин нафастангӣ, ки бештар барои кашидани сигор аст, раҳоӣ ёбам. Ҷолибтар ингор, ки никотини хунам кам шуда бошад, тибқи одати бадам ҳаваси сигор кардам, вале ба далели ҳузури духтарчаҳо наметавонистам сигор бикашам, якбора апаи Нисо - ҳамсари Шодибой барои ҷамъ кардани мизи шом аз иморат берун омад ва маро дид, ки чеҳраам дарҳам фурӯ рафтааст, узр хост то Шукронаро, ки дар ҳолати қаҳр буд, аз оғӯшам бигирад ва гуфт: «Акаи Амирӣ шумо монда шудед!...» Шукрона натанҳо аз падараш нороҳат буд, балки каме ҳам бошад ба Умеда, ки дастонашро ба гарданам муҳкам ҳалқа карда буд, ҳасодат меварзид, ҳар чӣ қадар Нисо талош кард, то Шукронаро аз оғӯшам бигирад, аммо натавонист, гӯӣ ҳар коре Умеда мекард, ӯ низ

анҷом медод. Мунтаҳо Шукрона дар ин миён бо садои баланд гуфт: «Ман дигар дадаро дӯст надорам, акаи Амирӣ дадаи ман аст!». Нисо хандид ва дубора талош кард, то Шукронаро аз оғӯшам бигирад, аз сӯе Нисо нохоста чашм аз дастони ҳалқашудаи Умеда ба даври гарданам бар намедошт, мисли ин ки худаш фаҳмид чӣ воқеае рух дода?! Вақте чашмони пуробамро дид, худаш дарк кард, моҷаро аз чӣ қарор аст! Ногаҳон садои кӯфтани дари ҳаёт ба гӯш расид, чатре аз сукут ҳама хомӯш шуданд, ин бор зани ҷавоне Умедаро садо кард: «Умеда, Умеда тез биё, ба хона равем!» Нисо даст аз гирифтани Шукрона кашиду ба самти дари оҳании ҳаёти хона рафт, каме табақаи дарро боз кард, нахуст бо зане, ки дида намешуд бо садои ором гапу гуфтугӯи дӯстона кард, маълум шуд бо ҳам дӯстони самимӣ ҳастанд. То ин ки дари ҳаётро кушодатар кард. Ба рӯи ду зону нишастам, зане, ки дида намешуд, хиҷолат мекашид, дохили ҳаёти хона шавад, Умедаро ором садо кард, вале Умеда ба ин ҳарфҳо гӯш намедод, то ин ки зан аз дили торики кӯча ба дохили ҳаёт омад ва чеҳрааш чун қурси моҳ бар нигоҳам тобид, барои лаҳазоте чашм дар чашми ӯ қуфл шуд, иттифоқи хеле аҷибе рух дод, ки бовар карданаш барои ман бисёр сахт омад, зан нигоҳашро бо шитоб аз ман гирифт ва ба Умеда дӯхт, ки чӣ гуна духтарчааш дастонашро ба гарданам ҳалқа зада. Инҷо боз дилам ҳиррӣ рехт!

Натавониста будам фаромӯшаш кунам, ҳар он чи дар хотирам дафн карда будам, дубора он лаҳза набши қабр шуд, ҳар бор, ки ба Тоҷикистон меомадам, умедвор будам, ҳатто ба таври ногаҳонӣ ҳам бошад, боре шуда Мижгонаро бибинам. Ҳар куҷо, ки дар бораи ӯ фикр

мекардам, дилам гумм мезад. Беихтиёр дар интиҳои нигоҳам ба ҳар зане дар Тоҷикистон менигаристам, нохоста дилам ба думболи Мижгона мегашт, то ин ҳангом, Чӣ бад ҳангом! Дар баробари дидагонам, инчунин дар бухту нобоварӣ зоҳир шуд. Тани нозуку чашмони оҳувораш гӯӣ дар сояи ду ханҷари абрувонаш паноҳ гирифтаанд ва атре, ки аз танаш дар насим мепечид, машомамро пур кард.

Нисо каме ба нигоҳи ман, ки дар паи Мижгона медавид, шак кард, мунтаҳо фикр намекард, нигоҳи ман решадортар аз як ҷарақаи лаҳзаина аст. Намедонист миёни ману ӯ розҳое ба ҷо монда, дар зеҳнамон вуҷуд дорад, ки ин замон кибрити хотира ба анбони борути хаёламон задааст, ки ҳар ду дар они оташ доштем, месӯхтем. Худам ҳис кардам, чи қадр шах шудаам ва араҚи сард пешониамро пахш менамуд. Тоқати дидани ҳамдигарро надоштем, медонистем ҳар он чи дар ниҳон дорем, чун оташфишонии ногаҳон ба берун намоён хоҳад шуд.

Бо шитоб зербағали Умедаро гирифт ва ба тарафи худ кашид, вале Умеда дастонашро ба гарданам ҳалқа карда буд ва раҳо намекард, то ҷое, ки тоби муқовимат наовард, ногузир мӯҳои пушти гарданамро гирифт, ки боз ифоқа накард, ман ҳам ночор будам, ношӣ аз канда шудани мӯҳои пушти сарам дардро таҳаммул кунам, то ин ки таҳмондаи мӯҳои сиёҳу сафедам дар мушташ ҳамчунон боқӣ монд, гирякунон аз бағалам ҷудо шуд, дар оғӯши модараш ноороми мекард. Нисо зору ҳайрон шуд ва дарк намекард, ки дар миёни онҳо чӣ воқеае рух додааст?! Вале модари Умеда медонист, ки солҳо пеш чӣ иттифоқе миёни ману ӯ уфтода буд, ки рӯзгор инчунин дубора моро бад-

ин дидор даъват кардааст, дуруст замоне, ки Шодибой қабул карда, ки ҳамроҳи ман бояд ба хостгории духтаре, ки мунтазири мост, биравем.

Ногаҳон духтару набера ва домоди Шодибой, ки якчанд кӯча онсӯтар хона доштанд, вориди ҳаёти хона мешуданд ва Нисо ба ҳолу аҳволпурсии онҳо машғул шуд, сипас наберaи ширхораашро ба оғӯш гирифта, ӯро меҳрубонона мебӯсид. Дар он лаҳза Мижгона мамлӯ аз шарм бо овои гиристани кӯдакаш дар сиёҳии кӯча гум шуд ва Шукрона бештар мутаваҷҷеҳи писарчаи хоҳарбузургаш мешавад ва ман низ зору ҳайрон талош мекардам, одӣ бошам, то он чи аз ҳасрат гиребонамро гирифта, бигурезам. Чӣ кунам, ки Мижгона мисли тоблуи навакак наққошишуда, ҳатто дар мусофаҳа бо домоди ҷавону қадбаланди Шодибой аз пеши чашмонам дур намерафт. То ҷое, ки домоди Шодибой ба ман рӯ оварда гуфт: «Акаи Амирӣ! Чаро ин шаб гаранг ҳастӣ?» Нисо кӯшиш кард, то далели сардӣ ва мурдагии чеҳраамро барои домодаш тавзеҳ диҳад: «Умеда духтарчаи ҳамсоя акаи Амириро ҷои падараш ғалат гирифтааст». Домод ба далели падар будан, дарк кард чӣ воқеае рух дода, гӯшаи лабонаш якбора поин афтоданд ва мӯҳри сукут рӯи лабонаш нишаст, фаҳмид чӣ ҳоле дорам.

Зуд писарчаи яксолаашро аз оғӯши духтари бузурги Шодибой гирифтам, то шояд ҳоламро иваз кунад, ки Нисо мутаваҷҷеҳи сурхӣ ё ҷойпанҷаи Умеда дар пушти гарданам шуд ва ба тундӣ рафт ба дохили иморат ва зуд бо пахта ва бо як шиша араҷи «Шоҳона» бозгашт. Монда будам, арақ барои чӣ оварда?! Вақте пахтаро бо арақ тар кард ва рӯи захме, ки аз чанголи Умеда бардошта будам, гузошт, нав фаҳмидам чӣ мехоҳад!

Тақрибан каме пушти гарданам хунолуд шуда буд, вале он қадар намоён набуд, ки бихоҳам пироҳанамро ивазаш кунам.

***

Шодибой ҳамин тур, ки ронандагӣ мекард, нигоҳе гузаро ба ман кард, маълум буд худи ӯ ҳам аз иттифоқе, ки уфтода мутаассир шуда, ман ҳам мисли одамҳои ба шиддат афсурда фақат ба як нуқта менигаристам. Аслан ҳеч чизро натанҳо медидам, балки ҳарф заданҳои Шодибой дар ҳини ронандагиро ҳам гунгу номафҳум мешунидам, фақат дар хаёлам Мижгонаро медидам, ки чӣ гуна бо он куртаи сиёҳ, бо он пулакдӯзиҳои барроқ даври синааш ва гесувони баландаш, ки дар рӯи сараш ба монанди як тоҷ бо рӯмол ҷамъ карда буд, зеҳнамро пур мекард! Амиқан нафас мекашидам, то бӯи танашро дубора ба хотир бисупорам.

Шонаамро такон дод ба монанди ин ки аз хоб бипарам, ба худ омадам, мошини шоссеи баланди сафедрангашро канори хиёбони шоири муосир Турсунзода порк карду пурсид: «Мижгонаро мешиносӣ?» Ҳайрон шудам ва оби даҳонам хушк шуд! Чизе нагуфтам, бо сукутам ба ӯ фаҳмондам, ки бале мешиносамаш, каме сандалиро ақиб доду пурсид: «Сигор дорӣ?» Росташ мехостам сигор бикашам, вале бо дидани Мижгона ёдам рафт, ингор никотини хунам кам шавад, ба мағзам фармон дода мешавад: «Алъон вақташ шуд, бояд сигор бикашӣ» ду нах сигор равшан кардам, яке барои ӯ ва яке барои худам, ба берун нигаристу гуфт: «Росташ дар тӯли ин солҳо бо эрониҳои зиёде ошно шудам, вале бо ту дӯстиро идома додам... Падараш ба хотири ман ҳозир аст духтарашро ба ту бидиҳад... Намехоҳам гӯшае дар

зеҳнам дар бораи ту холӣ бошад! ... Агар омодагӣ надорӣ метавонем баргардем...». Сукут кардам ва Шодибой ба ман нигаристу гуфт: «Мунтазирам?»

Дар ин чаҳор соле, ки Мижгонаро надидам, тасаввур кардам бояд издивоҷ карда ва машғули зиндагии худ бошад, намедонистам зиндагӣ мувофиқаш набуда! Аз тарафи дигар, Шодибой ҳам хеле кӯшид, то тавонист падари Рудобаро розӣ кунад, ки духтарашро ба як хориҷӣ бидиҳад. Коре, ки Шодибой кард, бародарам барои ман анҷом надод... Дуди сангине аз сигор гирифтам ва бо шитоб онро ба берун аз мошин фиристодам, ба Шодибой нигоҳ карда, талош намудам, то чизе ба ӯ бигӯям, вале ба лакнати забон уфтодам, ба қавли тоҷикҳо гаранг шудам. Он қадр, ки наметавонистам як ҷумла дуруст кунам. Худаш шурӯъ кард, барои ин ки роҳат ҳарфашро бигӯяд, рӯяшро аз ман баргардонд ва таҳсигорашро, ки то нима кашида буд, ба берун партоб карду гуфт: «Ҳудудан як соле дар Эрон зиндагӣ кардам, замоне, ки ҷангҳои шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба авҷ расида буд... медунӣ! Баъзе вақтҳо ба ҷое мерасидам, ки наметавонистам мардуми Эронро бишиносам ... намедонам, чӣ иттифоқе уфтода?! Фаҳмидам одамҳое туи Эрон мисли утоқ ту дар ту ҳастанд ... дорам теҳронӣ ҳарф мезанам, ки роҳаттар манзурамру бифаҳмӣ! Вақте вориди утоқи аввал мешӣ, фикр мекунӣ тамом шуд, фақат ҳамина, чанд рӯз намегузара мутаваҷҷеҳ мешавӣ, эй бобо! Я дари дига ҳам ҳаст, ки ба утоқи дигае роҳ дора, боз вориди ун утоқ мешӣ, боз мефаҳмӣ як утоқи дигае ҳам ҳаст! Ҳамин тур идома пайдо мекунад... Ба унвони касе, ки соҳиби тиҷоратам ва бо Эрон робита дорам, эътироф мекунам ҳанӯз нашинохтамашон, ҳатто душманонаш ҳам

натавонистанд бишиносандашон! Тоза мо ҳам забун ҳам ҳастем, тоза «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ барои ҳар ду кишвар як ҷуре муқаддаса... Росташ намехом баъд аз чанд сол ба ин натиҷа бирасам, ки дар бораи ту иштибоҳ кардам, пас хоҳиш мекунам ҳарферу бигӯ, ки панҷ сол баъд ҳам ҳамин ҳарфру бигӯӣ! ...Албатта, як тарафа қазоват намекунам, мо ҳам масоили худамуну дорем... Албатта, ин ҷур тафовутҳо наметуна ҳамааш айб боша, пас коре кун, ки виҷдонат мега... Ба қавли шумо муҳим ина, ки инсон бошем ва ба қавли мо одамгарӣ дошта бошем, бигузарем! Иттифоқи имшаб маро сахт ғамгин кард, воқеан манам мисли ту намедонам, алъон чӣ кор бояд бикунем?! Хуб! ...Ҳоло навбати туст» Аслан ҳавосам набуд, ки хокистари сигор ба охир расида, то ин ки рӯи ангуштамро сӯзонад, ба худ омадам, ба берун парташ кардам ва оби даҳонамро қурт додам, мехостам ҳарф бизанам, наметавонистам! Забонам ҳис надошт, фикр намекардам ин гуна шавам; худи Шодибой фаҳмид, ба гунае, ки гирифтори мушкилоти дарунӣ шудам. Худаш дубора фаъол шуду гуфт: «Мижгона ҳам зан хубе... агар розӣ бишавӣ ва духтарчаашро қабул кунӣ, зани хеле хуб аст, покдоман, аз ҳама муҳимтар хеле зебост... Баъзе вақтҳо метарсам, ки ба чашмонаш нигоҳ кунам, одамро ҷоду мекунад, вале покдоман аст».

Намедонам Шодибой қасдан ин суханро гуфт ё воқеан ҳеч гуна огоҳӣ дар бораи Мижгона надошт. Боз лабханде заду гуфт: «Модараш ҳам бо ӯ зиндагонӣ мекунад», намедонам чӣ тур шуд, ки беихтиёр аз даҳонам париду гуфтам: «Даҳ дақиқаи дигар ҳатман мегӯӣ падараш ҳам бо ӯ зиндагӣ мекуна?!»

- На ин тур нест!

- Хуҷандист?

- На... дар Душанбе зиндагӣ мекард, худаш ба Нисо гуфта

- Қабулаш дорӣ? Яъне эътимод ба ӯ доред?

- Нисо, ки дар бораи ӯ бисёр гапҳои хуб мезанад... Нисо зани бозаковате аст... Бештар вақтҳо духтарчааш бо Шукрона бозӣ мекунад... Зоҳиран худат бештар бо ӯ ошно ҳастӣ.

- Хуб оре, вале солҳост, ки надидамаш! ... Одамҳо хеле зуд ба зуд иваз мешан.

- (ҳамроҳ бо лабханд) Чӣ гуна ошно шудед?

- Ба назарам ... сири мардон пӯшида бошад беҳтар аст....

- Ин гапи ту бештар маро кунҷков кард (механдад), дӯст дорам бидонам ... Албатта, агар хеле барои ту сахт нест?

- Бояд қавл бидӣ ... ин гапҳои маро ҷое бозгӯ накунӣ!

- Ҳей мард, ту ранги бародарам ҳастӣ!

*　　*　　*

Вақте барои аввалин бор шунидам дар Тоҷикистон бо забони форсӣ ҳарф мезананд, алоқаманд шудам, то биёям инҷо. Ба думболи як фурсат будам ба ҳар тариқе, ки шуда худамро ба ин ҷо бирасонам, билахира пас аз гузашти чанд сол аз ҷанги шаҳрвандӣ, як тоҷики хуҷандӣ, ки сокини Теҳрон буд, барои омадан ба ин ҷо маро ташвиқ кард ва роҳи чора нишонам дод. Ба Душанбе омадам, вақте дар хиёбони Рӯдакӣ зери сояи баҳории дарахтҳои пиру сар ба фалаккашида қадам мезадам, ғурури аҷибе пайдо кардам, ки дар дигар сафарҳоям ба кишварҳои аврупоӣ ба он эҳсос нарасида будам. Аксар шабҳоро дар клубҳо то посе аз шаб сипарӣ мекардам, то ин ки дар яке

аз ҳамин шабҳо, ки аз клубе берун меомадам ва аз канори дарахтони дар як саф қатори хиёбон роҳ мерафтам, садои хастаи як зани хеле ҷавон маро ҷалб карду гуфт: «Ҳей ака... акаҷон ин сӯ нигоҳ кун!» аз чашми эрониҳо пинҳонӣ ман як обҷав ё ҳамон пиво нӯшида будам, баъд фаҳмидам дараҷоти алкулияш бештар буда, оҳиста-оҳиста калаам гаранг шуда буд, ман дар Теҳрон алкул истифода намекунам, ҳатто дар ниҳон ҳам наменӯшам! Ин бор фазои гарми клуб ташвиқам кард, ки бинӯшам. Баъд беихтиёр рақсидаму рақсидам, ки пироҳанам аз арақ тар шуд. Бо сархушӣ ба атроф нигаристам, то ин ки соҳиби садо чун як фаришта гӯшамро навозиш дод. Барои севумин бор садоям кард, ин бор баргаштам ва ӯро дидам, ки оҳиста аз пушти дарахте ҳувайдо шуд. Ҳаёю хиҷолат аз сару рӯяш меборид, бо эҳтиёт пеш омад, нигоҳам дар нигоҳи ӯ, ки дар сояи мижаҳои баландаш ба ман менигарист, қуфл шуд. Талоълӯи ҳар нури камсӯе дар чашмони оҳуворааш мунъакис мешуд ва ҳарчи ҷилӯтар меомад, абрувони ханҷаргунааш чун сарбозе аз ду чашмони ҷодугараш муҳофизат мекарданд. Гӯшҳоям ба ҳар садое дигар ба ҷуз лаҳни каломи ӯ намешунид, медонӣ?! Ҳамон нигоҳи аввал инон аз ихтиёрам рабуд! Пурсид: «Афғон ҳастӣ?» Эҳтимолан медонист эрониям, фақат мехост мутмаин шавад. Посух додам: «эронӣ ҳастам». Шояд барои аввалин бор буд, ки аз эронӣ буданам эҳсоси хубе доштам, зеро дар чеҳрааш оромише нишаст, ки ба ман ҳам интиқол дод. Ҳар он чи агар аз ҳушу заковат дар ман ёфт мешуд, ба ғамзае ба яғмо бурд. Зоҳиран на дарсади алкули обиҷав корашро ба хубӣ бар зеҳнам анҷом дода буд. Ин бор бо нозу ишва гуфт: «Ёри тоҷик намехоҳӣ?»

Боз ин ҷо дилам ҳуррӣ рехт! То ҳудуде мефаҳмидам маънои ёр чист, ба ростӣ ҳолате ба ман даст дод; ҳар он чи, ки мебинам ва мешунавам ҳамоне бошад, ки дилам мехоҳад. Посух додам: «Чаро, ки на?!» Ғунчаи лабонаш шукуфта шуд ва дандонҳои сафедаш чун садаф нигоҳамро дуздид ва ман ба тезии ду неши дандонҳои бабргунааш мутамаркиз шудам, каме аз дандонҳои ҷилӯтарӣ баландтар менамояд, ба таъна гуфтам: «Нешам задӣ, ту эй нешдандон ёри тоҷик» боз қадаме пештар омад ва номамро пурсид, дар иваз ман ҳам номашро пурсидам, бо лаҳне хушоҳанг гуфт: Мижгона. Гуфтам: «Шири модарат ҳалолат бод, чӣ номи зебо ва муносибе бароят интихоб кардааст». Дубора пурсид: «Меҳмонат шавам?» Гуфтам: «Чаро, ки на!» Даст рӯи қалбам гузоштам ва идома додам: «Ин ҳам тахти подшоҳии ту, ки чун Лайлӣ бар ин маҳмил нишинӣ баъдҳо, ки аз ҳолати мастӣ берун омадам, фаҳмидам ӯ бо ҳар касе ҳамхоба намешуд, магар аз имтиҳонаш сарбаланд берун меомад! Гӯӣ содагӣ ва садоқати ношӣ аз мастии ман, ин бор бахту иқболро ба фоли дили девонаи ман зада буд.

Ресмони ақламро гирифт ва ба думболи худ кашид. То он лаҳза мутаваҷҷеҳи даруни оғӯшаш набудам, то ин ки кӯдаки ширхорааш садои ванге кард, ки аз тааҷҷуб мехостам, шох дар меовардам! Воқеан асабҳоям ба ҳам рехт, ҳиси утуффат ва тараҳҳум якҷо гулӯямро фишурд. Ҳар он чи аз мастиям буд, ба хуморе мубаддал шуд.

Талаби бахшиш кард, аз рӯи ҳаё ба ман пушт кард ва пистонашро ба даҳони кӯдак гузошт. Аз дарун ҳисси хуши фавқулодае доштам, эҳсосаш мекардам.

Ба ҳангоми шир додан сарашро кач кард, ба ман нигарист, пурсид: «Аз кучои Эронӣ?» Гуфтам: «Теҳрон».  Бо ҳисси хубе дубора бо лабханд пурсид: «Теҳрон?!» Ангор хушҳол шуд ва барои итминон боз пурсид: « Машҳадӣ, ки нестӣ?!»

-Гуфтам, ки Теҳронӣ ҳастам.

- Зан дорӣ?
- На
- Чанд сол дорӣ?
- Монанди чандсолаҳо ҳастам?
- Қариб 35 сола
- Худоро шукр ҳанӯз чавонам
- Чаро туй накардӣ?
- Тӯй?!
- Яъне чаро издивоч накардӣ, яъне арӯсӣ накардӣ?!
- Алъон туи Эрон дер издивоч мекунанд...

Ба худ омадам, кӯшидам беш аз андоза аз рӯи эҳсосот ҳарф назанам, вале оқибат таҳти таъсири нозу карашмаҳои ӯ қарор гирифтам, ки агар ин духтар дар Эрон буд, алъон барои худаш яксупросторӣ ба ҳисоб меомад. Ростӣ ростӣ, ки зеботарин ҳунарпешаҳои эронӣ боястӣ ба ин духтари точик таъзим мекарданд. Дилам намеомад ба ӯ дурӯғ бигӯям. Рафтораш тавре буд, ки маро водор мекард, ки содиқ бошам. Хушбахтона, навзодаш пас аз дақоиқи шир нӯшидан хобид.

Мижгона бо лабханди малеҳ рӯяшро ба ман карду гуфт: «Мехоҳӣ имшаб мо бо ҳам зану шӯ шавем?»  Таслимаш шудам ва ҳар он чи мехост беихтиёр қабул кардам, дӯст доштам фақат бихандад, чун дунёе аз зебоиҳо дар лабхандҳои ӯ намоён мешуд, ки дар ҳеч духтар ва зане, то ба он

лаҳза надида будам! Худаш таксӣ гирифт ва савор шудем, мунтаҳо аз сархушӣ вақте мехостам аз таксӣ дар наздикии хонае, ки иҷора карда будам, пиёда шавам, ронанда гуфт: «Даҳ сомонӣ мешавад», Бидуни ин ки бифаҳмам даҳ доллар додам, мутаваҷҷеҳ набудам бояд мобақиа пуламро бигирам, ки Мижгона ба ронанда мутазаккир шуд, то бақияи пуламро пас диҳад, ронанда бо асабоният даҳ долларро ба андозаи маблағи сомонӣ иваз кард ва боқимондаи пуламро пас дод, ҳамин ки аз таксӣ пиёда шудем ва Мижгона мутмаин гардид, ки таксӣ аз чашмандазамон нопайдо шуд ба ман гуфт: «Ин кӯдакро дар оғӯш гир» навзодашро рӯи дастонам гузошту гуфт: «Ин хел рафтор кун, ки падари кӯдак худат ҳастӣ... Майлаш?!»

- Бошад
- Ман ҳам аз паси ту меоям
- Охир чаро?!
- Ҳар чӣ мегӯям анҷом деҳ, барои худат хуб аст. Инҷо одамҳои ганда ҳам ҳастанд, мумкин бихоҳанд туро ғам диҳанд.

Таслимаш будам, пазируфтам ӯ чизҳое медонад, ки ман намедонам. Аз оғози кӯча дар он торикии шаб мисли зану шавҳарҳо ба тарафи хона ба роҳ уфтодем, ниҳоят ӯ аз пушт бо фосилае чанд қадаме ҳаракат мекард, то ин ки дохили иморати чанд табақаӣ шудем, ки хонаи иҷораи ман дар табақаи аввал қарор дошт. Ӯ шитобзада мехост ҳар чӣ зудтар дохили хона шавад, мехостам барқи хонаро рӯшан кунам, ки гуфт: «На! Гирон накун, фақат бигӯ, туалет ва ё ҳаммом куҷост?» нишонаш додам, фавран барқи ҳаммомро рӯшан кард, то фазои хона дар андозаи маҳдуд равшан шавад, ҳатто пардаҳои панҷарароро ҳам барои

итминон пӯшонд, то нури хона ба берун сироят накунад. Мутаваҷҷеҳи навзодаш шудам, ки чӣ тур ором дар оғӯшам хобаш бурдааст, аз гармои вуҷудаш хеле эҳсоси оромиш мекардам, ангор кӯдаки худам аст. Беирода нигоҳаш мекардам, гоҳе дуздакӣ ба гунааш бӯсае мезадам ва Мижгона ин саҳнаро ба таври тасодуфӣ дид.

Дар партави нури лампи ҳаммом то ҳудуде метавонистем, дар фазои хонаи шастметрӣ корҳои заруриро анҷом диҳем. Мунтаҳо ин Мижгона буд, ки бештар аз ман эҳсос нигаронӣ мекард, мудом аз дарзи миёни ду парда ва канораҳои панҷара барои чанд дақиқа ҳамин тур берун аз хонаро мековид. Бештар мутаваҷҷеҳи даруни мошинҳои порк шуда, дари перомуни иморатро ба диққат нигоҳ мекард, ман аз нигаронии ӯ тарсидам. Бо забони эътироз, ҳамроҳ бо дилсӯзӣ пурсид: «Чаро ин ҷо хона гирифтӣ?!» Гуфтам: «Хуб хонааш тоза аст». Гуфт: «Инҷоро умуман ба хориҷиҳо иҷора медиҳанд, ба ҳамин хотир мумкин баъзе одамҳои ганда бихоҳанд шуморо ғам бидиҳанд, мумкин ба иҷбор аз шумо пул талаб кунанд». То ҳудуде мехост китобӣ ва бо балоғат ҳарф бизанд, то мутаваҷҷеҳи ҳарфҳояш шавам, вақте ман мехостам бо лаҳҷаи теҳронӣ; он ҳам бо он калимот хӯрда шуда ва нимакора ҳарф бизанам, маҷбур мешудам тавзеҳоти изофӣ бидиҳам. Чизе нагузашт, ки навзодаш шурӯъ ба гиристан кард, ором карданаш аз ӯҳдаи ман хориҷ буд. Аз оғӯшам гирифташ ва зуд пӯшокашро дар утоқи хоб иваз кард, шир дод ва рӯи тахт хобаш бурд.

Шуои нури лампи ҳаммом ғайримустақим утоқи пазироиро ҳам равшан мекард, рӯи диван нишастем, каме ором гирифтем, метавонистем дар он лаҳзаи ноб дар бораи худамон фикр кунем,

чанд лаҳза сукути маънодоре байни ману ӯ ба вуҷуд омад, фаҳмидам хеле шарм дорад, ки ман ҳам аз шарми ӯ нохоста хиҷолат мекашидам. Боястӣ робитаро аз ҷое шурӯъ мекардам, мисл оҳуи ба дом уфтода дар гӯшаи рахти хоб ором гирифта буд, вале дарунаш ғавғое барпо буд. Намехостам маро чун гурги гурусна, ки тоза ба тӯъма расида, тасаввур кунад, фикр кардам ибтидо пулашро бидиҳам, лекин баҳо як робита ба андозаи нимаи шабро намедонистам; аз тарафи дигар боварам намеомад, ӯ танфурӯш бошад чаро, ки тифлашро ҳамроҳ дошт. Ин пурсише буд, ки намегузошт ба унвони танфурӯш бибинамаш, гумон бурдам боястӣ дар шароити бади зиндагӣ уфтода бошад, ки ногузир ба ин роҳ уфтодааст, зеро рафтораш ҳеч шабоҳате ба танфурӯшон надошт. Одами бетаҷриба набудам, ки ин мавзӯъро нафаҳмам. Барои имтиҳон ҳам, ки шуда як искинос сад долларӣ дар дасташ гузоштам ва дасташро гирифтам гӯӣ зилзила ба андомаш афтод! Беҳис шуд, зарабони қалбаш аз тарс боло гирифт, ангуштонамро рӯи набзаш гузоштам, худам ҳам доғ шудам ва дастамро пушти камараш бурдам, то ӯро ором-ором ба оғӯш бикашам, аммо аз шиддати зарабони қалбаш тарсидам. Дар зеҳнам нӯшхор мекардам: «Мабодо аз рӯи иҷбор мехоҳад бо ман бихобад?!» Ба ӯ гуфтам: «Натарс! Агар омодагӣ надорӣ ва ё мушкиле дорӣ, ман исрор намекунам». Аз канораш бархостам ва рӯбарӯяш нишастаму пурсидам: «Духтари ҷавоне мисли ту бояд хеле маҷбур шуда бошад, ки бо як навзоди яксола бихоҳад даст ба ин кор бизана... То худат нахоҳӣ ба ӯ даст намерасонам». Аз рӯи рахти хоб бархостам ва рафтам либосҳоямро аз тан бадар карда, либоси роҳате пӯшидам ва ба

ошхона рафтам ва мисли Мижгона ин бор бо диққати бештар берун аз хонаро ковидам, хусусан мошинҳое, ки наздики хона порк шуда буданд. Ҳама чиз ором буд, ё шояд ман чизе намефаҳмидам! Қуттии обмева ва ду ливон рӯи миз ҷилӯяш гузоштам ва дар муқобилаш нишастаму пурсидам: «Чаро ин корро мекунӣ?» Ҳарчанд ҷавобашро аз пеш ҳадс мезадам, вале мехостам баҳонае бошад, то сари гуфтугӯро боз кунам. Барои ин ки итминон бештаре пайдо кунад, идома додам: «Нигарон набош, худам ҳам хастаам ва ҳоло ҳавсалаи ин гуна корҳоро надорам, ин сад доллар ҳам ҳадяи ман ба кӯдакат бошад. Ростӣ нагуфтӣ номаш чист?» Каме эҳсоси амният кард ва чеҳраашро аз гиребон боло овард ва ба чашмонам нигоҳ кард, шояд синнаш ба бисту як сол мерасид. Ҷавоб дод: «Умеда».

-Чӣ исми қашанге, ман духтарчаҳоро хеле дӯст дорам, агар Худо рӯзе бихоҳадд ба ман фарзанде бидиҳад, ба ӯ мегӯям, хоҳиш мекунам, фақат духтар бошад.

Мижгона бештар эҳсос амният кард ва даҳонаш аз лабханд кушодатар шуд ва дубора он марворидҳои канори ҳам чидашуда дар даҳонаш чашмони маро масҳур кард, то ин ки аз рӯи хиҷолат дасташро рӯи даҳонаш гирифт. Рафтораш комилан занонаи занона буд, чизе, ки ман аз як зан интизор доштам. Гӯӣ диданаш аз он зовияе, ки қарор доштам ба маротиб лаззатбахштар аз ҳамхобагӣ бо ӯ буд! Чизе, ки шояд хеле аз мардҳо аз он ғофиланд ва он дидани ёр ва ошиқона ҳарф задан ва ошиқона нигоҳ кардан аст. Рӯи ангушти номзадиаш ҷои як ҳалқаро дидам, шак кардам, қаблан дӯсти тоҷикам ба ман гуфта буд, ки мо мисли русҳо ҳалқаи издивоҷро дар ангушти дасти

рост мекунем. Пурсидам: «Шавҳарат чӣ шуда? Хоҳиш мекунам, фақат дурӯғ нагӯ!» Ду гӯшаи лабонаш аз боло ба поин афтоданд, гуфт: «Сахт бемор аст, дучори бемории саратон шуда». Боз дилам рехт ва пурсидам: «Чанд сола аст?» Гуфт: «25 сола дорад».

Ҳар чӣ рақсида ва шодӣ карда будам, якбора ба ҳузни амиқе табдил шуд. Ғаме, ки дар оғози кӯдакиям бо он ошно шудам, он лаҳза, ки аз мадраса, синфи аввал боз мегаштам, мутаваҷҷеҳи холӣ будани бистари падарам шудам, қабл аз расиданам ба хона, ҷанозаашро бурда буданд, ҳеч гоҳ нагиристам, вале ҳамчунон дар таҳи дилам он ҳузн боқӣ монд ва он шаб захмҳои даврони кӯдакиям боз шуд ва сӯхтам барои навзоде, ки қарор буд, ятим шавад ва зани ҷавоне, ки қарор аст, бева шавад.

Ногаҳон касе сахт дари хонаро кӯфт, чӣ ваҳшатангез дарро мезад. Наздик буд, исти қалбӣ кунам, мехостам аз ҷо бархезам, то бибинам чӣ касест, ки ин гуна ваҳшатзо дар мезанад?! Мижгона аз ҷо баланд шуд, нагузошт аз ҷо бархезам, дастонамро бо илтимос муҳкам гирифту гуфт: «Инҷо ин гуна аст, як теъдоди падарлаънате мисли гурги гурусна мунтазиранд то як хориҷӣ, махсусан эрониҳое, ки муроқиби обрӯяшон ҳастанд, арӯс ба хона бибаранд, то аз онҳо ба зӯр пул бигиранд, ин кӯфтани дари хона ҳам ҳамин хел аст ... Ҳеч вақт набояд аз дискоклуб арӯс биёварӣ, аксари духтарҳо бо мардҳои гандаи берун аз клуб ҳамоҳанг ҳастанд». Пурсидам: «Барои чӣ?» Гуфт: «Дар ин муддат, ки эрониҳо меоянду мераванд, медонанд дар Эрон чӣ мегузарад, медонанд мардҳои эронӣ барои ҳифзи обрӯяшон ҳозиранд пули калон диҳанд, ин

одамҳои ганда фақат барои тарсондан мегӯянд, туро назди полис мебарем ва ба сафоратхонаатон таҳвил медиҳем ... Ҳамин ки дарро боз кунӣ, аввал аз ту бо телефони ҳамроҳ сурат мегиранд, то туро битарсонанд ... Бовар кун, худашон бештар аз ту метарсанд ... Медонанд ҳукумат дар Эрон мазҳабӣ ҳаст ва арӯсбозӣ манъ аст». Тоза вожаи арӯсбозиро фаҳмидам, бо садои ором гуфтам: «Кӣ гуфта дар Эрон арӯсбозӣ манъ аст? Ҳама чиз дар Эрон ҳаст, мунтаҳо ошкор нест». Канорам нишаст мисли модаре, ки барои фарзандаш нигарон аст. Гуфт: «Илтимос дарро боз макун! Саҳар, ки шавад мераванд, агар полис бифаҳмад, ин лаънатиҳоро меқапад, маҳкам мекунад, ташвиш накун!» Касе, ки шаби хешро ба хушӣ гузаронида, дар он дақоиқ мебоист бо нигаронӣ, нимашабро ба саҳар бирасонад. Ҳолам хароб шуд, интизори чунин иттифоқеро надоштам. Он қадар беинсоф буд, ки паёпай ба дари филизии хона мекӯфт, Мижгона рӯи дастаи рахти хоб, ки рӯи он нишаста будам, нишаст, маро аз шона ва паҳлӯ ба оғӯш кашид, чи қадр ба ман оромиш дод! Вақте гунаҳояшро рӯи сарам гузошт, гӯӣ тамоми мусибатҳои оламро фаромӯш кардаам, гармои танаш ба ман таҷрибае аз занонагии як зан дод, ки то он замон дарк накарда будам! Шояд бовар карданаш сахт бошад! Ман ошиқаш шудам, ҳама чиз дар гузари сонияҳо иттифоқ уфтод. Ӯ ба ман чизе дод, ки то он лаҳза надоштам, ӯ тамоми вуҷудамро аз худаш пур кард ва манро аз ваҳшату ҳиҷоби обрӯ озод кард, роҳаттар бигӯям, маро бандаи худаш кард.

Аз зиёдати кӯфтани дари хона хоб аз чашми навзод парида мегирист. Ба шиддат асабонӣ шудам, Мижгонаро канор задам, бо шаҳомат аз

ҷо баланд шудам, бо тамоми қудрате, ки Мижгона ба ман дод, пушти дар истодам, лабонамро дар дарзи дар гузоштам, то метавонистам фуҳш ва носазо гуфтам, ҳар чӣ ба зеҳнам мерасид, нисораш кардам ва дар охир ҳам таҳдид кардам: «Ба Худо, агар як бори дигар дар бизанӣ берун меояму тикаю пораат мекунам. Номард нимашаб чӣ аз ҷони мардум мехоҳӣ. Мешунавӣ кӯдак гиря мекунад, туи бемазҳаб ҳамина мехостӣ?!» Мижгона истода буд, маро менигарист, эҳсоси ғурурро дар чашмонаш дидам, бо нигоҳи ашколудаш аз ман ташаккур кард ва бемуҳобо худашро дар оғӯшам паноҳ дод ва ман бо ҳалқа кардани дастонам ба даври камараш ӯро дар вуҷудам маҳв кардам. Он ки дарро бо шиддат мекӯбид, хомӯш шуд.

Умедаро ба ҳаммом бурд ва ман ба дур аз нигаронӣ лампҳои хонаро равшан кардам ва ин бор Мижгона чизе нагуфт, зоҳиран боястӣ пӯшокашро иваз мекард, вақте поҳои кӯдакро дидам ба гунае арақсӯз шуда буд, мӯҳои чарбшудаи Мижгона ҳам ҳикоят аз он мекард, чанд рӯзест, ки ҳаммом накарда. Ӯро ташвиқ кардам, ҳаммом кунад.

Дари ҳаммомро баст, дубора рӯи тахти хоб нишастам, ҷое, ки ӯ нишаста буд ва гармои танаш рӯи он ҳифз шуда буд. Чашмонамро бастам бетаваҷҷуҳ ба ҳар чиз ба рӯъёи худ фурӯ рафта ва ба комҳо ва нокомиҳо андеша кардам, дар паси ин ранҷҳо ба ҷуз ошиқӣ кардан, агарчи ба зоҳир мумкин аст, ба обрӯрезӣ ҳам хатм шавад. Дигар нигарони бадномӣ ва обрӯ набудам, лекин дур аз инсоф буд, умеди шавҳаре, ки дар ҳоли марг ба кӯдаку ҳамсараш дил бастааст ва мисли шамъ об

мешавад, ноумед кунам ва тамоми ҳастии марде, ки бо марг дасту панҷа нарм мекунад, бигирам.

Акаи Шодибой! Дуруст аст, ки намоз намехонам, ҳатто шак кардӣ, ки шояд Худоро намепарастам, оре Худои туро намепарастам, балки бо Худо зиндагӣ мекунам. Ҳамин ошиқонаҳои нокоми ман зиндагӣ бо Худост, ки бо ман бо ҳузнҳо ва шодиҳоям ҳамқадам аст. «Акаи Шодибой чаро сокит шудӣ!?»

«Акаи Амирӣ! Дӯсти ман гиря накун! Ман қабулат доштам, вале ҳоло бештар боварат кардам, охираш бо Мижгона ба куҷо расидӣ? Чӣ шуд сарнавишти шавҳари беморaш?!»

«Акаи Шодибой! Ҳар он чи як одами боинсофе мебояд анҷом медод, саъй кардам анҷом диҳам, вале оқибат ночор шудем бо дарде, ки ба дил доштам, аз ҳам ҷудо шавем, дарвоқеъ раҳояш накардам ӯ ҳам раҳоям накард. Ҳамеша бо ман зиндагӣ мекунад.

Истисноитарин нимашаби зиндагиям буд, ногузир аз ӯ дур шудам, чаро ки дар зиндагӣ ба шавҳараш аҳду паймон ва муҳимтар аз ҳама ақди никоҳ дошт, фақат моҳ ба моҳ аз Теҳрон барояш маблағе ба ҳисоби бонкиаш дар Душанбе ворез мекардам, яксол ин кор ба дарозо кашид, бидуни ин ки ҳатто хабаре аз ӯ бигирам ё хабаре бишунавам. Охирин маблағе, ки барои ӯ фиристодам, бозгардонда шуд. Бонк эълом кард, ки Мижгона ҳисобашро бастааст. Надидани ӯ ва гузашти замон тавонист таби сӯзонеро, ки ба ҷонам уфтода буд, каме коҳиш диҳад. Аммо доғаш дар дилам мисли шӯълаи шамъ равшан монд, ҳар гоҳе гиребонамро мегирифт, то ба он ҷое, ки нохуш мешудам. Бо ҳар зане ҳам, ки ошно мешудам, бо Мижгона муқоисааш мекардам,

ҳамин амр боис мешуд, к ибо онҳо робитаи мудовим надошта бошам. Ба думболи лаҳзаи нобе будам, ки Мижгона дар як нигоҳ он нимашаб ба ман туҳфа кард, то ин ки баъд аз ду сол бо Рудоба ошно шудам ва эҳсос кардам, натанҳо аз назари рӯҳӣ ба Мижгона шабеҳ аст, балки дар баъзе маворид, ҳатто аз Мижгона бартарӣ дорад. Ин бор падари Рудоба аст, ки аз дари мухолифат бо ман ворид шуд ва аз баъзе хориҷиҳо сухан мегуфт, ки ба ин ҷо омаданду зан ихтиёр карданд, лекин баъдан зану кӯдакашонро раҳо карданду рафтанд ... .

Акаи Амирии азиз! Ман ҳам мисли ту дучори шакку тардид шудам, медонӣ?! Ман туро бисёр нағз мебинам, медонам мунтаҳо ин хуб дидани ман барои ҳамин ҳоли ҳозира аст, ки шояд дар оянда ту тағйир ёбӣ! Албатта, табиати рӯзгор ҳамин аст, одамҳо иваз мешаванд. Чӣ бояд кард?! Масири зиндагӣ ҳамеша бо майли ту созгор нест. Гоҳе метавонӣ тақдирро тағйир диҳӣ, гоҳе ҳам мебояст бипазирӣ, ки нотавон аз тағйир додан ҳастӣ, ба назарам бигузор ин ҷараён туро ба ҷилӯ бибарад, то масири зиндагӣ худаш сарнавишти туро рақам бизанад, ҳарчанд дар интиҳои зиндагӣ бисёре аз умедҳо ва орзуҳоямон ҳамчунон даст нахӯрда боқӣ хоҳад монд. Бояд бипазирем ғамҳое ҳаст, ки барои дили ману ту сохта шудаанд ва бояд бо зиндагӣ ба ҷои мубориза ҳамроҳияш кунем, ба ростӣ дар воқеият агар Қайс ба Лайлӣ ва Фарҳод ба Ширин ва Бежан ба Манижа мерасид, шеъри имрӯзаи мо аз ошиқонаҳо тиҳӣ мешуданд ва мо қиссаҳои ошиқона барои гуфтан надоштем. Ҳамаи ишқҳо дар паси ҳузнҳо ва ҳиҷронҳо ба такрор зода мешаванд. Ҳама медонанд, ки ин роҳ сахту ноҳамвор аст, лек барои

маъно кардани зиндагӣ роҳе ба ҷуз таи тариқ дар ин хиёбони пурғусса ва қисса нест. Ба ҳар ҳол ҳар тасмиме, ки бигиред, бегумон як дил шикастагӣ дар пай хоҳад дошт.

Набояд истод, бояд бо кӯлаборе аз ғусса ҳаракат кард, агар сокин бошӣ кӯлабори ғусса туро мефарсояд, муҳим роҳ рафтан аст, ҳатто агар нарасӣ ва тамоми зиндагии мо бо роҳ рафтан дар масири орзуҳоямон маъно пайдо мекунанд ва ишқ хуршедест, ки ин ҷодаро барои роҳ рафтан равшан нигаҳ медорад. Агар поҳои ту шикастанд, дар хаёлат роҳ бирав!

шаҳривари 1394

Муҳаррири техникӣ:
***Ҳомидҷон Нормуродов***

Ба матбаа 16.06.2014 супорида шуд.
Ба чопаш 26.06.2014 имзо шуд.
Андозаи 70x90 1/16. Ҳаҷм 7,5 ҷузъи нашрии шартӣ. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Адади нашр 500 нусха.

**ҶДММ «Нашриёти Бухоро».**
**ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**